**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 378:347.9 (575.3)**
**ТКБ: 74.5:67.99 (2) 90 (2 тоҷик)**
**З – 15**

**ЗАВҚИЗОДА СОЛЕҲ АМИН**

# ИНТИХОБ, ТАЙЁР НАМУДАН ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ СУДЯҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-АМАЛӢ ВА ТАШКИЛИЮ ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент
**Маҳмудов И.Т.**

**ДУШАНБЕ – 2022**

**МУНДАРИҶА**


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО..................................................................3**

**МУҚАДДИМА....................................................................................4-23**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ИНТИХОБ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ СУДЯҲО..................................................24-102**

1.1. Асосҳои ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо: таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ.......24-63

1.2. Танзими ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .............64-102

**БОБИ 2. ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ СУДЯҲО.........................................103-186**

2.1. Таълим ва такмили ихтисоси судяҳо: таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ...........................................................103-128

2.2. Асосҳои ҳуқуқии таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъминоти ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва методии раванди таълим дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................................129-149

2.3. Нақши меъёрҳои этикаи касбии судя дар раванди интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо ....................................150-186

**ХУЛОСА...........................................................................................187- 194**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ…….................................................195-199**

**ЗАМИМАҲО.....................................................................................200-203**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ......................................................................204-229**

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.........................................229-230**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶФО – Ҷумҳурии Федералии Олмон

ҶШСТ – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ФР – Федератсияи Россия

ШМСА – Шурои машваратии судяҳои Аврупо

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамии мавзуъ аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он ба ухдаи судя масъулияти баланди аз номи давлат амалӣ намудани адолати судиро вогузор намудааст. Ин мубрамӣ инчунин аз иродаи халқи Тоҷикистон, ки дар дебочаи Конститутсия ифода ёфтааст, ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор додааст, бармеояд. Ин ҳолат ба субъектони таъминкунандаи адолат масъулияти калонро вогузор менамояд. Иҷрои ин вазифаи муқаддас тақозо менамояд, ки роҳҳои нав ва муосири интихоб, тайёр намудан, баланд бардоштани савияи дониши судя ва талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбати ӯ таҳқиқ карда шавад. Зеро аз иқтидори судя ба тариқи дахлдор амалӣ намудани адолати иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад, ки ин худ омили асосии ноил гардидан ба боварии ҷомеа ва баланд бардоштани мақому нуфузи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Таваҷҷуҳи ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ва давлатҳои бунёдашон демократии ҷаҳон пайваста ба пайдо намудани роҳу усулҳои наву афзалиятноки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун равона шудааст, ки дар таъмини он судя саҳми ҳалкунанда дорад.

Шаҳрвандон бояд боварӣ дошта бошанд, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳои бавуҷудомада ва барқарор кардани ҳуқуқҳояшон, онҳо ба судяи касбӣ мурочиат менамоянд ва ин мурочиати онҳо дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ, боадолатона ҳал карда мешавад. Воқеан, нуқтаи ниҳоиро дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ташкилоту муассисаҳо судя мегузорад. Ҳатто дараҷаи амалишавии қонунҳои мукаммал ва ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидаткунанда дар дилхоҳ ҷомеа аз судяе вобастагӣ дорад, ки сатҳи баланди дониши касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва ахлоқи ҳамида дорад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардаанд: «Механизми муҳимми ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини волоияти қонун мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад»[1].

Ба масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо диққати махсус дода, ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судя донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиши ҳамаҷониба қарор дода шавад, таъкид намудаанд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[2].

Асоснокии мавзуи таҳқиқот ба талаботи амалӣ намудани як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун заминаҳои бунёдӣ ва тавзеҳдиҳанда, ба монанди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, барномаҳои миллӣ ва силсилабарномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (дар чор марҳила, барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021), Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғайра нигаронида шудааст. Мубрамии дигари мавзуъ аз муҳтавои санадҳои мазкур ва ҳадафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидаанд, бармеояд. Чунончи, дар ин Стратегия қайд гардидааст: «Таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, такмили раванди судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, таъмини волоияти

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2020).

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, ш. Душанбе, 21.11.2019 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2020).

қонун ва адолат самтҳои муҳимми рушд ва таҳкимдиҳии давлатдории мардуми тоҷик мебошад»[3].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи масъалаҳои мавзуъро дар 30 соли даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар ин давра тавассути ислоҳоти конститутсионӣ, амалисозии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва рушду нумӯи қонунгузории миллӣ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ таҳким ёфт. Дар ин робита масъалаи то кадом дараҷа ташаккул ёфтани механизмҳои назариявию амалӣ, ташкилӣ-ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисоси муттасили судяҳо ва талаботи умумии меъёрҳои этикаи касбӣ, умумият ё тафовут доштани ин механизмҳо бо таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои таҳқиқшаванда ва байналмилалӣ аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Раванди тағйирёбандаи сиёсӣ-иқтисодии ҷаҳони муосир, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, зуд-зуд дигаргун шудани авзои сиёсии ҷомеа ва дар ин замина пайдо гаштани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар аксар мавридҳо ҳаллу фасли онҳо ба уҳдаи судя гузошта шудааст, тақозо менамояд, ки як пешниҳоди муосири ба талаботи ҷомеаи зудинкишофёбанда ҷавобгӯйи интихоб, тайёр намудан, консепсияи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя коркарад карда шавад.

Дар ин замина мубрамии дигари мавзуи таҳқиқшаванда аз он сарчашма мегирад, ки мустақилият ва беғаразии судро танҳо судяе таъмин карда метавонад, ки аз рӯйи принсипҳои беғаразӣ, шаффофӣ, ахлоқӣ, тайёрии амиқи касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи ҳаётидошта ва ғайра интихоб ва таъин карда шавад. Ин талаботҳо ва амсоли инҳо дар

---

[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. Душанбе – 2016. банди 3.1. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурочиат: 27.06.2021).

асоси омӯзиши санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ бояд дар низоми ҳуқуқии миллӣ ҳамчун талабот нисбат ба судя, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя, раванди ташкили таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва этикаи касбии судя ҷой дода шаванд.

Ҳамин тариқ, интихоб ва таҳлилу коркарди мавзуъ аз лиҳози илмиву назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ дар шароити имрӯза барои ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон мувофиқ буда, он барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва амалияи судӣ аҳамияти калон дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Зимни анҷом додани таҳқиқоти мазкур доираи васеи масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки доир ба паҳлуҳои мухталифи онҳо олимони ватанӣ ва хориҷӣ назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Дар илми ҳуқуқи судии ватанӣ то ҳол доир ба масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя ва талаботи меъёрҳои этикаи касбии миллӣ ва байналмилалӣ нисбати онҳо таҳқиқоти маҷмуӣ ва мушаххас бо истифодаи усули муқоисаи ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ анҷом дода нашудааст. Вале паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуъ дар таҳқиқоти алоҳидаи олимони ватанӣ ва мутахассисони соҳа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Чунончи, масъалаҳои хусусият ва сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти олии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон ва Россия аз ҷониби Ф.Н. Абдуллозода[4], асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Суди Олӣ аз ҷониби А.А. Муродзода[5], ҳуқуқи инсон ва механизмҳои амалишавии он дар мурофиаҳои судӣ аз ҷониби З.Ҳ.

---

[4] Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ): дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – 223 с.

[5] Мурадов А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2014. – 190 с.

Искандаров[6], масъалаҳои назариявӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқии низоми ҳокимияти судӣ, мақоми судя аз нигоҳи талаботи конститутсионӣ аз ҷониби Х.М. Мирзамонзода[7], табиати ҳуқуқии санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Д.С. Раҳмон[8], таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби С.А. Шоназаров[9] мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамзамон масъалаҳои таърихии ташаккули ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, ҷой ва нақши ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ахлоқ ва шуури ҳуқуқӣ ва дар умум фаъолияти ҳокимияти судӣ дар асарҳои олимони ватанӣ, ба мисли А.И.Имомов[10], А.М. Диноршоев[11], З. Ализода[12], И.Р. Шодиев[13], И.Т. Маҳмудов[14], И.Ҳ. Furthermore Бобоҷонзода[15], К.Н. Холиков[16], М.А. Маҳмудзода[17] Н.А. Абдуллоев[18], У.А. Азиззода[19], Ф.М. Абдулхонов[20],

[6] Искандаров З.Х., Тураханова Д.Т., Каримова Т.Ф. Международные стандарты справедливого судопроизводства: Учебное пособие для студентов юридических факультетов / под ред. д. ю. н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе: Нашр, 2012. – 244 с.; Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 136 с.
[7] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – 168 с.; Мирзамонзода, Х.М. Анализ реализации судебно-правовой реформы в Таджикистане и необходимость разработки концепции судебно-правовой политики // Правовая жизнь. – Душанбе, 2020. – № 2 (30). – С. 133-146.; Гафуров, Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 121-138.
[8] Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 177 с.
[9] Шоназаров С.А. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. – Нашри дуюм. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 252 с.
[10] Имомов А.И. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе, 2003. – 135 с.; Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 768 с.
[11] Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – 225 с.; Диноршоев А.М. Судебная власть в системе разделения властей в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / под ред. А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – С. 439-450.
[12] Ализода З. Эволюция института парламента в Республике Таджикистан. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.
[13] Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 176 с.
[14] Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А. ва н.и.ҳ. Диноршоев А.М. – Душанбе, 2015. – С. 10-16.; Маҳмудов, И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ // Минбари ҳуқуқшинос. –Душанбе, 2016. – 7 сентябр. – № 13-14 (46-47). – С. 4-5.; Маҳмудов, И.Т., Абдуллоев, Н.А. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 57-68.
[15] Бободжонзода И.Х., Бадалов Ш.К. Международный коммерческий арбитражный суд как правовое явление // Правовая жизнь. – 2020. – № 2. – С. 56-65.
[16] Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / отв. ред. С.А. Авакьян. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 420 с.
[17] Маҳмудов М.А. Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 176 с.; Маҳмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 с.
[18] Абдуллоев, Н., Саъдиев, М.Х. Мақомоти судии Тоҷикистон дар масири такомул ва ислоҳот: ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / Н. Абдуллоев, М.Х. Саъдиев. – Душанбе: ЭР-граф, 2004. – 265 с.
[19] Азизов У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / под ред. А.А. Дорской. – Спб.: Астерион, 2019. – 608 с.
[20] Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана (историко-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

Ф.Т. Тоҳиров[21], Ш.Ш. Ализода[22], Ш. Шоҳиён[23] ва дигарон қайд гардидаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 дар мавзуи «Проблемаҳои назариявӣ ва амалии низоми судӣ, адолати судӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили шаклҳои гуногуни мурофиаи судӣ, назорати прокурорӣ, фаъолияти адвокатӣ, таҳқиқи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пояи омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо ва доираи амали меъёрҳои этикаи касбӣ дар таҷрибаи Тоҷикистон, амалияи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ, аз коркард ва пешниҳодҳо вобаста ба талаботи ҷомеаи муосири ватанӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ дар самти интихоб ва тайёр намудани судяҳои босалоҳият, беғараз бо истифода аз технологияи муосир ва талаботҳои меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба судя ва номзад ба вазифаи судя мебошад. Дар ин замина мақсад аз манзур намудани пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи миллӣ боз ҳам беҳтар гардонидани талаботи низоми интихоб, ки ба баамалбарории босамари адолати судӣ, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои

[21] Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 256 с.
[22] Ализода, Ш.Ш. Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т., ном. илм. ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 41-46.
[23] Ш. Шоҳиён. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ // Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон). – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 12-14.; Ш. Шоҳиён. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа // Қонуният. – 2017. – № 1. – С. 14-17.

инсон, манфиатҳои давлат, амният ва ташкилоту муассисаҳо маҳфуз аст, нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда иҷрои **вазифаҳои** зерин зарур мебошад:

- омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Фаронса ва ИМА дар самти интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, ба роҳ мондани консепсия, барномаи таълимӣ ва тайёрии номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя дар муассисаҳои таълимии давлатҳои таҳқиқшаванда ва дар ин замина пешниҳод намудани шакл ва усулҳои муосири таълим ва такмили ихтисоси судяҳо;
- омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани давраҳои ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти такмили сохтори судӣ ва тобеияти идоравӣ;
- бо истифода аз усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ, гузаронидани таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷии таҳқиқшаванда, бо мақсади манзур намудани пешниҳодҳои ба талаботи замони муосир мувофиқи интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва меъёрҳои этикаи касбии судя;
- дар қонунгузории миллӣ пешниҳод намудани мафҳумҳо ва тафсири номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшавандае, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя ва номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда;

- дар асоси таҳқиқот таҳия ва пешниҳоди консепсияи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо;

- муайян намудани таъминоти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, методии раванди таълим ва такмили ихтисос дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани сохтори асосноки ташкилии он;

- коркард ва шарҳу тавзеҳ додани мафҳум, моҳият ва принсипҳои этикаи байналмилалии судя ва нақши онҳо дар низоми интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя;

- таҳия ва пешниҳод намудани ҷадвали таҳлилӣ-муқоисавӣ оид ба талаботи Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои этикаи судяи давлатҳои хориҷӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки дар раванди интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя ва талаботи меъёрҳои этикаи касбии судя ба миён омадаанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ оид ба мақомоти судӣ, таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ оид ба интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва меъёрҳои этикаи касбии фаъолияти судяҳо бахшида шудааст.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва Шурои илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳилаи рушд ва ташаккули раванди интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбати судя дар даврони

истиқлолияти давлатӣ мебошад: 1) низоми интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар давраи фаъолияти Вазорати адлия (солҳои 1991-2003); 2) низоми интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар давраи фаъолияти Шурои адлия (солҳои 2003-2016); 3) низоми интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар давраи фаъолияти Суди Олӣ (аз соли 2016 то ҳоло). Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва баъзе кишварҳои Аврупо дар самти мазкур анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири масъалаҳои таҳқиқшаванда дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро ақидаҳо ва мавқеъҳои илмию назариявии мутафаккирон, олимон, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳокимияти судӣ, адолати судӣ, масъалаҳои интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо ва талаботи меъёрҳои ахлоқии касбии миллӣ, байналмилалӣ ва давлатҳои ҷудогона ташкил медиҳанд. Ин масъалаҳо дар корҳои олимон А.А. Муродзода, З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, С.А. Шоназаров, Ф.Н. Абдуллозода, Х.М. Мирзамонзода, А.Д. Бойков, А.Н. Поляшук, А.С. Кобликов, В.В. Ершов, В.В. Пейсиков, В.П. Верин, Г.Т. Ермошин, Е.Б. Абдрасулов, Е.Б. Абросимова, И.И. Олейник, И.С. Власов, К.А. Орлов, К. Аното, М.В. Баглай, М.И. Клеандров, Н.К. Жукова, О.В. Бойков, Р. Давид, С.В. Боботов, С.Е. Витсин, У. Бернам ва ғайра инъикос ёфтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумӣ ва махсуси таҳқиқоти илмӣ, ба монанди: диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлил ва синтез, сотсиологӣ ва оморӣ ташкил додаанд. Ба сифати усулҳои махсус – усулҳои муқоисавии ҳуқуқӣ, назариявӣ, амалӣ ва ташкилии асосҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, байналмилалӣ ва

таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Татбиқи маҷмуи усулҳои номбаршуда ба омӯзиш ва таҳқиқоти ҳамаҷониба, пурра ва воқеъбинонаи масъалаҳои дар рисола пешбинишуда мусоидат намуда ба даврабандии таърихӣ, гурӯҳбандии шаклҳои таълим, ҷадвали муқоисавии ҳуқуқӣ, варақаи назарсанҷии давраи таълимии судяҳо, таҳлили омории коромӯз-судяҳо, меъёри синну солии онҳо, талаботи меъёрҳои ахлоқии судя ва кормандони дастгоҳи судҳо ва ғайра асос гардидаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои бойгонӣ ва амалияи интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва меъёрҳои этикаи касбии судя дар давраи фаъолияти Вазорати адлия, Шурои адлия ва Суди Олӣ аз солҳои 1991 то инҷониб истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки аввалин маротиба дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, ҷобаҷогузорӣ, таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судя, асосҳои назариявӣ ва заминаҳои ҳуқуқии этикаи касбии судя, мафҳум ва моҳияти онҳо, бо истифодаи усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ бо санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Дар асоси омӯзиш, таҳқиқоти мукаммал, мақсаднок ва бонизом ташаккул ва рушди асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа ва таълими судяҳо даврабандӣ карда шуда, мафҳумҳои таълими ибтидоии касбӣ, таълими касбии то судягӣ, таълим дар ҷойи кор, такмили ихтисос, таълими иловагӣ, номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшавандае, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя, номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда, шакл ва

намудҳои таълим, сохтор ва принсипҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии судяҳо, нақши меъёрҳои ахлоқии судя дар раванди интихоб, таълим ва фаъолияти касбии судя ва дигар масъалаҳо пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба такмили қонунгузории миллӣ ва ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта мусоидат хоҳанд намуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии назариявии** зерин пешниҳод мегарданд:

1. Исбот карда шудааст, ки масъалаҳои интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбати судя ва номзад ба вазифаи судя дар сиёсати дилхоҳ давлат аз ҷумла, дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон мавқеи марказиро ишғол намуда, ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзёбӣ мегарданд. Онҳо вобаста ба хусусият ва низоми оилаҳои ҳуқуқӣ, шакли давлатдорӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ ва иродаи сиёсии давлатҳо ба роҳ монда шудаанд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ механизмҳои дақиқ ва мукаммалгардидаи масъалаҳо бо таҳқиқи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа бо хусусиятҳои ба худ хоси тафовут ва умумиятҳо дар самти мақомоти масъули интихоб ва таъинкунандаи судяҳо, собиқаи корӣ ва синну сол, шакл, хусусиятҳо ва усулҳои таълим ва такмили ихтисос, имтиҳони номзад ба вазифаи судя, талаботи ахлоқии судя ва номзад ба вазифаи судя талаботи нисбатан ҷиддитар дар такмили қонунгузории миллӣ пешниҳод карда шудааст.

**2.** Дар ташаккул ва рушди низоми интихоб, тайёр намудани судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо нақши Конститутсия, қонунҳо, барномаҳои миллӣ ва барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (дар 4 давра), ҳамчун заминаҳои бунёдӣ, муҳим ва тавзеҳдиҳанда арзёбӣ мегардад. Аснои омӯзиш ва таҳлили асосҳои меъёрии ҳуқуқии миллии танзимкунандаи интихоб ва тайёр намудани

судяҳо бо назардошти такмили сохтори судӣ ва тобеияти идоравӣ давраҳои ташаккул ва инкишофи онҳо аз ҷониби муаллиф ба 3 давра тақсим карда шудааст:

- Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Вазорати адлия;
- Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Шурои адлия;
- Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Суди Олӣ.

Хусусиятҳои хоси идоравӣ ва фарқиятҳои давраҳои низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар зери фаъолияти Вазорати адлия, Шурои адлия ва Суди Олӣ оид ба масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, асосҳои ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, хоста гирифтан ва пешниҳоди кадрҳои мақомоти судӣ, яъне судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судя ва ғайра таҳлил ва хулосабарорӣ карда шудааст. Масъалаи аз тобеияти Шурои адлия ҳамчун мақоми коллегиалӣ баровардани судҳо ва ба тобеияти Суди Олӣ додани онҳоро муаллиф ҳамчун таҳаввулоти ҷиддӣ дар таърихи фаъолияти судҳо арзёбӣ менамояд. Дар асоси ин таҳаввулоти таърихӣ масъалаҳои такмил ёфтани асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, зина ба зина ба меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳавӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешқадам мутобиқ гардонида шудани онҳо, то қадом сатҳ ва дараҷа ҳамчун воситаи таъминкунандаи мустақилият, беғаразӣ ва шаффофияти интихоб ва ҷобаҷогузории судяҳо, номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо хизмат намудани онҳо баҳогузорӣ ва пешниҳод гардидааст.

Ҳар яке аз ин се давра дар рушди низоми интихоб, таъин, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо бо хусусият ва принсипҳои хеш таъсири мусбии худро расонидаанд.

3. Муаллифи диссертатсия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро бо назардошти муҳим буданашон дар фаолияти судя вобаста ба интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисос ва этикаи касбии судяҳо, ба монанди Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо, Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо, Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ, Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ, Стандартҳои минималии мустақилияти судяҳо, Хулосаҳои Шурои Машваратии Судяҳои Аврупо (ШМСА), Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо ва ғайраро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, пешниҳод менамояд, ки баъзе меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дар боло зикргардида бо назардошти хусусиятҳои қонунгузории миллӣ бо роҳи дахлдор ба низоми ягонаи ҳуқуқии кишвар ворид карда шаванд.

4. Муҳим будани босифат ба амал баровардани адолати судӣ тақозо менамояд, ки усули таълими судяҳо, тайёр намудани коромӯз-судяҳо ва шаклҳои амалинамоии онҳо барои ҳалли масъалаҳои гуногунсоҳаи баррасишаванда мусоидат намоянд. Ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклу усулҳои нави таълим бо истифода аз технологияи муосир ва интихоби мавзуъҳои баҳсталабу мушкили аз муносибатҳои мухталиф ва гуногунҷабҳаи ҷомеа бармеомада, имконият медиҳад, ки ба таълим ва такмили ихтисос мазмуни нав, равиши муттасилӣ ва самаранокӣ бахшида шавад. Ҳамин тариқ консепсияи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва коромӯз-судяҳо бо тариқи интихоби мавзуъҳои мушаххаси назариявӣ, мурофиавӣ ва таҷрибаи судӣ, инчунин усули интерактивӣ бо истифода аз технологияи муосири рақамӣ коркард шуда, роҳандозӣ карда шавад. Дар асоси таҳлилҳои анҷомдода, муаллиф марҳилаҳои рушди такмили ихтисоси судяҳоро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба се давра ҷудо менамояд:

а) Давраи такмили ихтисоси судяҳо дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2003);

б) Давраи такмили ихтисоси судяҳо дар Маркази таълимии судяҳои назди Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2003-2016);

в) Давраи такмили ихтисоси судяҳо дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 2016 то ҳоло).

5. Бо такя ба қонунгузорӣ ва амалияи судӣ муаллиф раванди таълими касбии судяҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намудҳои зерин ҷудо намуда, мафҳуми онҳоро низ пешниҳод намудааст:

- таълими ибтидоии касбӣ;
- таълими касбии то судягӣ (коромӯз-судя);
- таълим дар ҷойи кор;
- такмили ихтисос;
- таълими иловагӣ.

Дар заминаи таҳқиқоти илмӣ чунин **тавсияҳои амалиро** пешниҳод менамоем :

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ, бо мақсади рушд ва такмили низоми интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо ва талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбати судя ва номзад ба вазифаи судя таклифу иловаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми коромӯз-судя дар таҳрири зайл илова карда шавад:

- «Коромӯз-судя шахсе мебошад, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ баъди гузаштан аз озмуни ишғоли мансаби коромӯз-судя хулосаи мусбати Комиссияи имтиҳонотиро ноил гардида, дар муассисаи таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии касбии яксола фаро гирифта мешавад ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мегардад».

2. Дар қисми 2 моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъди калимаҳои «хизмати ҳарбии мӯҳлатнокро адо карда бошад» калимаҳои «ҳангоми пешниҳоди маълумоти тахассусии зинаи магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, маълумоти зинаи бакалаврро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дошта бошад» илова карда шавад.

3. Бо назардошти он ки коромӯз-судя ҳамроҳи судяе, ки ба ӯ вобаста карда шудааст, дар мурофиаҳои судӣ иштирок мекунад ва зимни иштирок бо ҳолатҳое, ки хусусияти сирри давлатӣ ва оилавӣ доранд, шинос мешавад, бинобар ин дар моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» лоиҳаи матни савганди ӯ бо мазмуни зерин ҷой дода шавад: «Ман ҳамчун коромӯз-судя савганд ёд мекунам, ки сирри хидматӣ ва моҳияти парвандаҳои судиро нигоҳ медорам, муносибат ва ахлоқи ман холис ва беғараз хоҳад буд».

4. Синну соли ба вазифаи судя интихоб ва таъин шудан аз 25 ба 30 сола ва собиқаи корӣ аз 3 ба 5 иваз карда шавад. Мақсад аз баланд бардоштани меъёри синну солӣ ба ҷомеаи судяҳо ҳамроҳ намудани шахсиятҳои мукаммал, дорои таҷрибаи зиёди корӣ, дониши баланд, таҷрибаи ҳаёту зиндагӣ, тамкин, сабр, таҳаммулпазирӣ, ахлоқ ва одоби муоширату мебошад.

Бинобар ин, дар қисми 2 моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад» ба калимаҳои «синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад» иваз карда шавад.

5. Ба қисми 2 моддаи 109 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе,

шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе дар се сол як маротиба дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба онҳо сертификати шакли муқарраргардида дода мешавад» илова карда шавад.

6. Бо назардошти он ки дар амалия мунтазам судяҳои судҳои салоҳияташон умумӣ ба мансаби судяи судҳои салоҳияташон махсус ва ё баръакс интихоб ва таъин мегарданд, пешниҳод мешавад, ки судяҳои судҳои иқтисодӣ низ ба такмили ихтисос фаро гирифта шаванд, зеро дар қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифтани судя ва дар қисми 2 моддаи 109 бошад ба такмили ихтисос фаро гирифтани судяҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст. Бо мақсади аз байн бурдани духурагӣ дар қонунгузорӣ, пешниҳод мегардад, ки қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо калимаҳои зерин иваз карда шавад: «судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе дар ду сол як маротиба дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба онҳо сертификати шакли муқарраргардида дода мешавад» илова карда шавад.

7. Ба банди 15 Низомномаи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо барои довталабони ишғоли мансаби номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо талаботи «доир намудани суҳбати психологӣ» бо мақсади муайян намудани салоҳиятнокӣ ва ҳолати руҳии онҳо илова карда шавад.

8. Барои номзадҳое, ки ба вазифаи роҳбарикунандаи мақомоти судӣ пешниҳод мегарданд, бо мақсади аз худ намудани таҷрибаи

пешбурди фаъолияти маъмурии судӣ, ташкили идоракунии кор, тақсимоти дурусти парвандаҳои судӣ ва сарбории судяҳо, муносибат бо коллектив, одоби муошират ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолият дар Маркази таълимии судяҳо бозомӯзии на камтар аз 14 рӯз муқаррар карда шавад.

9. Ба моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» банди 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

- «Номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, эътибори кории бенуқсон дошта бошанд ва дар ин бора на камтар аз се тавсияи мусбат аз ҷониби роҳбарият ва ҳамкасбонаш пешниҳод намояд».

- «Номзад ба вазифаи судя аз ташхиси тиббӣ гузашта, дар бораи надоштани бемориҳое, ки ба иҷрои уҳдадориҳои касбии судя монеъ мешаванд, аз ҷумла ташхиси ҳолати руҳӣ-психологӣ маълумотномаи ҳайати табибонро пешниҳод намояд».

10. Муассисаи таълимии судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина то ба ниҳоди мустақил ва соҳибихтиёр табдил дода шавад. Дар ин замина бо назардошти асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Маркази таълимии судяҳо (боби 10 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ»), тавсияҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо мақсади мукаммал гардонидани низоми тайёрии номзад ба вазифаи судя ва ниҳоди коромӯз-судя, инчунин такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо мувофиқи мақсад аст, ки Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Сохтори эҳтимолии Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз 31 мансаби хизмати давлатӣ, 10 нафар кормандони техникӣ, ҳайати мушовара, шуъбаҳои такмили ихтисоси судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо ва коромӯз-судяҳо, илмӣ-

тадқиқотии таҷрибаи судӣ, робитаҳои байналмилалӣ, умумӣ, муҳосибот ва хоҷагидорӣ, ҳайати омӯзгорон ва кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мурофиавии онҳо иборат бошанд.

11. Яке аз тафовутҳои асосӣ дар ифодаи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, зеро одоб дар забони русӣ маънои «воспитание»-ро дода, дар адабиёти ҳуқуқӣ он маънои этика ва ахлоқро намедиҳад. Мувофиқи мақсад аст, ки калимаҳои «Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад, зеро дар ин ҳолат он ба мантиқ, таъбири адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшаванда бештар мувофиқат хоҳад намуд.

12. Бинобар хусусияти фарққунанда ва хос доштани вазифа ва фаъолияти кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад, ки барои онҳо низ «Кодекси этикаи кормандони мақомоти судӣ» таҳия ва қабул карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалие, ки бо истифодаи таҳлили воқеии муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудаанд, барои илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи судии ватанӣ аҳамияти калон дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ заминаи мусоид муҳайё месозад. Татбиқи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ метавонад ба ташаккул ва рушди низоми интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва меъёрҳои этикаи касбӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон як қатор пешниҳоду таклифҳои назариявӣ, илмӣ, ташкилӣ ва амалии рисолаи мазкурро бо ташкили курсҳои махсус дар барномаҳои таълимии ихтисоси ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ метавон мавриди татбиқ қарор дод.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили асоснок, воқеъбинона ва ҳаматарафаи паҳлуҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, талаботи этикаи касбии судя, таҳлили натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии муаллиф, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷриба ва қонунгузории миллӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо дарёфт ва пешниҳодҳои афзалиятноки муосири усулҳои интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва кодекси этикаи касбии судя асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ, нуқтаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди мустақилона ва бевоситаи муаллиф буда, асоснокӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзуъ дар конференсияҳои анъанавии ҳарсолаи факултети ҳуқуқшиносӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба шакли маъруза пешниҳод шудаанд, аз ҷумла дар:

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо», мавзуи маърӯза: «Принсипҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон». (Душанбе, соли 2019);

– Конференсияи байналмилалии маҷозии «Технологияҳои муосири рақамии HR ҳангоми интихоби номзадҳо ба вазифаи судя, баҳодиҳии фаъолият ва пешниҳоду ҷобаҷогузории судяҳо», мавзуи маърӯза: «Опыт Таджикистана при отборе и подготовке судей и кандидатов на должность судьи-применение современных технологий». (Душанбе, соли 2020);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи «Ҳуқуқи инсон» дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавзуи маърӯза «Этикаи касбии судя ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»: (Душанбе, соли 2020);

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози xvi Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавзуи маърӯза «Инкишофи падидаи такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовард ва дурнамо»: (Душанбе, соли 2022).

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 8 мақола, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 230 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ИНТИХОБ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ СУДЯҲО

## 1.1. Асосҳои ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо: таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ хеле муҳим аст. Зеро омӯзиш, таҳлил ва қиёси ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб, таъин ва тайёр намудани судяҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ бо қонунгузории миллӣ имкон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшаванда дар муқоиса омӯхта шуда, моҳият ва хусусиятҳои гуногуни он муайян карда шавад. Ба ақидаи ҳуқуқшиноси машҳури Фаронса Марк Ансел «Омӯзиши ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ барои ҳуқуқшинос уфуқҳои навро мекушояд, ки он ба ӯ имконият медиҳад, ки низоми ҳуқуқии мамлакати худро хубтар дарк кунад, чунки ҷанбаҳои хоси ин ҳуқуқ ҳангоми муқоисаи ҳуқуқӣ бо дигар низоми ҳуқуқҳо равшантар муайян мегардад. Муқоисаи ҳуқуқӣ қудрате дорад, ки ҳуқуқшиносро бо андеша ва асноду далеле мусаллаҳ созад, ки ӯ онҳоро ҳатто ҳангоми доштани дониши хуби ҳуқуқи миллӣ ба даст оварда наметавонад[24].

Дар ҳақиқат усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки қонунгузории миллиро бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи миллиро бо таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ муқоиса намуда, ҷанбаҳои мусбат ва афзалиятноки онҳоро оид ба такмил додани қонунгузории миллӣ истифода бурда, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намоем.

Ин нуқтаи назар аз ҷониби Р. Давид ва К. Жоффре-Спинози низ қайд шудааст: «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ имкон медиҳад, ки низоми

[24] Ансель М. Новая социальная защита. – М., 1970. – С. 21-24; Козак Д.Н. Суд в современном мире: проблемы и перспективы // Современное право. – 2001. – № 7. – С. 4.

ҳуқуқи миллӣ хубтар шинохта шуда, мукаммал гардонида шавад»[25]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки нуқтаҳои назари мазкур на танҳо ба меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ таалluқ доранд, балки онҳо айни замон меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷиро фаро гирифта, онҳоро низ метавонанд мукаммал гардонанд. Инчунин дар давраи рушду нумӯи васеи муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди низомҳои ҳуқуқӣ, як меъёри ҳуқуқӣ метавонад меъёри ҳуқуқии дигареро иваз кунад ва ё аз байн барад. Ба ҳамин васила муқоисаи ҳуқуқӣ метавонад асос барои такмили қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гардад.

Маврид ба зикр аст, ки ҳангоми қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмил додани қонунгузорӣ, инчунин зимни таҳлили дилхоҳ масъалаҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи хориҷӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор мегиранд, ки ин амалия ба мукаммал гардонидани қонунгузории миллӣ мусоидат менамояд. Дуруст истифода намудан аз таҷрибаи байналмилалӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии дуруст интихобшуда ва ба талаботи ҷомеа мувофиқ ба танзим даровардa шаванд.

Аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX оғоз намуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақил ташаккул ёфта, он зина ба зина таҳким ёфтааст. Ташаккули давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки фаъолияти ҳокимияти судӣ ба моҳияти он, ки аз таъмини адолати иҷтимоӣ иборат мебошад, ҷавобгӯ бошад.

Дар таҳким бахшидани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва судя нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. Тавре

---

[25] Давид Р., Жоффре-Спинози К. Основные правовые системы современности: пер. с фр. В.А. Туманова. – М.: Международные отношения, 1998. – С. 11.

худи ӯ дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 қайд намуда буданд: «Воқеан раванди ташаккули ягон давлати муосирро бе фаъолияти самараноки мақомоти судӣ, ки асоси таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ мебошад, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Чунин ҳолат моро водор менамояд, ки ислоҳотро дар самти такмили сохтор ва рушди минбаъдаи фаъолияти ҳокимияти судӣ идома бахшем»[26].

Яке аз масъалаҳои муҳим ва мушкил ин коркарди механизми дақиқ ва комилан мукаммалгардидаи интихоб, тайёр намудани судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва дар амалия роҳандозӣ намудани он мебошад. Масъалаи танзими ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар сиёсати дилхоҳ давлат мавқеи махсусро дорост. Дар ин намуди танзими ҳуқуқӣ баъзе умумиятҳо бошанд ҳам, вале дар таҷрибаи ҳар давлат масъалаи танзими ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо аз рӯйи хусусиятҳои ба ин ё он давлат хос амалӣ карда мешаванд.

Дар робита ба ин масъала Е.Б. Абдрасулов қайд менамояд, ки интихоб ва таъини судяҳо унсурҳои асосии ҳокимияти судии давлатҳои муосир ба ҳисоб мераванд, зеро ташкили ҷомеаи судии дорои мафкура ва ахлоқи баланд, шарти зарурии таъмини мустақилият, масъулият ва касбияти онҳо мебошад. Шаффофият ва сифати раванди интихоби судяҳо дар таҳкими боварии мардум ба ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳуқуқҳифзкунанда ва дар умум ба давлат нақши муҳимро мебозад[27].

Ба ақидаи И.Л. Петрухин яке аз унсурҳои асосие, ки мавқеи судяҳоро дар ҷомеа муайян мекунад, ин тарзи интихоб ва таъин, қатъ намудани фаъолият, инчунин тартиб ва роҳҳои баамалбарории салоҳиятҳо мебошад[28].

---

[26] Абдуллозода Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ. – Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 197-198.
[27] Ниг.: Абдрасулов Е.Б. Отбор и первоначальное обучение судей: международный опыт. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://academy.sud.kz/ (санаи мурочиат: 23.07.2020).
[28] Ниг.: Судебная власть / под. ред. И.Л. Петрухина. – М.: ООО «ТК Велби», 2003. – С. 564.

Ба андешаи мо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳаро танзимкунанда бояд тарзи интихоб, тайёр намудан, таъини судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва дигар масъалаҳои вобаста ба ин самти фаъолиятро мушаххас муқаррар намоянд. Талаботи санадҳои мазкур бояд асос барои фаъолияти мустақил, беғараз, холисона, масъулияти касбӣ, фаъолияти босамари тахассусӣ ва ахлоқи хуби судя мусоидат намоянд. Дар баробари ин вобаста ба ҳолатҳои воқеии кор боз бояд талаботҳоеро ҷустуҷӯ намуд, ки ба сифати беҳтари низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя таъсир расонанд.

Айни замон дар ҷомеаи муосир намунаи ягонаи аз ҷониби аксар давлатҳо умумипазируфташуда оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳои ҳокимияти судӣ - судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя мавҷуд нест. Мо дар ин масъала бо доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Е.Б. Абдрасулов ҳамфикрем, ки ба ақидаи ӯ дар Аврупо ва тамоми дунё намунаи идеалӣ ва меъёри ягонаи тайёр намудани судяҳо мавҷуд нест. Ҳар як давлат низоми ба худ хоси интихоби судяҳоро дошта, хоҳу нохоҳ ба анъанаҳои таърихӣ, сиёсати давлатӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ такя менамояд[29].

Аз ҷониби давлат ҳатмӣ будани риояи меъёрҳои байналмилалиро олими тоҷик Х.М. Мирзамонзода чунин қайд мекунад: «...меъёрҳои байналмилалӣ ин талаботи умумиэътирофшуда дар соҳаи мушаххас мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои мухталифи байналмилалӣ инъикос ёфта, риоя ва амалӣ намудани онҳо барои давлат ҳатмӣ мебошад»[30].

Ба ақидаи олимони ватанӣ А.М. Диноршоев ва Б.А. Сафарзода меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ин меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии муосир буда, талаботҳои умумидемократӣ ва уҳдадориҳоро барои давлатҳо пешбинӣ менамоянд ва онҳо бояд бо

[29] Ниг.: Абдрасулов Е.Б. Отбор и первоначальное обучение судей: международный опыт. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://academy.sud.kz/ (санаи муроҷиат: 23.07.2020).
[30] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021 – С. 17.

назардошти хусусиятҳои сохти конститутсионӣ, миллӣ, тараққиёти иқтисодӣ ва ғайра дар низоми ҳуқуқии хеш мустаҳкам ва мушаххас гардонида шаванд[31].

Мо низ бо ақидаҳои ин олимон ҳамфикр мебошем, вале ҷонибдори онем, ки меъёрҳои байналмилалӣ новобаста аз он ки аз ҷониби кадом мақоми байналмилалӣ пешниҳод мешаванд ва хусусияти ҳатмӣ ва тавсиявӣ доштанашон дар шароити ҷаҳонишавии ҳуқуқҳои мухталиф бояд ҳатман бо назардошти хусусиятҳои низоми ҳуқуқии миллӣ ва талаботи ҷомеаи муосир ба низоми ҳуқуқии миллӣ роҳ ёбанд.

Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо вобаста ба хусусият ва низоми оилаҳои ҳуқуқӣ, шакли давлатдорӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ ва баъзан иродаи сиёсии сарварони давлатҳо ба роҳ монда шудаанд. Ин дар ҳолест, ки фаъолияти судяҳои тамоми давлатҳо дорои як умумият мебошад ва онро танҳо як масъалаи меҳварӣ-ба тариқи дахлдор амалӣ намудани адолати судӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Интихоб ва тайёр намудани судяҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии зерин ба танзим медароранд:

- Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо[32];
- Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо[33];
- Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо[34];
- Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ[35];

---

[31] Диноршоев А.М. Понятие, содержание и классификации международных стандартов в области прав человека // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – № 3/1(128). – С. 197-203; Ниг.: Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: понятие и сущность / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2016. – С. 70-83.

[32] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. 8-10 июли соли 1998 дар ҷаласаи Страсбург аз ҷониби иштирокчиёни кишварҳои Аврупо ва ду ассотсиатсияи байналмилалии судяҳо қабул шудааст ва дар ҷаласаи раисони Судҳои Олии кишварҳои Аврупои Марказӣ Шарқӣ 8-10 апрели соли 1999 дар Лиссабон дастгирӣ ёфтааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

[33] Ниг.: Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо. 17 ноябри соли 1999 дар Шурои Марказии байналмилалии ассотсиатсияи судяҳо дар Тайван қабул гардидааст. (Бо тағйиру иловаҳо аз 14 ноябри соли 2017 дар Чили) – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

[34] Ниг.: Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо аз 26 ноябри соли 2002, ш. Гаага. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

- Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ[36];

- Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд[37];

- Стандартҳои минималии мустақилияти судяҳо[38];

- Хулосаи № 1 (2001) Шурои машваратии судяҳои Аврупо барои Кумитаи Вазирони Шурои Аврупо оид ба стандартҳои мустақилияти мақомоти судӣ ва ивазанашавандагии судяҳо (тавсияи № r (94) 12)[39].

Ин меъёрҳои байналмилалӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, дар қисмати асосҳои ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя мавриди муқоисаи ҳуқуқӣ қарор дода шуда, таҳлили ҷой доштани умумият ва тафовут миёни онҳо ва дигар паҳлуҳои масъала пешниҳод мегардад.

Бояд қайд кард, ки ин санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо судяҳо ва ҳуқуқшиносони собиқадор бо назардошти ба инобат гирифтани таҷрибаи пешқадами давлатҳои Аврупоӣ ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта таҳия шудаанд. Аз ҷумла, Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо, Хулосаҳои Шурои машваратии судяҳои Аврупо бевосита бо иштироки давлатҳои Шурои Аврупо қабул шудаанд, ки дар фаъолияти судҳои давлатҳои аъзои он ба пуррагӣ истифода мегарданд. Меъёрҳои

[35] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (аз ҷониби Конгресси ҳафтуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар Милан аз 09/06/85 қабул шудааст ва бо қарорҳои Ассамблеяи Генералии СММ 40/32, 40/146 13.12.1985 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

[36] Ниг.: Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ аз 24 майи соли 1989. Ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ. Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ. – Вена, 1996. – С. 148-151.

[37] Ниг.: Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд (аз ҷониби Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар шаҳри Гавана, Куба, 7 сентябри соли 1990 қабул карда шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

[38] Ниг.: Стандартҳои минималии мустақилияти судяҳо. Аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии адвокатҳо соли 1982 қабул шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:https://www.ibanet.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

[39] Ниг.: CCJE (2001) OP N°1. Страсбург, 23 ноября 2001 года. – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://euromed-justiceii.eu/ (санаи муроҷиат: 27.02.2021).

ин санадҳои байналмилалиро судяҳои ҳар як давлати Аврупоӣ ва ҷаҳон метавонанд дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ гиранд.

Санадҳои байналмилалии мазкури хусусияти тавсиявидошта аз ҷониби Тоҷикистн эътироф нагардида бошанд ҳам, вале мазмуну моҳияти онҳоро ҳангоми қонунэҷодкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо бар он ақидаем, ки шинос гардидани судяҳо бо мазмуну моҳияти ин санадҳои байналмилалӣ аз аҳамият холӣ нест, зеро дар ин санадҳо меъёрҳои асосии фаъолияти касбии онҳо дарҷ гардидааст.

Як нуқтаи дигарро бояд қайд кард, ки айни замон ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалии бонуфуз ва ҷамъиятӣ фаъолияти ҳокимияти давлатиро дар самти амалигардонии адолати судӣ, инчунин мустақилият, беғаразӣ, холисии судяҳо то кадом дараҷа самаранок будани фаъолияти ҳокимияти судиро дар асоси талаботи меъёрҳои санадҳои байналмилалии дар боло номбаршуда ва то кадом дараҷа ба ҳамин санадҳо мутобиқ будани қонунгузории давлатҳо баҳо медиҳанд. Мавзуъ ва моҳияти конференсия ва нишастҳои байналмилалии сатҳи мухталифе, ки имрӯзҳо дар Тоҷикистон баргузор мешаванд, далели ин гуфтаҳост.

Дар ин самт мо бо олими тоҷик Х.М. Мирзамонзода ҳамфикрем. Мавсуф санадҳои байналмилалиро таҳлил намуда, онҳоро аз лиҳози татбиқшавии ҳуқуқиашон ба санадҳои қувваи ҳуқуқии ҳатмидошта, яъне санадҳое, ки аз ҷониби давлатҳо ҳатман бояд ба тасвиб расонида шуда, риоя шаванд ва дуюм санадҳое, ки хусусияти тавсиявӣ доранд (ба монанди Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо) ҷудо намудааст[40].

Яке аз санадҳои байналмилалие, ки масъалаҳои вобаста ба интихоб, тайёр намудан, ҷобаҷогузорӣ ва умуман фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии судяро ба тариқи васеъ фаро гирифтааст-Хартияи аврупоӣ

---

[40] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – С. 24.

оид ба мақоми судяҳо мебошад. Ин санад аз ҷониби Шурои Аврупо 8-10 июли соли 1998 дар шаҳри Страсбург бо иштироки 13 давлат аз Аврупои Ғарбӣ, Марказӣ ва Шарқӣ, намояндагони Ассотсиатсияи аврупоии Магистратҳо ва Ассотсиатсияи «Магистратҳои Аврупо барои демократия ва озодӣ» қабул гардидааст. Зарурати қабули чунин як санад вобаста ба ташкили низоми муассисаҳои адлия дар давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташкили қабул, тайёр намудан, масъулият ва интизоми судяҳо ҳанӯз солҳои 80-уми асри XX вобаста ба дигаргуниҳои амиқе, ки дар Аврупои шарқӣ ба амал омаданд, ба миён омада буд.

Дар банди 1.1-и Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо пешбинӣ шудааст, ки ҳадафи мақоми судяҳо иборат аз таъмини салоҳият, мустақилият ва беғаразист, ки ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад аз судҳо ва аз ҳар судяе, ки ҳимояи ҳуқуқҳояш ба ӯ супорида шудааст, адолатро интизор шавад. Хартия имконияти қабул ва татбиқи ҳама гуна меъёрҳо ё расмиётеро, ки метавонад эътимод ва бовариро дар бораи салоҳият, мустақилият ва беғаразии онҳо халалдор кунад, истисно мекунад[41].

Бандҳои 1.2, 1.3, 1.4-и Хартия принсипҳои бунёдии мақоми судя, аз ҷумла тартиби интихоб, қатъ намудани салоҳият, мустақилият ва роҳҳои аз байн бурдани таъсиррасониҳоро ба мустақилияти судя ва адолати судӣ ба танзим медарорад. Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо пешбинӣ менамояд, ки барои ҳар як давлати Аврупоӣ принсипҳои бунёдии мақоми судяҳо бо меъёрҳои ҳуқуқии дохилии худи ҳамон давлат, ки дар сатҳи қонунгузорӣ қабул мегарданд, муқаррар карда мешавад. Банди 1.3-и Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳоро метавон ҳамчун меъёри бунёдӣ арзёбӣ намуд, зеро он масъалаҳои таркибии мавзуи таҳқиқшавандаро дар бар гирифтааст. Чунончи, дар он гуфта мешавад: «Барои қабули ҳама гуна қарор дар бораи интихоб, таъин, адои вазифаи судягӣ ва қатъ кардани он Хартия иштироки мақоми мустақилро, ки

---

[41] Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021), банди 1.1.

ҳадди ақал нисфи аъзои он судяҳои аз ҷониби коллегияи судяҳо дар асоси қоидаҳои кафолатнок интихобшуда ва аз тобеияти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор озод мебошанд, пешбинӣ менамояд»[42].

Маҳз ҳамин меъёрҳои Хартия дар таҷрибаи аксари давлатҳои дунё ба монанди Федератсияи Россия (минбаъд ФР), ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳамчун меъёрҳои калидӣ мушоҳида мешаванд, онҳо бо қонунгузориҳои миллӣ ба танзим даровардa шудаанд ва бо механизмҳои ҳуқуқии ба хусусиятҳои миллии ин давлатҳо хос амалӣ карда мешаванд.

Мақоми мазкур ба ҳар як судяе, ки ба зери хатар қарор доштани мустақилияти адолати судӣ, ё бо ягон тариқе халалдор шудани он боварӣ дорад, имкон медиҳад, ки ба мақоми мушаххаси мустақили дорои воситаҳои муассири ислоҳи вазъ оид ба ислоҳи он мурочиат ва пешниҳодҳо намояд (банди 1.4). Қоидаҳои пешбининамудаи Мақом оид ба интихоби судяҳо интихоби асосноки мақоми мустақил ё ин ки номзадҳои ҳакамон оид ба озодона ва холисона баҳо додани ҳолатҳо, эҳтиром гузоштан ба шаъну шарафи инсонро муқаррар менамояд. Хартия имконияти радди номзадии довталабро бо сабабҳои ҷинсият, нажодӣ, эътиқоди динӣ ва мансубияти иҷтимоӣ, инчунин ақидаҳои фалсафӣ ва сиёсӣ истисно мекунад (банди 2.1) [43].

Қабули қарор дар бораи интихоб ва таъин намудани номзадҳо ба вазифаи судя, ки бояд аз ҷониби мақоми мустақил қабул карда шавад, ба таҷрибаи Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Танҳо он аз қарор дар бораи таъин иборат набуда, балки аз хулосаи Коллегияи тахассусии судяҳо оид ба муносиб будан ё муносиб набудан ба ишғоли вазифаи судягӣ иборат мебошад, ки дар зербобҳои алоҳидаи кор ин масъала мавриди таҳлил қарор мегирад.

---

[42] Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021), бандҳои 1.2, 1.3, 1.4.
[43] Ҳамон ҷо, бандҳои 1.4, 2.1.

Мувофиқи муқаррароти Хартия судяро ба вазифаи дигар ва ё ба вазифаи дигари баландтари судягӣ бе ризоияти ӯ таъин кардан мумкин нест ба истисной ҳолатҳое, ки ин амал тибқи қонунгузорӣ ба сифати муҷозоти интизомӣ татбиқ карда мешавад (банди 3.4)[44]. Дар ин санад тартиби ба кор қабул намудани судя бо муҳлати санҷишӣ пешбинӣ гардидааст, аммо дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои таҳқиқшаванда ба муҳлати санҷишӣ интихоб ва ё таъин намудани судя мушоҳида намешавад.

Яке аз нуктаҳои муҳим дар муқаррароти Хартия ба ақидаи мо он аст, ки тақдири судя, яъне интихоб, таъин ва қатъ гардидани фаъолияти ӯро мақоме ҳал мекунад, ки нисфи аъзои онро судяҳои бо тариқи қоидаҳои кафолатнок интихобшуда ташкил медиҳанд ва онҳо дар фаъолияти хеш ба ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор тобеъ нестанд. Ин принсип ҳамчун маҳаки асосии таъмини мустақилияти судя ба ҳисоб меравад.

Санади дигари байналмилалие, ки принсипҳои асосии фаъолияти судиро дар бар мегирад ин Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ мебошад. Ин санад дар Конгреси 7-уми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон, ки аз 26 август то 6 сентябри соли 1985 дар шаҳри Милан шуда гузашт, қабул гардида, бо қарори Ассамблеяи Генералии СММ аз 29 ноябри соли 1985, № 40/32 тасдиқ гардид. Дар дебочаи Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ нақши судҳо дар низоми адолати иҷтимоӣ, муҳиммии интихоб, тайёр намудан ва ахлоқи судяҳо қайд гардида, масъалаи ба давлатҳои аъзо мусоидат намудан дар ҳалли вазифаҳои таъмин ва таҳкими мустақилияти мақомоти судӣ таъкид шудааст. Санади мазкур асосан принсипҳои мустақилияти ҳокимияти судӣ, холисӣ, босалоҳиятӣ, манъ будани даходат ба фаъолияти судя, ҳуқуқи ҳар як шахс ба суди

---

[44] Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021), банди 3.4.

босалоҳият, адолатнокӣ, дастрасӣ ба адолати судӣ, мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳоро дар бар мегирад гирифтааст[45].

Маҳз ҳамин меъёрҳои дар Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ омада, меъёрҳои калидӣ буда, асос ва замина барои фаъолияти самараноки мақомоти судии давлатҳои ҷаҳон гаштааст.

Дар банди 10-уми Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ омадааст, ки «шахсиятҳое, ки ба вазифаи судя интихоб мешаванд, бояд ки сифатҳои баланди ахлоқӣ ва қобилиятнокӣ, инчунин тайёрии дахлдори касбӣ дар соҳаи ҳуқуқ дошта бошанд. Ҳангоми интихоби судяҳо табъиз нисбати шахсият бо аломатҳои нажодӣ, ранги пӯст, ҷинс, эътиқоди динӣ, назари сиёсӣ ва дигар ақидаҳо, баромади миллӣ ва иҷтимоӣ, вазъи молиявӣ ва дигар ҳолатҳо роҳ дода намешавад. Талабот оид ба доштани шаҳрвандии мамлакати марбута нисбати номзад ба вазифаи судя ҳамчун аломати табъиз ҳисобида намешавад. Ҳама гуна усули интихоби судяҳо бояд кафолати онро диҳад, ки ҳолатҳои ғайриқонунии интихоб ва таъини судяҳо истисно бошад». Дар банди 13-уми он омадааст, ки «ба мансаби болоӣ таъин намудани судяҳо бояд дар асоси омилҳои объективӣ, аз ҷумла қобилиятнокӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва таҷриба амалӣ карда шаванд»[46].

Дар таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ асосҳои ҳуқуқии низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо бо хусусиятҳои шакли идоракунии давлатӣ ва низоми ҳуқуқии ба онҳо хос ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Барои коркарди мавзуъ бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мо дар баробари меъёрҳои байналмилалӣ низоми ҳуқуқии як қатор давлатҳои хориҷиро низ дар самти интихоб ва тайёр намудани судяҳо таҳлил менамоем.

---

[45] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (аз ҷониби Конгресси ҳафтуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар Милан аз 09/06/85 қабул шудааст ва бо қарорҳои Ассамблеяи Генералии СММ 40/32, 40/146 13.12.1985 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат :26.02.2021).

[46] Ҳамон ҷо, бандҳои 10, 13.

Бояд қайд намуд, ки усули интихоби судя бояд тарзе амалӣ карда шавад, ки ба низоми судӣ ё худ ҷомеаи судяҳо судяҳои бовиҷдон, бомасъулият ва дорои дониши баланди касбӣ, сифатҳои ахлоқӣ ҳамроҳ шаванд. Бо чунин шакли талабот интихоб ва таъин намудани судя ба он мусоидат менамояд, ки мақом ва обрӯйи судя ва ҳокимияти судӣ дар ҷомеа баланд гардад. Ба ақидаи В.В. Ершов «Дар Федератсияи Россияи муосир ҳокимияти судӣ чандон самаранок набуда, судяҳо бошанд, дар ҷомеа мақом ва обрӯйи дахлдор надоранд»[47]. Албатта ин ҳолат таҳлили алоҳидаро мехоҳад, вале он метавонад на танҳо дар Федератсияи Россия, балки дар баъзе давлатҳои таҳқиқшаванда низ ҷой дошта бошад.

Асосҳои ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо ва талабот нисбати номзад ба вазифаи судяро дар Федератсияи Россия Конститутсияи Федератсияи Россия[48], Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи низоми судии Федератсияи Россия»[49], Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи мақоми судяҳо дар Федератсияи Россия»[50], Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Федератсияи Россия»[51], Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи Суди Олии Федератсияи Россия»[52], Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи судҳои ҳарбии Федератсияи Россия»[53], Қонуни федералӣ «Дар бораи судҳои оштидиҳанда»[54] ва ғ. муқаррар мекунанд.

---

[47] Ершов В.В. Экзаменационные комиссии: большой потенциал и серьезные проблемы. [Электронный ресурс]: Высшая квалификационная коллегия судей Российской Федерации. – 2014. – Режим доступа: http://www.vkks.ru/ (санаи муроҷиат: 18.03.2021).

[48] Ниг.: Конституция Российской Федерации // Собрание законодательства Российской Федерации. – 04.08.2014. – № 31. – Ст. 119.

[49] Ниг.: Федеральный конституционный закон «О судебной системе Российской Федерации» // Собрание законодательства РФ. – 06.01.1997. – № 1. – Ст. 1, 11.

[50] Ниг.: Закон РФ «О статусе судей в Российской Федерации» // Российская газета. – 1992. – 29 июля. – № 170. – С. 4.

[51] Ниг.: Федеральный конституционный закон от 21.07.1994 № 1-ФКЗ "О Конституционном Суде Российской Федерации" // Российская газета. – 1994. – 23 июля. – № 138-139.

[52] Ниг.: Федеральный конституционный закон от 05.02.2014 № 3-ФКЗ «О Верховном Суде Российской Федерации» // Российская газета. – 7 февраля. – 2014. – № 27.

[53] Ниг.: Федеральный конституционный закон от 23.06.1999 № 1-ФКЗ «О военных судах Российской Федерации» // Российская газета. – 1999. – 29 июня. – № 120.

[54] Ниг.: Федеральный закон от 17.12.1998 № 188-ФЗ «О мировых судьях в Российской Федерации» // Российская газета. – 1998. – 22 декабря. – № 242.

Ҳокимияти судӣ мувофиқи Конститутсияи Федератсияи Россия яке аз шохаҳои асосӣ ва мустақили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, боби 7-и он (моддаҳои 118-128) ба ҳокимияти судӣ бахшида шудааст. Асосҳои танзимкунандаи ин самт дар моддаи 119 Конститутсияи Федератсияи Россия, ки талаботи умумиро нисбат ба номзад ба вазифаи судя бо назардошти вазъи шаҳрвандӣ, синну сол, маълумот, собиқаи корӣ ва тахассусӣ муқаррар менамояд, дарҷ гардидааст.

Дар баробари талаботи муқаррарнамудаи Конститутсияи ФР қонунгузории федералии он нисбат ба судя баъзе талаботи иловагиро ба миён мегузорад. Талабот нисбати судяҳои судҳои умумӣ ва ҳакамӣ дар Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи мақоми судяҳо» аз 26 июни соли 1992 ва Қонуни конститутсионии федералӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Федератсияи Россия» аз 21 июли соли 1994, № 3132-1 муайян карда шудааст.

Тибқи муқаррарроти қонунгузории ФР судя шахсе шуда метавонад, ки танҳо шаҳрванди Федератсияи Россия бошад, маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, синнаш аз 25 сол кам набошад, собиқаи кории касбии на кам аз 5 сол дошта бошад ва ин собиқаи корӣ дар мақомоти прокуратура, адлия, фаъолияти адвокатӣ, дигар фаъолияти ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти омӯзгориро дар самти ҳуқуқ дар бар гирад. Барои категорияи алоҳидаи судяҳо қонунгузор талаботи иловагиро муқаррар менамояд.

Қонунгузории ФР нисбати номзадҳо ба вазифаи судя талаботи зеринро муқаррар намудааст:

- доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ», ё ин ки маълумоти олӣ дар самти тайёрии «Ҳуқуқшиносӣ» тахассуси дараҷаи «Магистр» бо доштани дипломи бакалавриат аз рӯйи самти тайёрии «Ҳуқуқшиносӣ»;
- нисбати номзад мавҷуд набудани шакку шубҳа ё ин ки айбдорӣ дар содир намудани ҷиноят;

- мавҷуд набудани шаҳрвандии давлати хориҷӣ, ҳуҷҷати иқомат, ё ин ки дигар ҳуҷҷате, ки ҳуқуқ ба истиқомати доимии шаҳрванди Федерастияи Россияро дар ҳудуди давлати хориҷӣ тасдиқ мекунад;
- қобилияти пурраи амалкунӣ доштан;
- мавҷуд набудани беморихое, ки ба амалӣ намудани вазифаи судягӣ халал мерасонанд, инчунин дар қайди диспансерҳои наркологӣ ва психоневрологӣ бинобар сабаби табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания, ноҷурии психологии давомноки музмин набудан;
- расидан ба синну соли муайян ва доштани собиқаи корӣ (25 сол ва 5 сол собиқаи корӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ);
- барои судяҳои судҳои аппелятсионӣ ва кассатсионии судҳои юрисдиксияи умумӣ - 30 сол ва 7 сол собиқаи судягӣ;
- барои судяҳои судҳои Суди Олии ФР- 35 сол ва на кам аз 10 сол собиқаи судягӣ;
- барои судяҳои Суди конститутсионии ФР - 40 сол ва на кам аз 15 сол собиқаи судягӣ[55];

Моддаи 2 Қонуни федералии ФР «Дар бораи баъзе масъалаҳои ташкил ва фаъолияти судҳои ҳарбӣ ва мақомоти адлияи ҳарбӣ» аз 3 декабри соли 1994, № 55 шартҳои алоҳидаи таъини судяҳои ҳарбиро пешбинӣ менамояд. Дар ҳалли ин масъала хусусияти фаъолияти онҳо ба инобат гирифта шудааст.

Мувофиқи Қонуни федералӣ аз 6 апрели соли 2015, № 69[56] ба Қонуни ФР «Дар бораи мақоми судяҳо дар Федератсияи Россия» тағйирот ворид гардид. Аз ҷумла, талабот нисбати номзад ба вазифаи судя дар қисмати сатҳи таълим равшанӣ андохта шуд: доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ», ё ин ки маълумоти олӣ дар самти тайёрии «Ҳуқуқшиносӣ» тахассуси дараҷаи

---

[55] Закон РФ «О статусе судей в Российской Федерации» от 26 июня 1992 г. № 3132-1 // Российская газета. – 1992. – 29 июля. – № 170. – С. 4.

[56] Ниг.: Федеральный закон «О внесении изменений в статьи 4 и 5 Закона Российской Федерации «О статусе судей в Российской Федерации» и «Федеральный закон «Об органах судейского сообщества в Российской Федерации» от 6 апреля 2015 г. № 69-ФЗ // Российская газета. – 2015. – 8 апреля. – № 73.

«Магистр» бо доштани дипломи бакалавриат аз рӯйи ҳамин самти тайёрӣ. Тағйироти мазкур имкон дод, ки баҳсу мунозираҳои бисёрсола дар бораи имконияти иҷозат додани бакалавриат барои супоридани имтиҳонҳои квалификатсионӣ ба вазифаи судя ҳал карда шавад. Қаблан, ҳангоми доштани танҳо дараҷаи бакалавриати ҳуқуқшиносӣ ин амал иҷозат буд[57].

Дар Федератсияи Россия ба тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия (то соли 2014 Академияи адолати судии Россия) машғул мебошад. Бо ин мақсад барномаҳои федералии «Инкишофи низоми судии Россия барои солҳои 2002-2006» ва «Инкишофи низоми судии Россия барои солҳои 2013-2020» аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия 27 декабри соли 2012 қабул гардид. Ин барномаҳо дар баробари тайёр намудани захираҳои кадрии судӣ инчунин як қатор вазифаҳоро ба монанди ба меъёрҳои (стандартҳои) байналмилалӣ мувофиқ гардонидани низоми судӣ дар самти адолати иҷтимоӣ муайян менамоянд. Ба масъалаи адолати иҷтимоӣ барои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст, ки низоми судӣ ҳамчун механизми ҳимояи давлатӣ баромад карда, тамоми самтҳо ва соҳаҳои афзалиятноки ҷамъиятиро, ки меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим медароранд, ҳимоя менамояд.

Дар масъалаи интихоб ва хоста гирифтани судяҳо яке аз шартҳои хеле муҳим, мавҷуд будани тартиб ва ё дастурамал дар бораи гузаронидани озмун барои номзадҳо ба вазифаи судя мебошад. Дар моддаи 5 Қонун «Дар бораи мақоми судя дар Федератсияи Россия» тартиби интихоби номзадҳо ба вазифаи судя ба тариқи озмун пешбинӣ гардидааст. Мутобиқи муқаррароти ин қонун номзад ба вазифи судя бояд имтиҳони тахассусӣ супорида, инчунин ба тавсияи мусбати

[57] Ниг.: Письмо Минобразования РФ от 1 сентября 2003 г № 14-52-1018ин/15 «О праве лиц, имеющих степень бакалавра юриспруденции, на занятие должности судьи» // Бюллетень Министерства образования Российской Федерации. – 2003. – № 11.

Коллегияи тахассусии судяҳо ноил гардад. Имтиҳони тахассусии номзад ба вазифаи судя дар давоми се сол аз рӯзи супоридани он мухлат дорад[58].

Мувофиқи банди 2.3 Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо «стандартҳои аврупоӣ мақоми судяро муайян намуда, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судяро пешбинӣ менамоянд»[59]. Аз ин рӯ, мувофиқи тавсияи Хартияи Аврупоӣ номзадҳо ба вазифаи судя фақат баъди тайёрии махсуси касбӣ бояд интихоб шаванд. Дар асоси қарори Пленуми якҷояи Суди Олӣ ва Суди Олии арбитражии Федератсияи Россия лоиҳаи қонуни федералӣ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ФР дар бораи мақоми судяҳо дар Федератсияи Россия» пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он  номзадҳо ба вазифаи судя танҳо баъд аз тайёрии касбии яксола таъин карда мешаванд ва салоҳияти тайёр намудани онҳо ба зиммаи Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия вогузор шудааст. Чунин тағйирот ба қоидаҳои байналмилалии тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя мувофиқат мекунад.

Масъалаи интихоб, тайёр намудан ва таъини судяҳоро дар Қазоқистон Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи Шурои Олии судяҳои Ҷумҳурии Қазоқистон»[60] ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи низоми судӣ ва мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон»[61] ба танзим медарорад. То ин ҷониб аз соли 1959 ва баъди пошхӯрии ИҶШС то соли 1994 интихоб ва таъини судяҳоро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон ба уҳда дошт.

[58] Ниг.: Закон РФ «О статусе судей в Российской Федерации» от 26 июня 1992 г. № 3132-1 // Российская газета. – 1992.  – 29 июля. – № 170. – С. 5.
[59] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо,банди 2.3.: http://www.coe.int. (санаи мурочиат: 25.02.2021).
[60] Ниг.: Закон РК «О Высшем Судебном Совете Республики Казахстан» от 4 декабря 2015 г. № 436-V ЗРК. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.Kodeksy-kz.com. (санаи мурочиат: 12.05.2020).
[61] Ниг.: Конституционный Закон Республики Казахстан «О судебной системе и статусе судей Республики Казахстан»  от 25 декабря 2000 года, № 132-II, – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.sud.gov.kz. (санаи мурочиат: 12.05.2020).

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон масъалаи интихоб ва таъин намудани судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судяро Шурои Олии Судӣ ҳамчун мақоми ваколатдор баррасӣ менамояд. Шурои Олии Судӣ соли 1995 таъсис дода шуда, салоҳияти он бо назардошти мавқеи муҳим доштани ҳокимияти судӣ ва салоҳияти он давра ба давра (дар чор давра) такмил дода шудааст. Чунончи, дар солҳои 1995-2007 Шуро фақат мақоми машваратиро дар назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дошт. Аъзои Шуро дар ин давра аз раис, раисони Шурои конститутсионӣ, Суди Олӣ, Прокурори генералӣ, Вазири адлия, намояндагони сенат, судяҳо ва дигар шахсиятҳо иборат буд. Шурои Олии судӣ дорои салоҳиятҳои зерин мебошад:

- таъмини кафолати мустақилияти судяҳо;

- интихоби судяҳои вилоятҳо бо роҳи озмун;

- баррасии пешниҳодҳои Раиси Суди Олӣ оид ба таъини номзадҳо ба вазифаҳои раисони коллегияи судии Суди Олӣ, раисони коллегияҳои судии судҳои вилоятҳо;

- озод намудани Раиси Суди Олӣ, раисони судҳои вилоятҳо ва коллегияҳои судии судҳои вилоят[62].

Дар марҳилаи дуюми тавсеаи салоҳиятҳои Шуро (солҳои 2007-2014) ба салоҳиятҳои он масъалаҳои интихоб ва таъин намудани судяҳои судҳои ноҳияҳо, ташкили қабули имтиҳони квалификатсионӣ аз номзадҳо ба вазифаи судя ва додани ризоият барои тамдиди фаъолияти судягӣ ба судяҳои ба нафақа бароянда илова гардид.

Давраи сеюми фаъолияти Шурои Олии Судӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба солҳои 2015-2017 рост меояд. Дар ин давра Шуро ба муассисаи мустақили давлатӣ бо таъсиси мақоми шахси ҳуқуқӣ табдил ёфта, салоҳият ва самтҳои фаъолияти он вобаста ба иҷрои барномаҳои

---

[62] Ниг.: Обзор судебных систем стран Центральной Азии / авт. кол.: Г. Диков, Э. Талапина, Л. Юрсена, С. Кальченко, К. Баглай.– М.: ИД «Юриспруденция», 2015. – С. 88-90.

ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва Барномаи миллӣ дар доираи салоҳиятҳои зерин рушду такомул ёфт:

- интихоби раисони судҳои ноҳияҳо дар асоси озмун;

- тасдиқи натиҷаҳои баҳогузории фаъолияти судяҳо аз рӯйи ҷамъбасти сол;

- баррасии шикоятҳои судяҳо аз болои қарори Комиссияи судяҳо (аз болои мақоме, ки масъалаҳои муҷозоти судяҳо ва баҳодиҳии мувофиқати касбии судяҳоро ба уҳда дорад[63]).

Дар давраи сеюми такмили фаъолияти Шуро ба ҳайати он шомил гардидани шахсони олии мансабдор ба монанди Раиси Суди Олӣ, Прокурори генералӣ, Вазири адлия, директори Агентии хизмати давлатӣ, раисони Кумитаҳои дахлдори Маҷлис ва Сенати Парлумон, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, намояндагони ҷомеаи адвокатҳо ва олимони ҳуқуқшинос мушоҳида мешавад.

Давраи чоруми рушди Шуро аз соли 2018 оғоз меёбад ва барои таърихи он давраи мукаммал гардидани асосҳои ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти босамари низоми судиро ба танзим медарорад. Дар ин давра самтҳои фаъолият ва салоҳияти Шуро дар интихоби судяҳо, ташкили захираҳои кадрии судягӣ, масъулияти муҷозоти судяҳо, ташкил ва гузаронидани интихоби раисони коллегияҳои судии судҳои вилоят муайян гардид. Қонунгузорӣ на камтар аз нисфи ҳайати аъзои Шуроро аз ҳисоби судяҳои амалкунанда муқаррар менамояд. Бо мақсади шаффофияти фаъолият дар муҳлати 1,5 сол нисфи аъзои интихобгардидаи Шуро иваз карда шуда, ҳамаи судяҳои дар истеъфобудае, ки аъзои Шуро буданд, аз аъзогӣ хориҷ карда шуданд. Ин дигаргуниҳо дар доираи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба сифатан беҳтар

[63] Ниг.: Высший Судебный Совет Республики Казахстан. Национальный доклад о состоянии судейских кадров в Республике Казахстан. Нур-Султан – 2019, глава 2. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.zakon.kz. (санаи муроҷиат: 12.05.2020).

гаштани раванди интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон мусоидат намуд[64].

Мо низоми интихоби судяҳои Ҷумҳурии Қазоқистонро омӯхта, ба хулоса омадем, ки таркиби ҷомеаи судяҳои он аз се манбаъ сарчашма мегирад:

1. Аз ҳисоби коромӯзон дар судҳо, ки ба муҳлати як сол таҷрибаомӯзӣ менамоянд.

2. Аз ҳисоби хатмкунандагон-магистрантҳо, ки муддати ду сол дар магистратураи Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон таҳсил менамоянд.

3. Аз ҳисоби судяҳои амалкунанда, ки барои ишғоли мансабҳои судягӣ муроҷиат менамоянд.

Асосҳои ташаккули судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон қаробат дорад. Агар дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҷомеаи судяҳо аз 3 манбаъ ташаккул ёбад, пас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ он ба истиснои магистрантҳо аз ҳисоби 3 сарчашма интихоб ва ҷобаҷогузорӣ карда мешавад:

1. Аз ҳисоби коромӯз-судяҳое, ки дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ як сол ба тайёрии касбӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар судҳо фаро гирифта мешаванд.

2. Аз ҳисоби судяҳои амалкунанда, ки дар судҳои ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд.

3. Аз ҳисоби кормандони дастгоҳи судҳо, ки таҷрибаи ғанӣ ва собиқаи калони корӣ доранд (ин ҳолат дар таҷриба нисбатан кам вохӯрда, вале аҳён-аҳён ҷой дорад).

Тартиби тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран аз ҳисоби коромӯз-судяҳо амалӣ карда мешавад.

---

[64] Ниг.: Высший Судебный Совет Республики Казахстан. Национальный доклад о состоянии судейских кадров в Республике Казахстан. Нур-Султан – 2019, глава 2. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.zakon.kz. (санаи муроҷиат: 12.05.2020), боби 2.

Қонунгузории Қазоқистон ду роҳи тайёр намудани судяҳоро пешбинӣ менамояд:

1. Коромӯзӣ дар судҳо (аз се моҳ то як сол);

2. Таълими дусола дар магистратураи Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон [65].

Мутобиқи меъёрҳои амалкунанда барои ишғоли мансаби судя магистрантҳо танҳо баъди хатми магистратура метавонанд ҳамчун номзад иштирок намоянд. Чунин талабот барои он пайдо гашт, ки дар таҷриба баъзе хатмкунандагон хоҳиши судя шудан намекунанд ва ба ин категорияи магистрантҳо дар дастгоҳи судҳо бе шарти озмун вазифаҳои хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Озмуни номзад ба вазифаи судя аз имтиҳонҳои тахассусии зерин иборат аст:

1. Имтиҳони тестии психологӣ;

2. Имтиҳони тестии компютерӣ аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон;

3. Эссеи хаттӣ;

4. Санҷиши қобилияти довталаб доир ба татбиқи дониши ӯ дар амалия ҳангоми ҳалли масъалаҳои судӣ;

5. Суҳбат бо аъзои комиссияи тахассусии Шуро;

6. Таҳқиқоти полиграфӣ (ҳангоми зарурат)[66].

Тести психологӣ бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои рӯҳию психологии довталаб аз ҷониби психологҳои мақомоти судӣ дар ду марҳила гузаронида шуда, аснои он сифатҳои зерини довталаб баҳогузорӣ карда мешаванд:

---

[65] Ниг.: Высший Судебный Совет Республики Казахстан. Национальный доклад о состоянии судейских кадров в Республике Казахстан № 2, Нур-Султан – 2020. – С. 27. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:https://www.zakon.kz. (санаи мурочиат: 12.05.2020).

[66] Ниг.: Правила приема на обучение в Академию правосудия при Верховном Суде Республики Казахстан. Утверждены приказом Председателя Верховного Суда Республики Казахстан от 26 марта 2020 года, № 12. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/(санаи мурочиат: 12.05.2020).

1. Сифати баланди ахлоқӣ: бовиҷдонӣ, боинсофӣ, принсипнокӣ, ватандӯстӣ, итоати қонун, обрӯю эътибор, масъулиятнокӣ, таҳаммулпазирӣ, мустақилият, ботартибӣ, боадолатӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ, ҷиддият, беғаразӣ, инсондӯстӣ ва қобилияти кории самтноки довталаб;

2. Ҳавасмандии касбӣ: кӯшиш барои пайгирии ҳақиқат, муқобилият намудан ба зуҳуроти ғайриқонунӣ, бе дудилагӣ ҳимоя ва таъмин намудани волоияти қонун, пурра амалӣ намудани имкониятҳои касбӣ, ноил гардидан ба обрӯ ва эҳтироми касбӣ миёни ҳамкорон;

3. Малакаи инкишофёфтаи коммуникативӣ: аз ҷумла, воситаҳои таъсиррасонии коммуникативиро донистан, маҳорати нигоҳ доштани муошират бо омма ва шахсони алоҳида, боаҳамиятӣ ва хушмуомилагӣ бо мардум, қобилияти гӯш карда тавонистани ҳамсуҳбат ва фаҳмонда додан, маҳорати эҳтиром намудани фикри дигарон, босабрӣ, маҳорати ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ ва ихтилофнок, маданияти суханронӣ ва эътимоднокии нутқ, мухтасарбаёнӣ ва равшанбаёнӣ;

4. Иродаи қавии эмотсионалӣ (эҳсосотӣ): Эҳсосоти ботамкинӣ, таҳаммулпазирӣ, қобилияти баланди корӣ доштан пеш аз ҳама ҳангоми вазъияти ҳаяҷоновар, дараҷаи худидоракунии эҳсосот ва рафтор, серталабӣ, боинтизомӣ, худбоварӣ, мустаҳкамӣ ҳангоми сарбории шиддатноки психологӣ, омода будан барои гузаштан аз мушкилиҳо, муқовимат ба фишорҳои беруна, қобилияти бардошти стресс, худмувозинатӣ, системаи асаби инкишофёфтаи мутобиқшаванда;

5. Сатҳи баланди маълумотнокӣ: дараҷаи баланди дарккунӣ доштан, қобилияти кории фикрӣ, ҳаҷми лозимаи донишҳои муосир, ҷаҳонбинии васеъ, фикррониии пешқадам, тахайюлот, хотира, фасоҳати нутқ[67].

[67] Ниг.: Аблаева Э.Б. Порядок отбора и условия вступления в должность судей в Республике Казахстан // Пробелы в российском законодательстве. – 2017. – № 2. – С. 201-209.

Тести компютерӣ бо мақсади муайян намудани дониши довталаб дар самти қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон ба роҳ монда шуда, он аз 11 соҳаи ҳуқуқ иборат мебошад:

- ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи экологӣ.

Вақти барои ҳалли 100 савол ҷудокардашуда 1,5 соат буда, шарти гузариш дар доираи 80%-и ҷавоби дуруст ба саволҳо мебошад.

Эссеи хаттиро довталаб дар назди Шурои Олии Судӣ баъди муваффақ шуданаш дар имтиҳони тестӣ месупорад. Барои ин, ӯ яке аз вариантҳои пешниҳодшударо интихоб намуда, онро дар компютер бо шакли Times New Roman ва ҳуруфи 14 менависад. Ҳаҷми эссе набояд аз 500 калима зиёд бошад, барои иҷрои ин шарт ду соат ҷудо карда мешавад.

Ҳангоми баҳогузории натиҷаи эссе 7 шарт ба инобат гирифта мешавад:

1. маҳорати муайян намудани мушкилии масъала ва ҳалли дурусти он;

2. тафаккури интиқодӣ доштан;

3. маҳорати исботкунонӣ ва тасдиққунонии фикри худро доштан;

4. асосноккунонии хулоса;

5. муайян кардани роҳҳои ҳалли амалӣ ва воқеии мушкилӣ;

6. донишу малакаи стратегию барномавии ҳуҷҷатгузории давлатӣ, дониши ҳуқуқӣ, қобилияти мурочиат ба қонунгузорӣ;

7. дониши соҳаи грамматика ва лексика.

Баҳогузории довталаб дар ин маврид аз рӯйи тартиби панҷбала сурат мегирад.

Марҳилаи чоруми озмун барои довталабон марҳилаи амалӣ мебошад. Дар ин марҳила донишу малакаи довталаб дар ҳалли

масъалаҳо аз таҷрибаи судӣ мавриди баҳогузорӣ қарор мегирад. Ба довталаб аз соҳаҳои ҳуқуқ масъалаҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҷавобҳо ба ҳар як масъала бояд асоснок бошанд.

Суҳбат ин марҳилаи охири озмун оид ба интихоби номзадҳо ба вазифаи судя мебошад, ки он бо аъзои Комиссияи квалификатсионии Шуро гузаронида мешавад. Аъзои комиссия ба номзад оид ба муайян намудани таҷрибаи коммуникативӣ, тахассусӣ ва дигар сифатҳо суол медиҳанд. Аз имтиҳони тахассусӣ номзаде гузашта ҳисобида мешавад, ки аз натиҷаи ҳалли масъалаҳои эссе, кейсҳо ва суҳбат на камтар аз 14 балро соҳиб гардида бошад. Номзадҳое, ки имтиҳони тахассусиро бо муваффақият супорида, натиҷаи мусбати тестии психологӣ доранд, бо қарори дахлдори Шуро метавонанд барои гузаштан аз таҳқиқи полиграфӣ роҳхат дода шаванд[68].

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаи интихоби судяҳо ба салоҳияти Шуро оид ба интихоби судяҳо мансуб аст. Бинобар ин, салоҳияти Шуро ва тартиби ҳуқуқии интихоби судяҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи Шуро оид ба интихоби судяҳои Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 13 июли соли 2011 ба танзим даровarда мешавад[69].

Мутобиқи қ.1 моддаи 1-и қонуни зикргардида Шуро оид ба интихоби судяҳо мақоми коллегиалии мустақил мебошад. Вазифаҳои асосии Шуро аз интихоби номзадҳо ба вазифаҳои холии судяҳои Суди Олӣ, Палатаи конститутсионии Суди Олӣ, судҳои маҳаллӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории судяҳои маҳаллӣ иборат мебошад.

---

[68] Ниг.: Положение об экзаменационной комиссии и организации проведения вступительного экзамена по специальности в Академии правосудия при Верховном Суде Республики Казахстан. Утверждено приказом ректора от 15 мая 2020 года № 6002-20-7-8/61 согласовано Департаментом по обеспечению деятельности судов при Верховном Суде Республики Казахстан от 12 мая 2020 года, № 6001-20-7-28/166; Аблаева Э.Б. Порядок отбора и условия вступления в должность судей в Республике Казахстан // Пробелы в российском законодательстве. – 2017. – № 2. – С. 201-209.

[69] Ниг.: Закон Кыргызской Республики «О Совете по отбору судей Кыргызской Республики», г. Бишкек, от 13 июня 2011 года № 40. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/ (санаи муроҷиат: 13.05.2020).

Шуро фаъолияти хешро дар асоси принсипҳои мустақилият, қонуният, шаффофият, бовиҷдонӣ ва ба тариқи дастаҷамъона амалӣ менамояд. Шуро ба тариқи озмун ҷойҳои холии вазифаҳои судяҳои Суди Олӣ, Палатаи конститутсионии Суди Олӣ, судҳои маҳаллиро бо назардошти на бештар аз 70 %-и як ҷинс мегузаронад ва дар асоси натиҷаи озмун онҳоро ба Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод менамояд. Аъзои Шуро аз 24 нафар иборат буда, он судяҳои аз ҷониби Шуро тасдиқшуда ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо аксари овозҳои парлумон ва оппозитсияҳои парлумон Жогорку Кенеш интихоб мешаванд, иборат аст. Аъзои Шуро ба муҳлати 3 сол интихоб шуда, як шахс наметавонад беш аз ду муҳлат узви Шуро интихоб гардад.

Қонунгузории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (минбаъд ИМА) дар самти танзими ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани номзад ба вазифаи судя ва судя аз давлатҳои дигари аврупоӣ ва дигар низомҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунад[70]. Дар ИМА низоми ҳуқуқии ҳар як штати он аз якдигар фарқ дорад. Мисол дар ИМА 50 низоми ҳуқуқии мустақил новобаста аз ҳамдигар амал мекунанд[71]. Дар ИМА низоми судии федералии ягона ва дар баробари он судҳои мустақили ҳар як штат, судҳои ҳудудҳои федералӣ (4 адад) ва судҳои округии штатҳо мавҷуд аст, ки ҳар яки онҳо мустақилона фаъолият мекунанд. Ҳамин тавр, дар ҳар як штати ИМА низоми судии мустақил ва соҳибихтиёр амал мекунад, ки ба Коллегияи федералии судҳо тобеъ намебошанд. Ин маънои онро дорад, ки тартиби интихоб ва таъини судяҳо, талабот нисбати номзад ба вазифаи судя дар ҳар як штат алоҳида муқаррар карда мешавад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мақоми судя ва асосҳои ташаккули низоми судиро дар ИМА ба танзим медароранд, инҳо мебошанд:

---

[70] Ниг.: Более подробное сравнение карьер английских и американских судей изложено в работе: P.S. Atiyahand, Robert S. Summers. Form and Substance in Anglo-American Law. – Clarendon Press, 1987. – P. 347-353.
[71] Ниг.: Аболонин Г.О. О судебной системе США // Вестник гражданского права. – 2014. – № 1. – С. 154.

Кодекси ИМА[72], Кодекси рафтори судяҳои ИМА[73], Кодекси рафтори кормандони мақомоти судӣ[74] ва ғайраҳо. Судяҳо дар ИМА мустақил буда, қарорҳои хешро дар асоси қонун, виҷдон ва ахлоқ мебароранд. Ин амал ба воситаи омилҳои зерин чун воситаҳои конститутсионии ҳифз ва кафолат, ки судяҳо дар ИМА бархӯрдоранд, таъмин карда мешавад.

Аз соли 1789 инҷониб судяҳои федералии ИМА ҳуқуқи якумра дар вазифаи судягӣ буданро доро мебошанд ва фаъолияти онҳо ҳамон вақт қатъ мегардад, ки агар онҳо ягон амали ғайриҳуқуқӣ ва ё ғайриахлоқӣ содир намоянд. Чунончи, дар моддаи 3 боби 1 Конститутсияи ИМА омадааст, ки судяҳои федералӣ то лаҳзае, ки ахлоқи онҳо бенуқсон аст, дар вазифаи ишғолнамудаи хеш фаъолият менамоянд[75].

Мувофиқи қонунгузории ИМА судяҳое, ки таъин мешаванд, онҳо зина ба зина пешбарӣ намешаванд. Агар онҳо дар зинаи поёнии судӣ ва ё болоии судӣ фаъолият намоянд, пас онҳо дар ҳамон зина фаъолияташонро идома дода меистанд. Мувофиқи муқаррароти низоми ҳуқуқии ИМА ҳуқуқшиносоне, ки собиқаи кории касбии ҳуқуқшиносӣ надоранд, метавонанд дар зинаи болоии судии ягон штат ва ё дар Суди Олии ИМА ба кор даромада, фаъолият намоянд[76].

Қонунгузории ИМА меъёри ҳадди охири синни муйяни дар вазифаи судягӣ буданро муқаррар намекунад ва шарти ягонаи фаъолияти онҳо ин нигоҳ доштани ахлоқи бенуқсон мебошад. Мувофиқи баъзе тадқиқот синну соли миёнаи дар вазифаи судя будан дар таърихи фаъолияти судии ИМА дар ҳолати инкишоф қарор дорад ва он дар соли 2017 ба 70 - сола баробар буд[77].

---

[72] Ниг.: United States Code, U.S.C. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.govinfo.gov/app/collection/uscode (санаи муроҷиат: 03.05.2020).

[73] Ниг.: Code of Conduct for United States Judges, adopted by the Judicial Conference on April 5, 1973. Ch.2 (санаи муроҷиат: 03.05.2020).

[74] Ниг.: Захираи электронӣ. – Манбаи дастрасӣ: https://www.uscourts.gov/rules-policies/judiciary-policies/code-conduct/code-conduct-judicial-employees (санаи муроҷиат: 24.06.2019).

[75] Ниг.: Материалы российско-американского семинара "Судейская этика и дисциплина, подбор судей". - Белгород. 1998. 16-18 ноября. – С. 2.

[76] Ниг.: Бернам Уильям. Правовая система США. – М.: Новая юстиция, 2006. – С. 311- 323.

[77] Ниг.: Захираи электронӣ. – Манбаи дастрасӣ: https://www.fjc.gov/history/exhibits/graphs-and-maps/age-and-experience-judges (санаи муроҷиат: 27.06.2019).

Тибқи қонунгузории ИМА судя шахсе шуда метавонад, ки шаҳрвандии ИМА-ро дошта, синну солаш аз 21 кам набошад, дорои маълумоти ҳуқуқшиносӣ бошад, забони англисиро донад ва дар ҳудуди ИМА аз як то чор сол иқомат карда бошад. Ҳангоми интихоб ба вазифаи судя нисбати ӯ талаботи оддии таълимии касбӣ пешниҳод карда мешавад[78].

Масъалаи хоста гирифтан ва пешниҳоди судяҳои федералиро аз соли 1946 инҷониб Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико ба ухда дорад. Дар қатори Ассотсиатсияи ҳуқушиносони Амрико тибқи қонунгузории ИМА номзадҳо ба вазифаи судяҳои федералӣ аз ҷониби Президент, сенаторҳо, Прокурори генералӣ, сенаторҳое, ки дар штатҳояшон вакансияҳои судягӣ холӣ шудааст, пешвои ҳизбҳои маҳаллӣ ва аз ҷониби судяҳое, ки мехоҳанд номзади муайянро пешниҳод намоянд, пешбарӣ мешаванд[79].

Судяҳое, ки дар судҳои федералӣ таъин мегарданд, чун қоида онҳо шахсони аз ҷониби сиёсатмадорон пешниҳодшуда мебошанд. Ҷараёни таъини онҳо аз ҷониби Президенти ИМА «бо машварат ва ризоият»-и Сенат кушоду равшан моҳият ва мазмуни сиёсишударо дар худ мегирад. Ба таъин шудан ба вазифаи судяҳои федералӣ он номзадҳое имконияти васеътар доранд, ки аз рӯйи ақидаҳои сиёсии хеш ё ин ки узвият ба ҳизби Президенти ИМА тааллуқ доранд. Дар штатҳо судяҳо ё аз ҷониби губернаторҳо таъин мешаванд ва ё аз ҷониби аҳолиии штатҳо ва ё маҷлиси қонунгузории штатҳо интихоб мегарданд[80].

Ба андешаи мо дар сурате ки судяҳои федералӣ аз ҷониби халқ интихоб нагардида, аз ҷониби губернаторҳо, ё маҷлиси қонунгузории штатҳо ва ё пешвои ҳизбҳои маҳаллӣ таъин мегарданд, мустақилияти онҳо мисли баъзе давлатҳои таҳқиқшаванда, ки аз ҷониби ҳокимияти

---

[78] Ниг.: Судебные системы западных государств. – М.: Наука, 1991. – С. 83.

[79] Ниг.: Материалы российско-американского семинара "Судейская этика и дисциплина, подбор судей". – Белгород – 1998, 16-18 ноября. – С. 6.

[80] Ниг.: Гольцов А.Т., Осипов А.Л., Сушина Т.Е. и др. Судебные системы зарубежных стран: учебное пособие. – М.: Норма, 2018. – С. 109.

иҷроия ва ё қонунгузор интихоб мегарданд, зери тобеияти мақомоти интихобкунанда қарор мегирад. Яъне, аз рӯйи принсипи интихоб ҳамонгунае ҳаст, ки дар таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ дида мешуд.

Дар Ҷумҳурии Федералии Олмон тартиби интихоб, хоста гирифтан, тайёр намудан ва таъини судяҳоро Қонуни олмонӣ дар бораи судяҳо (боби 2 Ҳуқуқ ба дарсҳои мансабҳои судягӣ §§ 5-7)[81] ба танзим медарорад. Бояд қайд намуд, ки низоми судии Олмон ба доираи қонунгузории рақобатпазир шомил буда, он аз Суди конститутсионии Федералӣ, судҳои умумӣ, махсус (маъмурӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ) ва судҳои заминҳо иборат мебошанд. Тартиби интихоб ва хоста гирифтани судяҳо барои ишғоли мансаби судя дар судҳои зикргардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Олмон ба танзим даровarда мешавад.

Дар таҷрибаи Олмон ба мансаби судя танҳо шахсоне сазовор мешаванд, ки онҳо маълумоти ҳуқуқшиносӣ дошта, ду имтиҳони давлатиро бомуваффақият супурда, тайёрии касбии дусоларо дар судҳо, прокуратура, адвокатура, мақомоти идоракунӣ ва комиссияҳои интихоботӣ гузашта бошанд. Қонунгузорӣ маҳдудиятҳои синусолии номзадҳо ба вазифаи судяро ба истисвои судяҳои Судҳои Олии Федералӣ пешбинӣ наменамояд.

Номзад ба вазифаи судя бояд тайёрии психологиро гузашта, ба хулосаи мусбати мутахассисони (комиссияи) мустақил дар бораи тайёр намудан ба касби судя ноил гардад. Ба таъин намудани судяҳо дар Олмон мақомоти адлия масъул мебошанд. Ҳангоми таъин намудани судяҳои судҳои Федералӣ хулосаи Вазири федералии адлия, вакилони Бундестаг ва вазирҳои заминҳо ба инобат гирифта мешаванд. Чунин

---

[81] Ниг.: Немецкий Закон о судьях. - Бонн: Интер-национе С., 1993. – С. 18-25.

мувофиқа ҳангоми интихоби судя ба манфиатҳои минтақавӣ ва федералӣ мутобиқат мекунад[82].

Таълими касбии коршиносон дар самти ҳуқуқ дар Олмон ба се гурӯҳ ҷудо мешавад:

1. Таълими ибтидоӣ- то гирифтани таълими тахассусии касбӣ;

2. Таълим дар ҷои кор барои онҳое, ки акнун фаъолияти касбии худро оғоз намудаанд, яъне барои судяҳои навинтихобгардида;

3. Таълими берун аз ҷои кор, яъне такмили ихтисос[83].

Зери мафҳуми таълими ибтидоӣ ба таълими умумӣ фаро гирифтани тамоми мутахассисони соҳаи ҳуқуқ дар назар дошта мешавад.

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Федеративии Олмон қариб ҳамаи номзадҳо ба вазифаи судя, ки имтиҳони якуми давлатиро супоридаанд, ба давраи тайёрии дусола дохил мешаванд. Ташкили ин давраи таълимӣ аз ҷониби Раёсати адлияи замин ба роҳ монда шуда, бозомӯзӣ бошад, дар шакли инфиродӣ гузаронида мешавад. Дар ин давра коромӯз бо хоҳиши худи ӯ ба якчанд марҳилаҳои таълим ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта мешавад:

- дар судҳо оид ба парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ;

- дар прокуратура;

- дар ширкату ассотсиатсияҳои адвокатӣ;

- дар мақомоти маъмурии давлатӣ ва ё дар дигар мақомоту муассисаҳо[84].

Дар марҳилаҳои мухталифи таълим коромӯз-судяҳо бо ҳуқуқи мурофиавӣ ошно гашта, дониши онҳо дар марҳилаи дуюми имтиҳони давлатӣ хеле ҷиддӣ санҷида мешавад. Дар ин марҳила онҳо лоиҳаи қарори судӣ ва ё фикри айбдориро бо истифодаи маводи воқеӣ таҳия

[82] Ниг.: Гольцов А.Т., Осипов А.Л., Сушина Т.Е. и др. Судебные системы зарубежных стран: учебное пособие. – М.: Норма, 2018. – С. 9.
[83] Ниг.: Власов И.С. Назначение на судейскую должность // Судьи в зарубежных странах. Законодательство зарубежных стран. Вып. 2. – М., 1991. – С. 17.
[84] Ниг.: Пейсиков В.В. Правовые и организационные аспекты отбора, подготовки и повышения квалификации судей: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 127.

менамоянд, ки ин худ имтиҳони хаттӣ ҳисоб мешавад. Ҳангоми супоридани имтиҳони шифоҳӣ хусусиятҳои ҳалли намудҳои гуногуни парванда дида шуда, дар айни замон ба саволҳои амалӣ диққати асосӣ дода мешавад. Ба номзадҳое, ки дар имтиҳони дуюми давлатӣ комёб мешаванд, тахассуси ишғоли мансаби судя дода мешавад, ки новобаста ба номгӯйи унвони коромӯз-судя ӯ метавонад дар дилхоҳ соҳаи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ фаъолият намояд.

Дар намунаи Олмон Шуро оид ба таъини судяҳо амал мекунад, ки тавсияи он қувваи машваратӣ дорад. Ин тавсия метавонад нисбати судяҳои судҳои федералӣ ва заминҳо паҳн гардад. Дар як қатор судҳои (заминҳои) Олмон қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, ки хоста гирифтани судяҳо якҷоя бо Вазири адлия ва Кумита оид ба интихоби судяҳо бояд сурат гирад. Кумитаи мазкур ҳуқуқи вето дорад. Аъзои Кумита аз аъзои парлумон, судяҳо ва адвокатҳо, ки аз ҷониби коллегияи онҳо интихоб мешаванд, иборат мебошад.

Дар таҷрибаи Олмон иштироки Вазири адлия дар амали хоста гирифтан ва интихоби судяҳо ҳамчун ҷанбаи муҳими демократӣ арзёбӣ мешавад. Мо бар он ақидаем, ки ин принсипи қабулгардидаи интихоби судяҳо мисли дигар давлатҳо бавосита тобеияти ҳокимияти қонунгузор буда, он наметавонад ҳамчун «зуҳуроти муҳими демократӣ» арзёбӣ гардад. Зеро Вазорати адлия, ки дар интихоби судяҳо саҳмгузор аст, худ дар назди парлумони Олмон ҳисоботдиҳанда мебошад. Дар чунин низоми интихоб судяҳо ҳамзамон ба ду мақомот, Вазорати адлия ҳамчун мақоми иҷроия ва Парлумон ҳамчун мақоми қонунгузор тобеиятӣ доранд.

Аз лиҳози талаботи Конститутсия низ мақоми таъинкунандаи судяҳо набояд танҳо аз ҷомеаи судяҳо иборат бошад, ё худ судяҳо набояд аксариятро ташкил диҳанд. Дар сатҳи федералӣ ва сатҳи заминҳо Шуро оид ба мувофиқи мақсад будани таъинот ва ё пешбарии номзадҳо ба вазифаи судя хулосаи хаттӣ медиҳад. Хулосаи мазкур,

барои Вазири адлия хусусияти ҳатмӣ надорад, вале ҳангоми аз ҷониби охирон ба инобат нагирифтани хулосаи Шуро баъзан ба тариқи оммавӣ мавриди интиқод қарор  мегирад, ки ин ҳолат ҳамчун таҷрибаи солим баҳогузорӣ мегардад[85].

Судяҳои амалкунанда дар судҳои минтақавӣ, меҳнатӣ, маъмурӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ дар Олмон муддати 3-5 сол коромӯз-судя ба ҳисоб мераванд. Қонунгузорӣ мақоми коромӯз-судяро чунин муайян кардааст, ки ӯ қариб тамоми салоҳиятҳои судяро доро буда, дар қабули қарорҳо мустақил мебошад. Аз ҷониби дигар фаъолияти касбии коромӯз-судя зери назорат қарор дошта, ӯ метавонад дар муҳлати охири соли сеюми коромӯзияш бо сабаби қобилияти касбӣ надоштанаш аз вазифаи ишғолнамудааш барканор карда шавад.

Ба кори коромӯз-судя танҳо раиси суди минтақавӣ баҳо медиҳад. Дуруст аст, ки дахолат ба фаъолияти судя, ки мустақил мебошад манъ аст. Вале ин ҷо сухан дар бораи баҳодиҳии фаъолият, камбудию норасоие, ки дар рафти фаъолияти судягии ӯ ҷой дорад меравад. Дар дигар ҳолатҳо ва нисбати фаъолияти дигар судяҳои амалкунанда дар давоми ҳар як ҳафт сол то синни 50 солагӣ баҳодиҳӣ гузаронида мешавад. Дар таҷрибаи дигар давлатҳои пасошуравӣ одатан баҳодиҳии (аттестатсияи) судя ҳамон вақт гузаронида мешавад, агар ӯ ба зинаи болоии суд ва ё мансаби баландтаре пешниҳод шавад.

Дар Фаронса қабули Қонун «Дар бораи ташкили ҳокимияти судӣ» (соли 1790) ба рушди намунаи муосири низоми судӣ оғоз бахшид. Қонуни мазкур масъалаҳои интихобӣ будани мансаби судя, мустақилияти онҳо, ҷудо гардидани адлияи гражданӣ ва ҷиноятӣ ва манъ будани дахолати судҳо ба фаъолияти мақомоти давлатиро муқаррар намуд.

[85] Ниг.: Пейсиков В.В. Правовые и организационные аснекты отбора, подготовки и повышения квалификации судей: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – Саҳ. 127-128.

Дар айни замон, мақоми судяҳо ва кафолати мустақилияти онҳо бо қонунҳои органикии соли 1958-и Фаронса «Дар бораи Шурои Олии магистратура»[86] ва «Дар бораи мақоми магистратура»[87] танзим карда мешавад. Мақоми судяҳои судҳои маъмурӣ дар Кодекси адлияи маъмурӣ муайян карда шудааст[88].

Қонунгузории Фаронса дар самти интихоб, тайёр намудан ва таъини судяҳо ба ақидаи И.А. Андреев қонунгузории мукаммалтар мебошад[89]. Дар Фаронса масъалаи интихоб, тайёр намудан ва таъини судяҳоро моддаҳои 64-65 Конститутсияи Фаронса[90] ба танзим медарорад. Мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои мазкур ҳокимияти судӣ ҳуқуқу озодиҳои шахсии шаҳрвандонро ҳифз намуда, Президенти ҷумҳурӣ тавассути Шурои Олии магистратура мустақилияти ҳокимияти судиро кафолат медиҳад. Дар ин бора Фармони Президент «Дар бораи мақоми судяҳо» аз 22 декабри соли 1958, № 58-1270 ва тағйиру иловаҳо аз 25 феврали соли 1993, № 92-189, аз 27 июли соли 1993, № 93 952 ва инчунин аз 5 феврали соли 1994 ва 19 январи соли 1995 амал менамояд.

Судяҳои Фаронса мустақил ва ивазнашаванда мебошанд. Судяҳои салоҳияташон умумӣ аз ҷониби Президенти кишвар бо тавсияи Шурои Олии магистратҳо (барои судяҳои Суди кассатсионӣ ва раисони судҳои аппелятсионӣ) ё ин ки бо пешниҳоди Вазири адлия дар сурати мавҷудияти хулосаи мусбии Шурои Олии магистратҳо ба муҳлати номаҳдуди фаъолият ба вазифа таъин карда мешаванд.

Дар Фаронса пас аз расидан ба синни 65-солагӣ судя ба истеъфо меравад. Барои судяҳои Суди кассатсионӣ маҳдудияти синну сол дар

---

[86] Ниг.: Органический закон № 94-100 от 05.02.1994 «О Высшем совете магистратуры». – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://worldconstitutions.ru (санаи муроҷиат: 18.05.2020).

[87] Ниг.: Органический закон № 58-1270 от 22.12.1958 «О статусе магистратуры». – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://worldconstitutions.ru (санаи муроҷиат: 18.05.2020).

[88] Ниг.: Соловьев А.А. Особенности правового положения Высшего совета магистратуры Французской Республики // Государство и право. Юридические науки, Право и Образование. – 2014. – № 7. – С. 56.

[89] Ниг.: Андреева И.А. Первоначальная профессиональная подготовка магистрантов во Франции // Право и образование. – 2013. – № 4. – С. 97.

[90] Ниг.: Конституция Французской Республики от 04.10.1958 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.conseilconstitutionnel.fr (санаи муроҷиат: 20.05.2020).

мансаб синни 66 ва барои Раиси Суди кассатсионӣ синни 68 муайян карда шудааст. Баъди ба истеъфо баромадан судяҳо мақоми судяҳои фахриро гирифта, аз тамоми имтиёзҳои судя истифода мебаранд ва ҳуқуқ доранд бо мантия дар маросимҳои ҷашнӣ дар суди худ ширкат варзанд[91].

Хусусияти дигари низоми судии Фаронса дар набудани Суди конститутсионӣ мебошад. Шурои конститутсионӣ, ки ба мақомоти судӣ тааллуқ надорад, ҳуқуқи баррасии мутобиқатии қонунҳо ба Конститутсияро дорад, баҳсҳоро дар бораи салоҳияти мақомоти давлатӣ ҳал мекунад ва қарори охиринро оид ба парвандаҳои ҳимояи вазъи ҳуқуқии шахс мебарорад. Ҷанбаи фарқкунандаи намунаи фаронсавии баамалбарории адолати судӣ мавҷудияти ду низоми параллелии судӣ мебошад. Низоми судии якум судҳои салоҳияташон умумиро дар бар мегирад, ки бо баррасии парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷиноятӣ машғуланд. Низоми дуюми судӣ аз судҳои маъмурӣ иборат аст, ки баҳсҳои ҳуқуқии маъмуриро ҳал мекунанд. Дар низоми судии Фаронса суд оид ба парвандаҳои ҷиноятии сиёсӣ, ки аз Суди Олӣ ва Трибунал оид ба низоъҳо иборат аст, ҷои махсусро ишғол мекунад[92].

Ҳайати кории низоми судии Фаронса дар асоси озмун ташкил карда мешавад. Ҳар як шаҳрванди қобили амал ва маълумоти олии ҳуқуқшиносидоштаи Фаронса, ки дорои сифатҳои мусбати ахлоқӣ ва равонӣ мебошад ва барои фаъолият ба ҳайси судя саломатиаш имконият медиҳад, метавонад номзад ба вазифаи судя шавад. Шахсоне, ки ба талаботи зикршуда ҷавобгӯ ҳастанд, метавонанд дар озмун ширкат варзанд. Иштирок дар озмун на бештар аз се маротиба иҷозат дода мешавад. Номзадҳое, ки имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супорида

---

[91] Ниг.: Ҳамон ҷо. – Саҳ. 56-58.

[92] Ниг.: Судебные системы европейских стран: справочник / пер. с фр. Д.И. Васильева и с англ. О.Ю. Кобякова. – М.: Международные отношения, 2002. – С. 287-289.

аз озмун мегузаранд, мувофиқи натиҷаҳо онҳо ба Мактаби миллии магистратура (ш. Бордо) ҳамчун аудитори судӣ қабул карда мешаванд.

Дар Фаронса зери мафҳуми магистрант шахсони мансабдори прокуратура ва суд фаҳмида мешаванд. Магистрант шахси мансабдоре мебошад, ки конститутсия ва қонунҳо ба ӯ салоҳияти қабули карорро бо истифода аз салоҳияти ҳокимияти давлатӣ медиҳад. Магистрантҳое, ки вазифаи судҳоро иҷро мекунанд, яъне баҳодиҳии судиро дастаҷамъона ва алоҳида баррасӣ менамоянд, магистранти судҳо ё судяҳо номида мешаванд[93].

Дар интихоб ва таъини судяҳо дар Фаронса мақомоти зерин ба монанди Шурои Олии магистратура, Комиссия оид ба ҷобаҷогузории хизмати давлатӣ, Вазорати адлия ва Мактаби миллии магистратура дар мувофиқаи якҷоя иштирок менамоянд.

Шурои Олии магистратура дар Фаронса ду таркиби салоҳиятро дар худ дорад ҳам нисбати судяҳо ва ҳам нисбати прокурорҳо. Раиси ваколатдори ҳайат оид ба судяҳо Раиси Суди кассатсионӣ мебошад. Ба ҳайати он, инчунин 5 судя, як прокурор, як мушовири давлатӣ, ки аз ҷониби Шурои давлатӣ таъин мегардад, як адвокат ва 6 мутахассисони босалоҳият, ки ба парлумон, мақомоти судӣ ва маъмурӣ тобеъ нестанд, шомиланд. Ба Шурои Олии магистратура салоҳиятҳои зерин вогузор карда шудааст: иштирок дар таъини судяҳо ва ҷобаҷогузории хизматии онҳо, иштирок дар таъини прокурорҳо ва ҷобаҷогузории хизматии онҳо, ёрӣ расонидан ба раванди таълим дар Мактаби миллии магистрартура, амалӣ намудани фаъолият ҳамчун мақомоти интизомӣ[94].

Комиссия бо Декрети Фаронса оид ба ҷобаҷогузории хизматӣ мақоми коллегиалӣ таъсис дода шуда, ҳайати он бо пешниҳоди Вазири

---

[93] Ниг.: Андреева И.А. Первоначальная профессиональная подготовка магистратов во Франции // Право и образование. – 2013. – № 4. – С. 97.

[94] Ниг.: Соловьев А.А. Высший совет магистратуры как орган судейского сообщества Французской Республики: монография / предисл. д.ю.н. А.А. Евстифеева; Кафедра гражданского и административного судопроизводства Московского гос. юрид. ун-та им. О.Е. Кутафина (МГЮА). – М., 2014. – С. 56.

адлия интихоб мегардад ва вазифааш таҳия ва тасдиқи рӯйхати судяҳо барои болоравии хизматӣ ва такмил додани ин рӯйхат аз нуқтаи назари салоҳиятнокӣ ва мувофиқ будан барои ишғоли мансаби судягӣ мебошад. Ин комиссия чӣ барои судяҳо ва чӣ барои прокурорҳо умумӣ мебошад. Рӯйхати таҳияшударо Вазири адлия ба Шурои Олии магистратура барои додани хулоса пеш аз пешниҳод ба Президенти ҷумҳурӣ ирсол менамояд. Ба ҳайати комиссия оид ба ҷобаҷогузории болоравии хизматӣ Раиси Суди кассатсионӣ, Прокурори генералӣ, Инспектори генералии хадамоти ҳуқуқӣ ё Директори департамент оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва масъалаҳои авфи Вазорати адлия, судяҳо ва прокурорҳо шомил мебошанд.

Вазорати адлияи Фаронса ҳамчун департаменти хадамоти судӣ оид ба таъмини ташкил ва фаъолияти дахлдори тамоми судҳои умумӣ, судҳои граждани ва ҷиноятӣ масъул мебошад. Илова бар ин, вазорат барои идораи захираҳои кадрии низоми судӣ, аз ҷумла ташкили хоста гирифтан, интихоб, таъин, таълим ва идораи болоравии хизматии магистрантҳою кормандони дастгоҳи судҳоро ба ухда дорад. Ба ғайр аз ин, яке аз вазифаҳои асосии маъмурияти судҳои Фаронса ин таъмини захираҳои молиявии судҳо бо назардошти талаботи воқеии онҳо мебошад[95].

Бо мақсади таъминоти молиявӣ Вазорати адлия ҳамасола буҷети низоми судӣ ва Мактаби миллии магистратураро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

Вазифаи Мактаби миллии магистратура ҳамчун муассисаи таълимӣ аз тайёр намудан ва бозомӯзии магистрантҳо (судяҳо ва прокурорҳо) иборат аст. Мактаби миллии магистратура муассисаест, ки аз ҷониби Вазорати адлия фаъолияташ назорат карда мешавад, вале

[95] Ниг.: Абдрасулов Е.Б. Некоторые аспекты подготовки кандидатов и отбора на судейские должности во Франции и Испании // Юридические науки. Инновационная наука. –2018. – № 5-2. – С. 46-51.

мақомаш аз лиҳози захираҳои маъмурию молиявӣ мустақилу худмухтор мебошад.

Буҷети солонаи Мактаби миллии магистратура зиёда аз 30-40 млн евроро ташкил медиҳад. Мақоми олии коллегиалии идоравии он Шурои мактаб мебошад, ки аъзои он намояндагони Вазорати адлия, судяҳо инчунин ҷомеаи ҳуқуқшиносон (адвокатҳо, олимон ва ғайра) мебошанд. Шуро вобаста ба барномаҳои таълимӣ қарор қабул мекунад, вобаста ба буҷети мактаб овоз медиҳад, ҳамасола оид ба хароҷоти молиявӣ ва маъмурӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

Президенти Шурои Мактаби миллии магистратура Раиси Суди Олии кассатсионии Фаронса буда, муовини ӯ прокурори калони Суди Олии кассатсионӣ мебошад. Мактаби миллии магистратураро директор роҳбарӣ мекунад, ки охирин бо қарори Вазири адлия ба вазифа таъин карда мешавад.

Мақсади Мактаби миллии магистратура дар фаъолияти ду департамент зоҳир мегардад. Инҳо Департаменти қабул ва таълими ибтидоӣ ва Департаменти такмили ихтисос, тайёрии касбӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Департаменти якум дар шаҳри Бордо ва дуюмаш дар шаҳри Париж ҷойгир мебошад. Ҳамаи муассисаҳое, ки дар боло номбар намудем дар доираи салоҳиятҳои худ дар интихоб ва таъини мансаби судягӣ иштирок менамоянд.

Дар асоси фаъолияти ташкилотҳои номбаршуда ба ҷомеаи судяҳо ворид шудан бо ду шакл ба роҳ монда мешавад:

1. Дохил шудан ба Мактаби миллии магистратура баъди супоридани имтиҳон ва гузаштан аз озмун;

2. Мустақиман интихоб шудан ба ҳайси судя бо мувофиқаи Комиссия оид ба ҷобаҷогузории хизматӣ[96].

[96] Ниг.: Профессиональное образование судей: Сравнительный анализ центров подготовки судей в Европе (Франция, Португалия, Польша) / авт.: Тимур Бочаров, Арина Дмитриева, Дмитрий Скугаревский. – СПб.: ИПП ЕУСПб, 2018. – С. 7-11.

Бояд тазаккур дод, ки аксари довталабон ба воситаи шакли якум, яъне супоридани имтиҳон ва гузаштан аз озмун ба ҷомеаи судяҳо ворид мешаванд. Ҳангоми дохил шудан ба Мактаби миллии магистратура се намуди озмун истифода бурда мешавад:

Шакли аввали озмун «донишҷӯй» ном дошта, он барои довталабоне, ки донишгоҳро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардаанд, вале ҳанӯз собиқаи корӣ надоранд, пешбинӣ гардидааст.

Шакли дуюми озмун барои онҳое пешбинӣ мегардад, ки ба ҳолати аввали соли тақвимӣ аз аттестатсияи хизмати давлатӣ ва хизмати давлатии коллективҳои ҳуқуқӣ ва ё муассисаҳои омма гузашта, чор сол собиқаи корӣ доранд.

Шакли сеюми озмун дар Мактаби миллии магистратура барои шахсонест, ки ба фаъолияти касбӣ машғул буда, на камтар аз 8 сол собиқаи корӣ дар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дошта, мақоми шахсӣ ва ё нуфузи шахсиашон ба онҳо ҳуқуқи иҷро намудани вазифаҳои судро медиҳад, бе санҷиши шахсияташон қабул карда мешаванд. Ба ин категорияи довталабон метавонанд докторҳои ҳуқуқ, ассистентони муассисаҳои илмию таълимӣ, ки баъди гирифтани унвонҳояшон се сол дар соҳаи ҳуқуқ собиқаи корӣ доранд, дохил шаванд. Дар ҳолатҳои номбурда теъдоди дохилшавандагони имтиёзнок бе супоридани имтиҳон набояд аз се як ҳиссаи шумораи умумии довталабон зиёд бошад[97].

Дар давраи якуми озмуни дохилшавӣ ба Мактаби миллии магистратураи Фаронса довталабон аз рӯйи маълумоти умумӣ, масъалаву қазияҳои афкори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва умумифарҳангии ҷаҳон имтиҳон месупоранд. Агар довталаб дар имтиҳони хаттӣ комёб шавад, он гоҳ ӯ ба имтиҳони шифоҳӣ роҳ дода мешавад. Имтиҳони шифоҳӣ дар навбати худ аз 4 имтиҳон аз рӯйи

[97] Ниг.: Профессиональное образование судей: Сравнительный анализ центров подготовки судей в Европе (Франция, Португалия, Польша) / авт.: Тимур Бочаров, Арина Дмитриева, Дмитрий Скугаревский. – СПб.: ИПП ЕУСПб, 2018. – С. 7-8.

фанҳои ҳуқуқшиносӣ иборат аст. Зинаи навбатӣ барои довталабон имтиҳони шифоҳӣ барои ошкор намудани хислати руҳӣ-психологии номзад ва ҳамзамон дараҷаи дониши ӯ аз забони хориҷӣ мебошад. Илова бар ин, довталабон аз рӯйи тайёрии тарбияи умумии бадан низ санҷиш месупоранд. Бинобар ҷой доштани талаботи ҷиддӣ нисбати довталабон аксари онҳо дар донишгоҳҳо ба курсҳои махсус номнавис шуда, омодагии ҷиддӣ мебинанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда аз шумораи умумии довталабон ҳамагӣ 10-15% - и онҳо муваффақ мешаванд[98]. Довталабоне, ки озмунро мегузаранд, бо қарори Вазири адлия шунавандаи Мактаби миллии магистратура таъин мегарданд ва ҳамзамон ба онҳо дар бораи 10 сол фаъолият намудан дар соҳаи адлия созишнома баста мешавад.

Қонуни Фаронса «Дар бораи мақоми магистратура» вазъи ҳуқуқии шунавандаи Мактаби миллии магистратураро ба танзим медарорад. Мақоми шунаванда мувофиқи қонуни мазкур ба мақоми ҷомеаи судяҳо аниқтараш ба судяҳо ва прокуророни Суди кассатсионӣ, Суди аппелятсионӣ, судҳои зинаи якум ва магистрантҳои Раёсати маркази Вазорати адлия баробар карда шудааст. Ин гувоҳи он аст, ки дохил шудан ба Мактаби миллии магистратура ҳамчун далели интихоби ибтидоӣ ба вазифаи судя эътироф карда мешавад, гарчанде ки то ишғоли вазифа судя боз якчанд зинаҳои дигарро гузаштан лозим меояд. Муайян гардидани 75-80 %-и маоши судяи суди зинаи якум барои шунавандагон далели тасдиқи дигари мақоми ӯ мебошад.

Давомнокии таълими шунавандагон 31 моҳ (2 солу 7 моҳ) мебошад. Дар ин давра 30 нафар устодон, аз ҷумлаи судяҳо ва прокурорҳо ба Мактаби миллии магистратура бо нигоҳ доштани маоши вазифавиашон муваққатан сафарбар карда мешаванд. Дар соли аввали

[98] Ниг.: Соловьев А.А. Высший совет магистратуры как орган судейского сообщества Французской Республики: монография / предисл. д.ю.н. А.А. Евстифеева; Кафедра гражданского и административного судопроизводства Московского гос. юрид. ун-та им. О.Е. Кутафина (МГЮА). – М., 2014. – С. 56.

хониш шунавандагон 2 ҳафта ба фаъолияти судҳо шинос гардида, 2,5 моҳ бо фаъолияти муассисаву ташкилотҳои миллӣ ва байналмилалӣ шинос мегарданд. Ҳашт моҳи дигар онҳо дар мактаб ба омӯзиши ҳуқуқи гражданӣ ва ҷиноятӣ, дигар фанҳои заминавии принсипҳои судиро муайянкунанда машғул мегарданд. Шунавандагон асной таҷрибаомӯзӣ, инчунин санъати мантиқӣ ва малакаи техникӣ-коммуникативии хешро сайқал медиҳанд.

Соли дуввумро шунавандагон дар мақомоти судӣ ва прокуратура мегузаронанд. Дар ин давра онҳо ба фаъолияти тамоми зинаҳои судӣ, жандармҳо, муассисаҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон, муассисаҳои ислоҳӣ, фаъолияти иҷрочиёни суд ва иҷрочиён ошно мегарданд.

Дар соли сеюми таҳсил шунавандаи мактаб санҷиш ва имтиҳони классификатсионӣ месупоранд. Дар ин марҳила ба шунаванда рӯйхати мансабҳоро пешниҳод мекунанд, ки он интихоб аз ихтисосҳои судя оид ба ноболиғон, судя оид ба тафтишот, судя оид ба парвандаҳои гражданӣ, оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғайра иборат аст. Сипас, судяҳо аз рӯйи ихтисосашон ба гуруҳҳо ҷудо карда шуда, як моҳи пурра ба донишҳои назариявӣ ва панҷ моҳи дигар дар судҳо ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта мешаванд.

Баъди анҷоми мухлати умумии омӯзиш дар Мактаби миллии магистратура аъзои ҳакамони тахассусӣ тайёрии шунавандагонро барои оғози фаъолияти судягии онҳо ҷамъбаст менамоянд. Шунавандагон мувофиқи сатҳ ва шкалаи таснифи тахассусии хеш, ки онро дар натиҷаи муваффақиятҳояш ҳангоми таҳсил ба даст овардаанд, аз рӯйи рӯйхате, ки пешниҳод мегардад, барои худ ҷойи корашро интихоб менамоянд. Рӯйхати аълочиён ё худ хатмкунандагони муваффақро Вазири адлия ба Шурои Олии магистратура дар асоси хулоса пешниҳод мекунад, ки Президенти Фаронса дар бораи таъини онҳо декрет мебарорад. Сипас рӯйхати судяҳо бо нишон додан дар ахбори Вазорати адлия интишор

мегардад ва баъди ин хатмкунандагони Мактаби миллии магистратура ба фаъолияти судягӣ оғоз мекунанд[99].

Таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, давлатҳои Аврупо ба монанди Фаронса, Олмон ва ИМА моро водор менамояд, ки меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории онҳоро дар самти низоми интихоб, таъин ва ҷобаҷогузории судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя барои истифода ва такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ пешниҳод намоем:

1. Тибқи талаботи банди 10-и Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ «Шахсоне, ки ба мансаби судя пешниҳод карда мешаванд бояд, ки дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ ва қобилиятнокӣ, инчунин тайёрии дахлдори касбӣ дар соҳаи ҳуқуқ бошанд». Аз ин рӯ, нисбати судя, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя пеш аз таъин, интихоб ва ҷобаҷогузорӣ ташхиси руҳӣ-психологӣ, муайян намудани маҳорату қобилият ва дигар ҳолатҳои руҳию равонии ӯ гузаронида шавад.

2. Дар низоми интихоб ва таъини судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя, инчунин дар самти ташкили озмуни довталабон барои роҳ ёфтан ба ҷомеаи судяҳо ва зинаҳои мансаби судягӣ озмунҳои алоҳида эълон карда шуда, онҳо мутаносибан мисли талаботи қонунгузории Қазоқистон ва Фаронса, ки таҷрибаи пешқадам маҳсуб меёбад, тасниф карда шавад.

3. Коромӯз-судяҳо мисли таҷрибаи Ҷумҳурии Федералии Олмон ва дигар давлатҳои Аврупоӣ дар баробари судҳо ба мақомоти прокуратура, адвокатура ва дигар мақомоти соҳаи маъмурӣ барои таҷрибаомӯзӣ сафарбар карда шаванд, зеро таҷрибаи сохторҳои мазкур барои фаъолияти минбаъдаи онҳо муҳим буда, аҳамияти касбӣ дорад.

---

[99] Ниг.: Абдрасулов Е.Б. Некоторые аспекты подготовки кандидатов и отбора на судейские должности во Франции и Испании // Юридические науки. Инновационная наука. – 2018. – № 5-2. – С. 46-51.

4. Пешниҳод мегардад, ки ҳангоми интихоби номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Фаронса ба роҳ монда шавад. Дар баробари таҷрибаи мавҷуда бо довталабони ишғоли мансаби номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя дар марҳилаи пеш аз имтиҳонотӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа (психологҳо) бо мақсади муайян намудани салоҳиятнокӣ ва ҳолати руҳии номзад ба вазифаи судя бо тартиби суолҳои махсус бо иштироки психологҳои соҳавӣ суҳбат доир карда шавад.

## 1.2. Танзими ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Масъалаи интихоб, тайёр намудан, ҷобаҷогузории судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя яке аз масъалаҳои муҳим буда, он аз талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ бармеояд.

Дар давраи Истиқлолияти давлатӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардиданд, ки моҳияти демократӣ ва ҳуқуқбунёдии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода намуда, масъалаи интихоб ва таъини судяҳоро дар марҳилаҳои гуногуни рушду нумӯи ҳокимияти судӣ ва давраҳои зина ба зина амалигардонии барномаҳои судӣ-ҳуқуқӣ бо тартибу хусусиятҳои ҷудогона ва моҳияти идоравии онҳо ба танзим даровардаанд.

Дар сатҳи конститутсионӣ эътироф гардидани се шохаи ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва суд) имконияти самаранок гаштани фаъолияти ҳокимият, аз ҷумла ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақили ҳокимияти давлатӣ гардид. Мустақил гардидани ҳокимияти судӣ масъулияти ҳокимияти судиро боз ҳам баланд намуда, заминаҳои ҳуқуқии инкишофи онро таъмин намуд, ки ин дар баробари таҳкими ҳокимияти судӣ ба тағйиру такмил ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб ва таъини судяҳо низ боис шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро ҳамчун рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст ва он бояд бахри таҳкими қонуният ва сохтмони ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нақши ҳалкунанда дошта бошад. Адолати том ва таъмини ҳаққу манфиатҳои

ҳамаи аъзои ҷомеа, муассисаю созмонҳо дар ниҳоят ҳалли худро дар фаъолияти мақомоти судӣ меёбанд»[100].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти бузург доштани нақши ҳокимияти судӣ дар мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон махсусан таъкид менамояд: «Ба мо зарур аст, ки нақш ва мавқеи ҳокимияти судиро дар ҷомеа амалан баланд бардорем ва бо ин васила мустақилияти онро таъмин намоем»[101].

Воқеан дуруст ва воқеӣ амалӣ намудани масъалаи интихоб, таъин ва тайёр намудани судяҳо, ки онҳо масъули таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошанд, метавонад мақоми суд ва судяро дар ҷомеа баланд бардорад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб ва таъини судяҳо дар навбати худ вобаста ба талаботи замони муосир пайдо гаштани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, такмили сохтори судҳо ташаккул ва инкишоф меёбад. Дар ин робита санадҳои мазкур низоми интихоб, таъин ва тайёр намудани судяҳоро муайян намуда, онро бо назардошти талаботи меъёрҳои милливу байналмилалӣ ва ташаккули фаъолияти судҳо ба танзим медарорад.

Дар ташаккул ва рушди низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя нақши Конститутсия, қонунҳо, барномаҳои миллӣ ва барномаҳоиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар 4 давра, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун заминаҳои бунёдӣ ва тавзеҳдиҳанда муҳим аст.

Зимни омӯзиш ва таҳлил мо давраҳои ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб ва тайёр намудани

[100] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2020).
[101] Ҳамон ҷо. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2020).

судяҳоро бо назардошти такмили сохтори судӣ ва тобеияти идоравӣ ба 3 давра тақсим намудем:

1. Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Вазорати адлия;
2. Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Шурои адлия;
3. Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Суди Олӣ.

Давраи аввали низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо ба фаъолияти Вазорати адлия рост меояд. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта масъалаи ҷобаҷогузории кадрҳои соҳаи мақомоти судӣ ва баланд бардоштани савияи дониши касбии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ба ваколати Вазорати адлия дохил мешуд. Дар он давра Конститутсияи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва қонунҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ) аз ҷумла, Қонуни ҶШСТ «Дар бораи сохтори судии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1981[102], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судӣ» аз 28 декабри соли 1993[103], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон» аз 28 декабри соли 1993[104] ин масъалаҳоро ба танзим медаровард.

Тибқи ақидаи Н. Абдуллоев ва М.Х. Саъдиев «то охирҳои соли 1999 мақомоти судӣ ба ҳайати сохтори Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардида, фаъолияти самарабахши худро таҳти роҳбарии он пеш бурда, барои боз ҳам вусъат додани адолати судӣ,

---

[102] Ниг.: Қонуни ҶШСТ аз 11 декабри соли 1981 “Дар бораи сохтори судии ҶШСТ” // Ведомости Шурои Олии ҶШСТ. – Душанбе, 1981. – № 12. – М. 96.

[103] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993 “Дар бораи сохтори судӣ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1993. – № 3-4. – М. 60.

[104] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993 “Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1993. – № 3-4. – М. 60.

демократикунонии низоми судӣ саъю талоши доимӣ ба харҷ медод ва дар бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ саҳм мегузошт»[105].

Баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 ноябри соли 1994 бори аввал истилоҳи «ҳокимияти судӣ» дар ин санади асосӣ ба таври расмӣ пешбинӣ гардид[106]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси ҳуқуқи муосир баромад намуд[107] ва дар заминаи он баъдан қонунҳо ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт қабул карда шуданд. Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ноябри соли 1995 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[108] қабул карда шуд. Ҳамзамон дар ҳамин сана Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судӣ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» қабул гардиданд[109].

Қонунҳои қабулгардида аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дар асоси Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ва бо назардошти талаботи меъёрҳои он қабул гардида, масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, аз ҷумла вазифаҳои мақомоти судӣ ва вазъи ҳуқуқии судяҳоро муайян намуда, асосҳои ҳуқуқии интихоб, таъин, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳоро ба танзим

---

[105] Н. Абдуллоев, М.Х. Саъдиев. Мақомоти судии Тоҷикистон дар масири такомул ва ислоҳот [Матн]: ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ /. – Душанбе: "ЭР-граф", 2004. – С. 45.
[106] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, моддаҳои 9, 84. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурочиат: 18.02.2020).
[107] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. китоби дарсӣ. Душанбе, 2004. – С. 61..
[108] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, моддаи 231.
[109] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, моддаҳои 225, 229, 235, 241.

даровардананд[110].

Дигаргуниҳои маҷмӯӣ, ки мақоми нави низоми судиро муқаррар менамоянд, бо қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ доранд[111].

Ба ақидаи А.А. Муродзода «Конститутсияи нав барои ислоҳоти мақомоти судӣ, коркард ва қабули як қатор қонунҳои муайянкунандаи ташкил ва тартиби фаъолият асоси ҳуқуқӣ гардид»[112].

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва силсилабарномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои ташкилии фаъолияти судяҳо зина ба зина ҳалли худро ёфтанд, ки ин раванд ба таҳким ёфтани ҳокимияти судӣ ва мустақилияти судяҳо мусоидат намуд.

Ба қавли Н. Абдуллозода тибқи фармони мазкур «ҳаллу фасли як қатор масоил, аз қабили таъсис додани вазифаҳои приставҳои судӣ ва ёрдамчиёни раисони судҳо, шумораи мувофиқи котибони маҷлиси судӣ, ҷудо кардани маблағҳо барои таъмини моддии судҳо, пардохти мукофотпулӣ ба машваратчиёни халқӣ, таъминоти моддии судяҳо ва аъзои оилаи онҳо, таъмиру тармим ва таҷҳизонидани биноҳои судҳо, бо воситаҳои нақлиёт ва техникаи ёрирасон таъмин намудани судҳо пешбинӣ карда шуд, ки онҳо марҳила ба марҳила ҳалли худро ёфтанд»[113].

Баъдан бо назардошти таҷрибаи андӯхташуда ва бо мақсади такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ, инчунин муайян ва беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии судяҳо 6 августи соли 2001 Қонуни

---

110 Маҳмудов И.Т., Завқизода, С.А. Амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ [Матн] / С.А. Завқизода, И.Т. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2022. – № 3. – С. 215.

111 Ярашев, З.М. История формирования новой судебной системы Республики Таджикистан (1991-2011) [Текст] / З.М. Ярашев. –Душанбе: РТСУ, 2011. – 34 с.

112 Мурадов, А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Мурадов Ардашер Алишерович. – М., 2014. – С. 19.

113 Абдуллозода Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ. – Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 194.

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[114] дар таҳрири нав қабул карда шуд. Баъди қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судӣ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» беэътибор дониста шуданд[115].

Дар ин миён Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» то соли 2014 амал намуда, дар доираи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013 он дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Бояд қайд кард, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баробари сохтор ва фаъолият, инчунин вазъи ҳукуқии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро ба танзим медарорад.

То қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», яъне то 6 августи соли 2001 ба қонунҳои конститутсионии номбурда, чандин тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки ин тағйиру иловаҳо дар замони оғози фаъолияти ҳокимияти судӣ барои рушди ҳамаҷонибаи он, аз ҷумла таҳкими мустақилии он мусоидати бештаре намуданд. Ба ҳам овардани ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амали саривақтӣ ва тадбири ба талаботи давру

[114] Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – № 7. – Моддаи 143.
[115] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001, № 7, моддаи 490.

замон мувофиқ буд[116].

Давраи дуюми низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо ба давраи фаъолияти Шурои адлия рост омада, аз соли 1999 оғоз меёбад. Ин давра ба таъсис ёфтани Шурои адлия дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 алоқамандӣ дорад[117]. Дар зарфи тақрибан 17 сол Шурои адлия масъалаҳои таъмини ташкили фаъолият ва таъминоти моддӣ-техникии судҳо, хоста гирифтан ва пешниҳоди кадрҳои соҳаи судӣ, яъне судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судя ва дигар салоҳиятҳоро ба уҳда дошт. Дар доираи амалӣ гардонидани ҳадафҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолияти судҳо 22 майи соли 2016 дар сатҳи конститутсионӣ Шурои адлия барҳам дода шуд, ки он дар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2016, № 698 инъикос гардид[118].

Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хоста гирифтан, интихоб, пешниҳод ва бозхонди кадрҳои соҳаи судӣ нақши воқеӣ ва фаъол мебозид. Мутобиқи талаботи Низомномаи он Шурои адлия мақсадҳои зеринро амалӣ менамуд:

- чорабиниҳоро оид ба такмили системаи судию ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани нақши ҳокимияти судӣ дар кишвар анҷом медиҳад;

- тибқи тартиби муқаррааргардида масъалаҳои таъин ва озод намудани судяҳои судҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳру ноҳияҳо ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва

---

[116] Ниг.: Шоназаров С.А. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 11.

[117] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999, № 48 "Дар бораи таъсиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон". - [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурoҷиат: 20.01.2020).

[118] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2016, № 698 "Дар бораи барҳам додани Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон". - [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурoҷиат: 20.01.2020).

шаҳри Душанберо баррасӣ намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

- хоста гирифтан ва тайёр намудани номзадҳоро ба вазифаи судягӣ, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ба амал мебарорад;

- масъалаҳоро оид ба таъмини кадрҳо, таъминоти молиявӣ, ташкилӣ ва моддию техникии судҳо баррасӣ менамояд;

- тибқи тартиби муқарраршуда комиссияи имтиҳону тахассусии Шурои адлияро таъсис дода, ҳайати онро тасдиқ мекунад[119].

Бояд қайд кард, ки ба яке аз салоҳиятҳои Шурои адлия тартиби тақсими парвандаҳо байни судяҳо дохил шуда, шакл ва тартиби пешниҳоди ахборотро дар бораи фаъолияти солонаи судя муқаррар менамуд. Ҳамин тариқ, дар таҷриба ҳангоми амалӣ намудани ин салоҳиятҳо кормандони раёсати дахлдори Шурои адлия масъалҳои шикоят оид ба вайрон гардидани муҳлат, кашолкорӣ ва дигар ҳолатҳои вобаста ба парвандаҳои судиро мавриди омӯзиш ва санҷиш қарор дода, вобаста ба ҳолати кор аз судяҳо гузориш талаб менамуданд ва ҳангоми зарурат муҷозоти интизомӣ нисбати судя татбиқ менамуданд.

Маҳз ҳамин салоҳияти Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи мо такрори салоҳиятҳоро бо Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-мақоми олии судӣ ба миён оварда, принсипҳои Конститутсия ва қонунгузориро вайрон менамуд. Мувофиқи талаботи қ. 6 м. 101 Қонуни конститутсионии мазкур иҷрои қарорҳои Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи ваколатҳояш қабул карда мешуданд, барои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ буд. Дар баробари ин, мувофиқи талаботи моддаи 87 Конститутсия «Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст». Тибқи моддаҳои 7 ва 8-и Қонуни

---

[119] Низомномаи Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2000, №48 тасдиқ шудааст.

конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад, дар ҳар шакл дахолат кардан ба фаъолияти суд манъ аст. Ин дар ҳолест, ки агар қонунгузорӣ вайрон шуда бошад, танҳо суди болоӣ метавонад дар асоси меъёрҳои муқарраршуда ба фаъолияти суд ва судя дахолат намояд. Новобаста аз чунин талаботи қонунгузорӣ тавре, ки дар боло қайд гардид, Шурои адлия парвандаҳоро аз истеҳсолоти судҳо дархост менамуд ва дар асоси онҳо шикоятҳои шаҳрвандонро баррасӣ мекард. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Шурои адлия дар самти таъмини ташкили фаъолияти кори судҳо, баланд гаштани нуфузу мақоми суд дар ҷомеа ва таҳкими ҳокимияти судӣ саҳмгузор мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба нақш ва мавқеи Шурои адлия қайд менамоянд, ки: «Таъсиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷкистон, аз санҷиши тахассусӣ гузаштани судяҳо ва аз рӯйи натиҷаи санҷиш ҷо ба ҷо кардани онҳо аз ҷумлаи корҳое мебошад, ки ба таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани ҳокимияти судӣ дар ҷомеа нигаронида шудаанд»[120].

Давраи сеюми низоми интихоб, таъин ва тайёр намудани судяҳо ба давраи фаъолияти Суди Олӣ рост меояд. Ин давра аз санаи 9 июни соли 2016 оғоз мегардад. Яъне баъди барҳам хурдани Шурои адлия салоҳиятҳои он пурра ба Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор карда шуд.

Аз тобеияти Вазорати адлия баровардани судҳо зарурати андешидани чораҳои зарурӣ ва сифатиро бахри мустақилона ба роҳ мондани интихоб, таъин, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо ба миён овард. Масъалаи аз тобеияти Вазорати адлия ҳамчун яке аз шохаҳои ҳокимияти иҷроия баровардани судҳо ва ба тобеияти мақоми коллегиалӣ додани онҳо ҳамчун «тағйироти ҷиддӣ» дар таърихи фаъолияти судҳо арзёбӣ мешавад. Дар асоси ин таҳаввулоти таърихӣ

[120] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 13.06.2021).

масъалаи интихоб ва таъини судяҳо низ аз тобеияти ҳокимияти иҷроия баромад ва қонунгузории миллии танзимкунандаи соҳа низ такмил ёфта, он ба меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳавӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешқадам мутобиқ гардонида шуд. Меъёрҳои танзимкунандаи интихоб, таъин ва тайёр намудани судяҳо ҳамчун воситаи таъминкунандаи мустақилият, беғаразӣ ва шаффофияти интихоб ва ҷобаҷогузории судяҳо, номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо хизмат менамоянд.

Х.М. Мирзамонзода санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки фаъолияти мақомоти судиро дар Тоҷикистон муқаррар мекунанд, аз рӯйи таснифоти илмии эътирофшуда вобаста ба қувваи юридикиашон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ, кодексҳо ва санадҳои зерқонунӣ ҷудо намудааст[121].

Айни замон бошад, асосҳои ҳуқуқие, ки талаботи интихоб, таъин ва тайёр намудани судяҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд, инҳо мебошанд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 85, 86, 89), ки асосҳои умумиро пешбинӣ менамояд;

- Қонуни конститутсионии ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, № 1083;

- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, № 1084;

- Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021;

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо» аз 5 апрели соли 2017, № 866;

---

[121] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – С. 7.

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2003 «Дар бораи таъсиси Маркази таълимии судяҳо»;

- Низомномаи Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09 феврали соли 2018, № 5;

- Низомнома дар бораи коромӯз-судя» аз 14 ноябри соли 2017, № 44.

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, № 1084 боби алоҳида ба масъалаи интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судя бахшида шудааст (боби 2).

Қонунгузории ҶТ дар боби мазкур, нисбати номзадҳо ба вазифаи судя чунин талаботро пешбинӣ менамояд:

- ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, забони давлатиро донад, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

- ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, забони давлатиро донад, синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад[122].

Синни ниҳоии дар вазифаи судя будан барои занон 58 ва барои мардон 63 муқаррар шудааст. Номзад ба вазифаи судяи суди ҳарбӣ, инчунин ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» бояд ҷавобгӯ бошад.

---

[122] Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 июли соли 2014, № 1084, қ.1, м.12. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 5.02.2020).

Талаботе, ки нисбати судя, номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо пешниҳод мешаванд, аз нақши муҳими судя ҳамчун барандаи ҳокимияти судӣ, ки аз номи давлат баромад намуда, барои амалӣ гардонидани адолати судӣ ваколатдор аст ва ҳангоми баррасии ҳама гуна парвандаҳои судӣ барои ҳифзи қонунияту адолат вазифадор мебошад, бармеоянд. Дар муқаррароти қонунгузорӣ талаботи ҳатмӣ нисбат ба номзадҳо ба вазифаи судя дар зинаҳои гуногуни низоми судӣ нишон дода шудаанд, ки онҳо ба таҳсилот, синну сол, малакаи касбӣ ва собиқаи хизматӣ алоқаманданд. Аз мазмуни ин меъёрҳо дида мешавад, ки талабот нисбат ба судя ва номзадҳо ба вазифаи судя ҷиддӣ буда, ба вазифаи судя ҳамчун вазифаи масъулиятнок муносибат карда мешавад. Аз ин рӯ, аз судя ва номзад ба вазифаи судя доштани донишу ахлоқи баланд, обрӯ ва эътибори касбӣ, таҷрибаи баланди назариявӣ ва амалии касбӣ талаб карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми ҳокимияти судии тамоми давлатҳо синну соли муайяни ба вазифаи судя таъин шудан ба ҳисоб меравад ва то имрӯз дар таҷрибаи интихоб ва таъини судяҳои тамоми давлатҳо синну соли ягонаи умумипазируфташуда қабул нашудааст ва қонунгузории як давлат аз дигар фарқ мекунад. Барои муайян намудани масъалаи мазкур мо қонунгузории якчанд давлатҳоро таҳлил менамоем.

Синни миёнаи ҳадди аққали довталабон дар Мактаби миллии магистратураи Фаронса, ки шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудааст, соли 1999 ба 26,5, соли 2000 ба 25,5 ва соли 2001 ба 24 сола рост меояд. Яъне, дар умум баъди хатми Мактаби миллии магистратура синни онҳо ба 26-27 сола баробар мешавад. Дар таҷрибаи Тоҷикистон бошад, дар соли 2018 синни миёнаи ҳадди ақали довталабон ба 32 сола рост меояд. То ба ин сол боло рафтан аз он сабаб аст, ки синну соли баъзе аз коромӯз-судяҳо аз 36 то 38 сола мебошад.

Тибқи қонунгузории ИМА судя шахсе шуда метавонад, ки шаҳрвандии Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро дошта, синну солаш аз 21

кам набошад, дорои маълумоти ҳуқуқшиносӣ бошад, забони англисиро донад ва дар ҳудуди ИМА аз як то чор сол иқомат карда бошад. Ҳангоми интихоб ба вазифаи судя нисбати ӯ талаботи оддии таълимии касбӣ пешниҳод карда мешавад[123]. Мувофиқи муқарраroти низоми ҳуқуқии ИМА ҳуқуқшиносони оддие, ки собиқаи кории касбии ҳуқуқшиносӣ надоранд, метавонанд дар зинаи болоии судии ягон штат ва ё дар Суди Олии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба кор даромада, фаъолият намоянд[124].

Дар Федератсияи Россия синни ба мансаби судя интихоб шудан ба 25 сола баробар аст[125]. Яъне синни умумӣ - 25 сол ва 5 сол собиқаи корӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ барои судҳои зинаи умумӣ, барои судяҳои судҳои аппелятсионӣ ва кассатсионии судҳои юрисдиксияи умумӣ - 30 сол ва 7 сол собиқаи судягӣ, барои судяҳои Суди Олии Федератсияи Россия - 35 сол ва на кам аз 10 сол собиқаи судягӣ муқаррар шудааст.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сифати судяи судҳои байниноҳивӣ, ноҳиявӣ (шаҳрӣ) оид ба парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҳарбӣ танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки синнаш аз 30 сола кам набошад, таъин карда мешавад. Баъдан бо назардошти таҷрибаи андӯхта ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи судҳо» ба моддаи 61-и он тағйирот ворид карда шуда, синни номзад ба вазифаи судя ба 35 сола баробар кард шуд[126].

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба сифати судяҳои суди маҳаллӣ метавонад шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон, ки синнаш аз 30-сола кам ва аз 65-сола боло набошад, дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва

[123] Ниг.: Судебные системы западных государств. – М.: Наука, 1991. – С. 83.
[124] Ниг.: Бернам, Уильям. Правовая система США. – М.: Новая юстиция, 2006. – С. 311- 323.
[125] Ниг.: Мартынов Е.А. Кандидат в судьи: проблемы отбора // Вестник ВККС РФ. – 2005. – Вып. № 6. – С. 12.
[126] Ниг.: Закон Республики Узбекистан “О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Узбекистан «О судах», (часть первая статьи 61 в редакции Закона Республики Узбекистан от 10 сентября 2019 года № ЗРУ-566 – Национальная база данных законодательства, 11.09.2019 г., № 03/19/566/3734).

собиқаи кории ҳуқуқшиносӣ на камтар аз 5 сол дошта бошад, таъин карда мешавад[127].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон ин масъаларо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи низоми судӣ ва мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон»[128] ба танзим медарорад. Дар моддаи 29 Қонуни конститутсионии мазкур талабот нисбати номзад ба вазифаи судя дарҷ гардидаанд, ки мувофиқи он ба сифати судяи суди ноҳиявӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Қазоқистон, ки синнаш ба 30 сола расидааст, таъин карда мешавад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли аксар давлатҳо меъёри синну солиро вобаста ба давомнокии омодагии касбӣ муайян мекунанд: таҳсил дар донишгоҳ (бакалавриат ва магистратура), таҷрибаомӯзӣ дар мақомоти давлатӣ, муҳлати таҳсили мактаби коромӯз-судя ва ғайра. Ин меъёр ва талабот ҳангоми ташаккули ҷомеаи судяҳо ба инобат гирифта мешаванд. Аммо дар таҷрибаи хориҷӣ афзалият на ба синну сол, балки ба дониш, таҷрибаю малакаи ҳуқуқшиносӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва доштани ахлоқи бенуқсон дода мешавад.

Аз муқоисаи ҳуқуқии қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳо бармеояд, ки дар синну соли ибтидоии судяҳо тафовути калон вуҷуд надорад. Дар фарқият аз судҳои зинаи поёнӣ синну соли судя барои судҳои зинаи болоӣ каме тафовут дорад. Чунончи, ба вазифаи судяи Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки синнаш аз 30-сола кам набошад. Судҳои зинаи болоӣ салоҳияти мураккабтар доранд, аз ин рӯ, талабот нисбати онҳо ҷиддитар аст, яъне он судяҳое интихоб мешаванд, ки синни онҳо аз 30-сола кам набошад, таҷрибаи бойи касбӣ ва ахлоқи ҳамида дошта бошанд. Чунин фарқияти синнусолӣ

[127] Ниг.: Конституция Кыргызской Республики. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg (санаи муроҷиат: 15.03.2020).

[128] Конституционный Закон Республики Казахстан «О судебной системе и статусе судей Республики Казахстан» от 25 декабря 2000 года, № 132-II, – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://sud.gov.kz(санаи муроҷиат: 12.05.2020).

дар ташаккули ҷомеаи судяҳо аз зинаи судӣ ва мураккабии фаъолияти судя вобастагӣ дорад. Мувофиқи талаботи қонунгузорӣ судҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе категорияҳои ҷиноятҳои махсусан вазнин, инчунин ба сифати суди зинаи болоӣ парвандаҳои судиро ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамоянд, ки барои он албатта таҷрибаи кофии судягӣ, ҳаётӣ ва омодагии психологӣ лозим меояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки қонунгузории Федератсияи Россия ва Тоҷикистон дар қисмати талабот ба синну соли номзад ба вазифаи судя умумият доранд, яъне 25-солагиро муқаррар менамоянд. Вале Н.К. Жукова ба он ақида мебошад, ки ҳадди аққали синну соли номзад ба вазифаи судя ва судя барои судҳои зинаи аввал аз 30-сола муқаррар карда шавад. Чунки дар 25-солагӣ судя шудан дар амалия ғайриимкон аст, агар ҳисоб карда шавад, ки шахс 4-5 сол маълумоти ҳуқуқшиносии бакалаврро дар 21-22 солагӣ гирад, бо назардошти 5 соли собиқаи касбӣ 27-28 сола мешавад[129]. Ба андешаи мо агар талаботи нави қонунгузории Федератсияи Россия, ки мавҷуд будани маълумоти тахассусии дараҷаи магистрро (маълумоти дусола) муқаррар намудааст, ба инобат гирем, номзад худ ба синни 29-31 сола мерасад, ки ин синну солест, ки ба масъулияти касби судягӣ мувофиқат мекунад.

М.И. Клеандров низ ба ҳамин ақида аст, ки судяи синну соли ҷавон, ки таҷрибаи ҳаётӣ надошта, ҳаётро фақат аз рӯйи китоб медонад, танҳо бо доштани донишҳои назариявӣ, ки он наметавонад дониши асосии воқеияти ҳаётиро иваз намояд, дар натиҷа ҳангоми баамалбарории адолати судӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад[130].

Мо низ бар он ақидаем, ки синну соли 25 барои ишғоли касби пурмасъули судя ҷавон буда, таҷрибаи зиёди ҳаётӣ, ҷаҳонбинии пурра ва ташаккулёфта надоштан имкон намедиҳад, ки масъулият ва ҳолатҳои

---

[129] Ниг.: Жукова Н.К. Сравнительно-правовая характеристика отбора судей в Российской Федерации и в Республике Казахстан // Юридическая наука и правоохранительная практика. – М., 2014. – С. 156-161.

[130] Ниг.: Клеандров М.И. Правовые основы статуса судьи: курс лекций. – М.: Российская академия правосудия, 2010. – С. 20.

гуногунҷабҳаро вобаста ба парвандаҳо ба пуррагӣ дарк намояд ва ин ҳолат ба сифати баамалбарории адолати судӣ алоқамандии зич дорад. Дар ин баҳс мо олимони соҳаро дар бораи он ки синну соли судя ва номзад ба вазифаи судя барои судҳои зинаи аввал аз 30-сола кам набошад, дастгирӣ менамоем. Мақсад аз баланд бардоштани меъёри синну солӣ дар ҷомеаи судяҳо дидани шахсиятҳои дорои таҷрибаи зиёди корӣ, дониши мукаммал, таҷрибаи ҳаёту зиндагӣ, ботамкинӣ, сабр, таҳаммулпазирӣ, ахлоқ ва одоби муошират мебошад. Дар худ доштани сифатҳои номбурда боварии мардумро ба ҷомеаи судяҳо зиёд намуда, ҳамзамон ба амалӣ гаштани адолати судӣ дар сатҳи дахлдор мусоидат менамояд.

Эроди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо кормандони мақомоти судӣ шаҳодати гуфтаҳои болост: «... аксари шикоятҳои шаҳрвандон ба мақоми болоӣ бо сабабҳои паст будани сифати санадҳои судӣ ва муносибати дағалонаи судяҳо мебошанд»[131].

Масъалаи дигар ин собиқаи корӣ аст, ки бешак нақши муҳимро зимни интихоби судяҳо мебозад ва он низ барои таъин шудан ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе  таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории касбии ҳадди ақал 3 сол талаб карда мешавад. Барои интихоб ё таъин шудан ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории судягӣ на кам аз 5 сол муқаррар гардидааст.

Миёни собиқаи кории касбӣ ва собиқаи кории судягӣ фарқият вуҷуд дорад. Собиқаи кории касбӣ ин муҳлати фаъолияте мебошад, ки аз рӯйи

[131] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, ш. Душанбе, 21.11.2019 сол. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2020).

ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ҳисоб карда мешавад. Собиқаи кории судягӣ бошад, ин муҳлати фаъолияте мебошад, ки дар асоси фаъолияти бевоситаи судягӣ дар як зинаи судӣ ё зинаҳои гуногуни судӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар амалия баъзан атрофи фаъолияти касбии ҳуқуқшиносӣ баҳсҳо ҷой доранд. Аз ин рӯ, номгӯйи фаъолиятҳои маҳз ба самти ҳуқуқшиносӣ равонашударо тафсир додан мувофиқи мақсад аст. Қонунгузор дар талаботи қ. 2 м. 12-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои таъин шудан ба вазифаи судҳои шаҳр ва ноҳия доштани се сол собиқаи кории касбиро пешбинӣ намудааст. Яъне номзаде, ки дар муддати номбаршуда дар мақомоти прокуратура, миллитсия, адвокатура, дигар мақомоту идораҳо фаъолият менамояд ва ё дар самти ҳуқуқшиносӣ ба фаъолияти илмиву эҷодӣ машғул аст, ҳуқуқ дорад барои интихоб шудан ба вазифаи судя дар судҳои мазкур довталабӣ намояд. Дар таҷриба баъзан бе гузаштан аз мактаби коромӯз-судя низ номзадҳо мустақиман ба вазифаи судяи шаҳру ноҳияҳо пешбарӣ карда мешаванд, вале асосан онҳо аз ҳисоби кормандони дастгоҳи судҳо, ки собиқи калони касбӣ дар ин мақомот доранд, мебошанд.

Бинобар ин мо талаботи қонунгузориро дар хусуси доштани собиқаи 3 солаи ҳуқуқшиносӣ кофӣ нашуморида, пешниҳод менамоем, ки он ба 5 соли собиқаи ҳуқуқшиносӣ муайян карда шавад.

Донишманди маъруф Н.К. Жукова на танҳо баланд бардоштани синну соли судяро мувофиқи мақсад медонад, ҳатто ӯ собиқаи лозимаи фаъолияти ҳуқуқшиносӣ барои таъин ва интихоб шудан ба вазифаи судяро низ кам мешуморад[132].

---

[132] Ниг.: Жукова Н.К. Сравнительно-правовая характеристика отбора судей в Российской Федерации и в Республике Казахстан // Юридическая наука и правоохранительная практика. – М., 2014. – С. 156-161.

Барои баъзе категорияи алоҳидаи судяҳо (судяҳои судҳои ҳарбӣ ва суди конститутсионӣ) меъёри иловагӣ барои ишғоли мансаб пешбинӣ гардидааст.

Дар қонунгузорӣ якчанд талаботи дигар нисбати судяҳо муқаррар карда шудааст, аз ҷумла судя бояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд, дониш ва таҷрибаи худро барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, истифода кунад, ваколатҳояшро бо маҳорати касбӣ иҷро намояд ва сазовори номи судя бошад. Судя ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ, инчунин дар муносибатҳои ғайрихизматӣ бояд аз содир намудани ҳама гуна амалҳое, ки боиси паст задани обрӯйи ҳокимияти судӣ, қадр ва номуси судя мегарданд ё беғаразона, одилона ва холисона будани амали ӯро зери шубҳа мемонанд, худдорӣ намояд.

Судя уҳдадор аст маҳдудиятҳоеро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пешбинӣ гардидаанд, риоя намояд. Судя набояд вазифаи дигареро ишғол кунад, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ё аз ҷиҳати моддӣ онҳоро дастгирӣ намояд, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ[133].

Талаботи қонунгузории миллӣ нисбати судя ва номзад ба вазифаи судя ба талаботи давлатҳои таҳқиқшаванда монанд буда, дар аксар мавридҳо умумият доранд.

Дигар талаботе, ки аз маълумоти олӣ доштани номзад ба вазифаи судя бармеояд, ин ба низоми таълими зинавӣ (бакалавр) гузаштани давлатҳои таҳқиқшаванда мебошад. Дар Қазоқистон мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи маориф» аз 27 июли соли 2007, № 319-111 барномаҳои таълимии касбии маълумоти олӣ ба тайёрии мутахассисони касбии зинаи бакалавр равона карда шудааст, ки ба

[133] Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 июли соли 2014, № 1084, м.14. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

ҳамин тариқ маълумоти олии касбӣ таъмин карда мешавад. Саволе ба миён меояд, ки оё ҳуқуқшиносони зинаи бакалавр, ки 4 сол таҳсил мекунанд, ҳуқуқи ишғоли мансаби судя, номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяро доранд? Қонунгузории Федератсияи Россия маҳдудиятро нисбати ҳуқуқшиносони бакалавр пешбинӣ накарда буд ва масъалаи мазкурро Коллегияи Олии квалификатсионии судяҳои Федератсияи Россия тафсир намуда буд, ки ҳуқуқшиноси зинаи бакалавр барои таъин намудан ба вазифаи судя аз ҷиҳати аз худ намудани барномаи асосии таълимӣ барои гирифтани тахассус дар муҳлати 4 сол кофӣ нест. Баъди баҳсу мунозираҳои касбӣ масъалаи мазкур ниҳоят ҳалли худро ёфт. Дар асоси Қонуни Федералӣ аз 6 апрели соли 2015, № 69[134] ба Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи мақоми судяҳо дар Федератсияи Россия» тағйирот ворид карда шуд, ки мувофиқи он ба талабот нисбати номзад ба вазифаи судя дар қисмати сатҳи таълим равшанӣ андохта шуд: доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ» ё ин ки маълумоти олӣ дар самти тайёрии «Ҳуқуқшиносӣ» тахассуси дараҷаи «Магистр» бо доштани дипломи бакалавр аз рӯйи ҳамин самти таҳсил. Тағйироти мазкур имкон дод, ки баҳсу мунозираҳои бисёрсола дар бораи имконияти иҷозат додани бакалавр барои супоридани имтиҳонҳои квалификатсионӣ ба вазифаи судя ҳал карда шавад. Қаблан ҳангоми доштани танҳо дараҷаи таҳсилоти бакалавриати ҳуқуқшиносӣ ин амал иҷозат буд[135].

Дар корҳои олимони соҳа, аз ҷумла дар асарҳои В.В. Ершов пайваста масъалаи қабули қонуни маҷмуӣ, ки тавонад тамоми

---

[134] Ниг.: Федеральный закон «О внесении изменений в статьи 4 и 5 Закона Российской Федерации «О статусе судей в Российской Федерации» и «Федеральный закон «Об органах судейского сообщества в Российской Федерации» от 6 апреля 2015 г. № 69-ФЗ // Российская газета. – 2015. – 8 апреля. – № 73.

[135] Ниг.: Письмо Минобразования РФ от 1 сентября 2003 г № 14-52-1018ин/15 «О праве лиц, имеющих степень бакалавра юриспруденции, на занятие должности судьи» // Бюллетень Министерства образования Российской Федерации. – 2003. – № 11.

масъалаҳои муҳими муайянкунандаи фаъолиятро оид ба интихоб ва тайёрии судяҳо ба танзим дарорад, гузошта шудааст[136].

Мо ба ақидаи В.В. Ершов розӣ буда, ҷонибдори он мебошем, ки қонунгузории миллӣ дар самти талаботи интихоб ва таъин такмил дода шуда, он тамоми масъалаҳои вобаста ба фаъолиятро мушаххас дар бар гирад. Дар шароите, ки маълумоти бакалавр ҳамчун таълими ибтидоии ҳуқуқшиносӣ эътироф мегардад, то чӣ дараҷа мувофиқи мақсад аст, ки хатмкунандагони зинаи бакалавр ба ҳайси номзад ба мансаби судя роҳ ёбанд. Умуман, судя ва номзад ба вазифаи судя бояд шахсе бошад, ки зинаи маълумоти магистратураро гузашта бошад, зеро ин сатҳи маълумот чӣ аз лиҳози синну солӣ ва чӣ аз лиҳози дараҷаи донишандӯзӣ бо илмҳои касбӣ фарқ мекунад.

Баъди гузаштан ба низоми нави таҳсилоти олӣ олими тоҷик Х.М. Мирзамонзода масъалагузорӣ намудааст, ки оё доштани зинаи таҳсилоти бакалавр, метавонад барои ишғоли вазифаи судягӣ кофӣ бошад? Мавқеи олими мазкур бар он аст, ки «барои номзадҳо ба вазифаи судяҳои зинаи поёнӣ доштани маълумоти касбии зинаи бакалавр кофист, вале барои судяҳои зинаи болоӣ доштани зинаи магистр аз рӯйи ихтисос ҳатмист»[137].

Дар Тоҷикистон қонунгузор ба масъалаи мазкур равшанӣ наандохтааст ва барномаи мухтасаркардашудаи чорсолаи донишгоҳ ба маълумоти олӣ баробар дониста мешавад. Агар мувофиқи қонунгузории миллӣ маълумоти бакалавр ба маълумоти олӣ баробар бошад, пас маълумоти ҳуқуқшиносии зинаи магистратураро ба кадом зинаи маълумот мансуб донистан мумкин аст?

Омӯзиш нишон медиҳад, ки дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки сарчашма ва заминаи асосии

[136] Ниг.: Ершов В.В. Суд в правовом государстве // Советская юстиция. – 1990. – № 2. – С. 3; Ершов В.В. Статус суда в правовом государстве. – М.: РПА, 1992. – С. 84.
[137] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – С. 106 -108.

захираҳои кадрии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти судӣ мебошад, соатҳои дарсӣ бинобар гузаштан ба низоми таҳсилоти «кредитӣ» дар солҳои охир ихтисор карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи донишгоҳҳои Тоҷикистон, ки кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ тайёр менамоянд, ба хатмкунандагон дараҷаи тахассусии бакалавр медиҳанд ва ин дараҷаи тахассусӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ҳамчун маълумоти олӣ эътироф карда шудааст. Дар банди 32 Низомномаи бакалавриат омадааст, ки «ҳангоми ба кор қабул намудани бакалавр ба ӯ ҳуқуқи вазифаҳое дода мешавад, ки мутобиқи талаботи Таснифоти давлатии равияҳо ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тахассуси «мутахассис» пешбинӣ гардидааст»[138]. Бо вуҷуди он ки соатҳои дарсӣ аз рӯйи фанҳои калидии ҳуқуқшиносӣ ба тариқи назаррас дар барномаҳои таълимии зинаи бакалавр кам карда шудааст, вале ба хатмкунандаи ин зинаи таҳсил ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои тахассуси «мутахассис» дода шудааст, ки аз ин ҷиҳат он бо зинаи магистр баробар шуморида шудааст.

Пешниҳод мегардад, ки дар таҷрибаи интихоб ва таъини судяҳо, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун таҷрибаи Федератсияи Россия ва Қазоқистон доштани маълумоти ҳуқуқшиносии зинаи «Магистратура» аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ҳамчун талаботи ҳатмӣ ҷорӣ карда шавад, зеро барои фаъолияти пурмасъули судя дар асосноккунии далелҳо ва ваҷҳноккунии санадҳои судӣ донишу ҷаҳонбинии васеъ метавонад ба ҳайси омили сифатии қарорҳои судӣ хизмат намояд.

Дар таҷриба баъзан ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя тахассуси дараҷаи «бакалавр» аз рӯйи ихтисоси таърих, сиёсатшиносӣ ва ё педагогӣ дошта, тахассуси дараҷаи «Магистр»-ро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ пешниҳод менамояд ва ба ҷомеаи судяҳо роҳ меёбад. Бинобар ин ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳои номзад

[138]Низомномаи бакалавриат. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007, №650 тадиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 11.08.2020).

ба вазифаи судя ва коромӯз-судя ва аз ҷониби номзад пешниҳод намудани дараҷаи «Магистр» аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ба масъалаи доштани ихтисоси ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи тахассуси дараҷаи «бакалавр» ҳамчун талабот диққати асосӣ дода шавад, зеро ҳангоми надоштани маълумоти аввалаи ҳуқуқшиносӣ дар зарфи ду соли зинаи магистратура аз худ намудани заминаҳои бунёдии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ғайриимкон аст.

Дар қонунгузории миллӣ доштани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, 3 сол собиқаи кории касбӣ ва донистани забони давлатӣ ҳамчун меъёрҳои ҳатмӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо баромад мекунанд. Дигар талабот, аз ҷумла донистани яке аз забонҳои хориҷӣ - русӣ ё забони англисӣ, истифода бурда тавонистани технологияҳои компютерӣ ҳамчун ҳолатҳои имтиёзнок барои номзадҳо ба вазифаи судя ҳисоб карда мешаванд.

Масъалаи дигар, ин ҷалби номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо аз ҳисоби занҳои болаёқат мебошад. Бояд гуфт, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши занон хело боло рафт. Аз ҷумла, дар рушду таҳким ва баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ занони соҳибтахассус нақши муҳим доранд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ҷалби васеи занон ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ба мақомоти судӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон менамояд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2017, № 158 «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону

духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» қабул карда шудааст, ки ин барнома ҷиҳати иҷрои дастуру тавсияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 6 марти соли 2015 дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи модар ва эълон гардидани соли 2015 «Соли оила» баён гардидаанд. Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 2021-2025 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеаро дар бар гирифта, ба танзим медароранд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо кормандони мақомоти судӣ қайд намуданд «Имрӯз дар низоми ҳокимияти судии мамлакат аз 485 судя 97 нафари онҳо занон мебошанд, ки ба сифати раиси суд, муовини раис, раиси коллегияи судӣ ва судя фаъолият доранд ва саҳми онҳо дар таъмини адолати судӣ хеле назаррас мебошад»[139]. Теъдоди мазкур 20%-и шумораи умумии ҷомеаи судяҳоро ташкил мекунад ва тибқи дастурҳои Пешвои миллат он бояд ба 30% расонида шавад.

Аз ҷониби дигар, ба ҳокимияти судӣ ҷалб намудани занони лаёқатманд бо мақсади нигоҳ доштани таносуби занон ва таъмини баробарии гендерӣ, ки аз тавсияҳои Кумитаи дахлдори СММ бармеоянд, нигаронида шудааст. Дар низоми интихоби судяҳои аксари давлатҳои

[139] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, ш. Душанбе, 21.11.2019 сол. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 18.01.2020).

таҳқиқшаванда оид ба номзадҳо ба вазифаи судя аз ҳисоби занон талаботи алоҳида ва ё имтиёз пешбинӣ гардидааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаи гендериро низ ба танзим даровардааст ва мувофиқи талаботи он пешниҳоди номзадҳо ба ҷойҳои холии вазифаи судягӣ набояд аз 70%-и як ҷинс зиёд бошад.

Бинобар пурмасъул будани мансаби судя ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо шахсияти номзадҳо ба вазифаи судя аз ҷониби мақомоти амниятӣ омӯхта шуда, ба доғи судӣ надоштани ӯ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Дар сурати пайдо шудани ҳолатҳои доғдоркунанда нисбати номзад ба вазифаи судя, ӯ ба имтиҳони довталабон барои ноил шудан ба мансаби номзади бори аввал ба мансаби судя пешбаришаванда ва ё коромӯз-судя роҳ дода намешавад ва ё номзадии ӯ аз интихоб шудан ва таъин шудан ба мансаби судя рад карда мешавад.

Масъалаи интихоб ва таъини судяҳо дар қатори такмили сохтори судҳо ва қонунгузории соҳа зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат чунин қайд намудаанд, ки: «Ба масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо диққати махсус дода, ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судя донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиши ҳамаҷониба қарор дода шавад»[140]. Дар ҳақиқат дар давлате, ки моҳияти ҳуқуқбунёдӣ, демократӣ ва дунявӣ дорад, низоми судӣ, принсипҳои ҳифзи судӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мақоми меҳварӣ доранд. Аз ин рӯ, талабот нисбати интихоб ва таъини судя боз ҳам ҷиддитар грдонида шуда, онҳо ба мақоми ишғолнамуда, вазифа, салоҳият, эътибори шахсӣ ва масъулияти судя мутобиқ гардонида шаванд.

---

[140] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21.11.2019 сол, шаҳри Душанбе. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

Хоста гирифтан ва интихоби судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз рӯйи принсипи ба таҷрибаи он хос ва дар доираи мавҷуд будани ҷойҳои холии мансаби судягӣ дар судҳои зинаи аввал ва болоӣ амалӣ карда мешавад. Оид ба ин масъала раисони Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ масълагузорӣ намуда, ҳайати комиссияи қабулро тасдиқ менамоянд. Оид ба баргузор гаштани озмун дар саҳифаҳои рӯзномаҳои даврӣ, сомонаҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва Агентии хизмати давлатӣ эълон дар бораи қабули номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судя интишор карда мешавад.

Мо номзадҳо ба вазифаи судяро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, онҳоро ба се гуруҳ ҷудо менамоем:

1. Номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшавандае, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд;
2. Номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя;
3. Номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда.

Муаллиф қонунгузорӣ ва таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта истода, мақоми номзад ба вазифаи судяро таҳлил карда, онро тасниф намуда, ба хулоса меояд, ки барои ба ҷомеаи судяҳо ҳамроҳ гардидан чор марҳиларо гузаштан лозим меояд:

1. Марҳилаи супоридани ҳуҷҷатҳо ба Комиссияи қабул;
2. Марҳилаи иштирок дар озмун;
3. Марҳилаи тайёрии касбии коромӯз-судя;
4. Марҳилаи интихоб ва таъин намудан ба вазифаи судя.

Нисбати номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшаванда, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд, қонунгузорӣ тартиби муайян ва мушаххас муқаррар накардааст. Номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшаванда, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд, шахсоне мебошанд, ки онҳо аз ҷониби роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо назардошти шахсият ва маҳорати касбии судя, дар асоси таҷрибаи корӣ, фаъолияти бенуқсони касбӣ, қобилияти роҳбарикунанда

доштан, маҳорати дар коллектив кор кардан, муошират бо шаҳрвандон, сифати санадҳои судӣ ва дигар сифатҳои барои ишғоли мансабҳои судя аҳамиятдошта барои интихоб ва таъин мутаносибан ба судҳои шаҳр ва судҳои болоӣ пешниҳод мегарданд. Баъди интихобашон (хоста гирифтанашон) ба мансаби пешбаришаванда номзадҳо мувофиқи талаботи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз суҳбати Коллегияи тахассусии судяҳо мегузаранд. Пас аз ноил шудан ба хулосаи мусбати Коллегияи тахассусӣ, он гоҳ номзад барои интихоб ва таъин шудан ба вазифаи судя ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Вазъи ҳуқуқии номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяро Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар менамояд. Бо пешниҳоди Комиссияи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя шахсоне, ки бори аввал ба вазифаи судя пешбарӣ мешаванд, метавонанд ба муҳлати як сол ба сифати коромӯз-судя фаъолият намоянд ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии онҳо дохил мешавад. Коромӯз-судя метавонад шахсе бошад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ бошад, забони давлатиро донад, ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта, аз имтиҳони тахассусӣ гузашта бошад.

Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории Федератсияи Россия низ мафҳуми номзад ба вазифаи судя дода нашудааст. Ба ақидаи М.И. Клеандров масъалаи номзад ба вазифаи судя нокушода мондааст, оё номзад ба вазифаи судя шахсест, ки қарор додааст, ки судя шавад ё роҳеро ба сӯйи курсии судягӣ тай намудааст ё билохира шахсест, ки ному насабаш дар лоиҳаи фармони Президенти ФР дар бораи таъин шудан ба вазифаи судя ҳамроҳ карда шудааст. Мақоми номзад ба вазифаи судяро мо бояд дар сатҳи қонунгузорӣ қонунӣ гардонем. Дуруст ба назар мерасид, агар мо номзад ба вазифаи судя шахсеро ҳисобем, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои лозима ва аризаро супоридааст. Таассуроти мантиқан дуруст

пайдо мешавад, агар аз лаҳзаи эътирофи номзад ба вазифаи судя нисбати ӯ чорабиниҳои санҷишӣ гузаронидан мумкин бошад[141].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таҷрибаи Тоҷикистон коромӯз-судя номзадҳои воқеӣ маҳсуб мешванд, зеро онҳо дар доираи талаботи мансабҳои холии судягӣ тайёр карда мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо баъди хатми давраи яксолаи тайёрӣ дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ муддати дуру дароз дар мақоми номзад ба вазифаи судя интизор намешаванд, интихоб ва таъини онҳо дар таҷриба одатан дар давоми 3-6 моҳ амалӣ мешавад. Вале дар таҷрибаи баъзе аз давлатҳои таҳқиқшаванда онҳо солҳо барои интихоб ва таъин шудан интизор мешаванд.

Мафҳуми коромӯз-судя дар қонунгузорӣ дода нашудааст ва мо вобаста ба мақомаш мафҳуми онро чунин пешниҳод менамоем: «Коромӯз-судя шахсе мебошад, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ баъди гузаштан аз озмуни ишғоли мансаби коромӯз-судя хулосаи мусбати Комиссияи имтиҳонотиро ноил гардида, дар муассисаи таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии яксола фаро гирифта мешавад ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мегардад».

Аз ҷониби дигар, қонунгузор фаъолияти бозомӯзии коромӯз-судяро ҳамчун собиқаи судягӣ эътироф карда бошад ҳам, мақоми ӯро мисли баъзе давлатҳои хориҷӣ ба судя баробар накардааст ва охирон аз вазъи ҳуқуқии судя бархӯрдор нест.

Бо назардошти он ки коромӯз-судя ҳамроҳи судяе, ки ба ӯ вобаста карда шудааст дар мурофиаҳои судӣ иштирок мекунад ва зимни иштирок бо ҳолатҳое, ки хусусияти сирри давлатӣ ва оилавӣ доранд, шинос мешавад, бинобар ин дар қонун лоиҳаи матни савганди ӯ бояд бо мазмуни зерин ҷой дода шавад: «Ман ҳамчун коромӯз-судя савганд ёд

[141] Ниг.: Клеандров М.И. О спецпроверке кандидатов в судьи // Российское законодательство: состояние и проблемы. – 2015. – № 2. – С. 67.

мекунам, ки сирри хидматӣ ва моҳияти парвандаҳои судиро нигоҳ медорам, муносибат ва ахлоқи ман холис ва беғараз хоҳад буд».

Қонунгузории миллӣ талаботро нисбат ба номзади бори аввал ба вазифаи судя пешбаришавандаро муқаррар кардааст ва он худ кoромӯз-судя мебошад. Вале дар таҷрибаи Тоҷикистон дар баъзе мавридҳо шахсоне, ки таҷрибаи бойи фаъолият дар мақомоти судӣ доранд, метавонанд бе шартҳои озмун ва супоридани имтиҳонҳои дар Низомномаи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ муқарраргардида, аз ҷониби Комиссияи тахассусии Суди Олӣ барои ба мансаби судя таъин шудан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд. Ин гуруҳи маҳдуди номзадҳое мебошанд, ки дар мақомоти судӣ собиқаи зиёди корӣ ва таҷрибаи кофӣ доранд, яъне дар вазифаҳои масъули дастгоҳи мақомоти судӣ солҳои дароз кору фаъолият намуда, худро аз ҷиҳати мусбӣ муаррифӣ намудаанд.

Пешниҳод мегардад, ки ин категорияи номзадҳо баъди ба вазифаи судя таъин шудан бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии судягӣ ба мухлати на камтар аз 3 моҳ дар Маркази таълимии судяҳо бо нигоҳ доштани музди меҳнаташон ба бозомӯзӣ фаро гирифта шаванд. Дар давоми чунин бозомӯзӣ онҳо метавонанд ба омӯзиши меъёрҳои муҳими қонунгузории моддӣ-мурофиавӣ ва байналмилалӣ ҷалб карда шаванд, ки ин асос барои самаранок гардидани фаъолияти минбаъдаи онҳо ва қабули санадҳои судии асоснок ва қонунӣ мегардад.

Албатта мувофиқи мақсад мебуд, агар аз довталаб ба мансаби судя ва номзад ба вазифаи судя мисли таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва як қатор давлатҳои Аврупо дар баробари тайёрии ҳуқуқӣ ва дараҷаи зеҳнӣ (интеллектуалӣ) инчунин талабот вобаста ба масъалаҳои ифодаи мустақилияти фикр, қатъияти қарорқабулкунӣ, ба худ боварӣ доштан, содиқӣ, адолатнокӣ, холисӣ, мукаммалӣ, ботавозунӣ, ҳалимӣ, боодобӣ, афзалият гузоштан ба манфиатҳои шаҳрвандон ва ҷомеа, нисбати худ серталаб будан гузошта мешуд. Васеъ ва ҷиддӣ намудани талабот

нисбати номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя ба минбаъд беҳтар гаштани адолати судӣ ва баланд гаштани мақоми суд мусоидат хоҳад кард.

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон судя аз санҷиши Коллегияи тахассусии судяҳо мегузарад. Ин амал бо мақсади баҳо додани фаъолияти касбии судяҳо, ҳавасмандгардонии онҳо, баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ ва масъулияти онҳо оид ба риоя намудани Конститутсия ва қонунҳо, инчунин ҳангоми интихоб ва таъин намудани судя ба зинаи болоӣ, ба муҳлати навбатии ваколат, додани дараҷаҳои тахассусӣ ва ҳангоми зарурат оид ба муайян намудани муносиб будани судя ба вазифаи ишғолкардааш гузаронида мешавад. Гузаштан аз чунин санҷиши тахассусӣ масъулияти касбии судяро бешубҳа баланд мебардорад.

Гарчанде ки Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон зери як фазои ҳуқуқӣ, яъне фазои ҳуқуқии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ қарор дошта бошанд ҳам, вале талаботи қонунгузории онҳо дар самти интихоб ва таъини судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя умумияти пурраи ягона пайдо накардааст. Дар талаботи аксар давлатҳои таҳқиқшаванда дар қайди диспансерҳои наркологӣ, психоневрологӣ қарор доштани номзад ба вазифаи судя мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Чунончи, дар қонунгузории Федератсияи Россия ва Қазоқистон талабот дар бораи гузаштан аз санҷиши тиббӣ бо мақсади истиснои бемориҳое, ки барои иҷрои фаъолияти касбии судягӣ монеъ мешаванд, мавҷуд аст. Аммо дар қонунгузории Тоҷикистон чунин талабот мавҷуд набуда, он бо пешниҳоди як варақаи расмии тиббии умумӣ (шакли 038) маҳдуд мегардад.

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар давлатҳо баҳодиҳии психологӣ ба роҳ монда шудааст, ки он раванди баҳодиҳии шахсият, қобилияти ақлонӣ (интеллектуалӣ), таҳлил, худидоракунӣ ҳангоми

ҳаяҷон ва ғайраро дар бар мегирад. Танҳо баъди гузаштани чунин баҳодиҳӣ номзад бори дигар аз тести психологии махсус гузашта, сипас барои суҳбат ва мусоҳиба ба комиссияи интихоби номзадҳо ба вазифаи судя роҳ дода мешавад[142].

Чунин усули баҳодиҳии номзад ба вазифаи судя ба ақидаи мо таҷрибаи пешқадам ва барои хусусияти фаъолияти пурмасъули судягӣ мувофиқ буда, он бояд дар таҷрибаи интихоби номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шавад. Масалан метавон бо довталабони ишғоли мансаби номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя дар марҳилаи пеш аз имтиҳон бо ҷалби мутахассисони соҳа (психологҳо) бо мақсади муайян намудани салоҳиятнокӣ ва ҳолати руҳии номзад ба вазифаи судя бо тартиби суолҳои махсус суҳбат доир намуд.

Дигар масъалае, ки барои низоми интихоб ва таъини судяҳо хеле муҳим аст ва метавонад ба сифати қабули кадрҳои судягӣ таъсири мусбат расонад, ин тарз ва усули гузаронидани озмун оид ба қабули довталабон ба мансаби судя ва коромӯз-судя мебошад.

Ин ҷо мебояд аз таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон истифода намуд. Дар баробари ин, вобаста ба категорияи довталаб вазифаи коромӯз-судя ва хусусиятҳои касбии ӯ метавон ба тартиби гирифтани имтиҳон ва озмун хусусиятҳои инфиродӣ дод.

Ба ақидаи мо таҷрибаи Фаронса ва Қазоқистон дар самти қабули довталабон барои роҳ ёфтан ба ҷомеаи судяҳо, алалхусус ба категорияҳо ҷудо намудани довталабон ва таснифоти озмун таҷрибаи пешқадам ва мувофиқ ба талаботи замони муосир буда, он ба тағйироти сифатии интихоб ва таъини кадрҳои соҳаи ҳокимияти судӣ мусоидат менамояд.

Мақоме, ки дар Тоҷикистон масъалаи хоста гирифтан ва муайян намудани сатҳи омодагии касбии номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя

---

[142] Ниг.: Положение об экзаменационной комиссии и организации проведения вступительного экзамена по специальности в Академии правосудия при Верховном Суде Республики Казахстан. Утверждено приказом ректора от 15 мая 2020 года № 6002-20-7-8/61; Аблаева Э.Б. Порядок отбора и условия вступления в должность судей в Республике Казахстан // Пробелы в российском законодательстве. – 2017. – № 2. – С. 201-209.

пешбаришаванда ва коромӯз-судяҳоро амалӣ месозад - ин Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо мебошад.

Дар давраи фаъолияти Шурои адлия бо мақсади васеъ намудани асосҳои демократӣ дар кори хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории судяҳо, таъмини пешбарии номзадҳои арзанда ба вазифаи судяи суди болоӣ, муайян намудани сатҳи омодагии касбии судяҳо, баррасии масъалаҳои ҷавобгарии интизомии судяҳо, инчунин тақвияти кафолати дахлнопазирии судяҳо ва дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон« Комиссияи имтиҳонию тахассусии Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда буд.

Низомнома «Дар бораи Комиссияи имтиҳонию тахассусии Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон« бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2000, № 312 тасдиқ карда шудааст, ки баъдан он бо Фармони Президенти ҶТ аз 9. 06. 2016 № 698 аз эътибор соқит дониста шуд.

Баъди барҳам хӯрдани Шурои адлия дар баробари он Комиссияи имтиҳонию тахассусии назди он низ барҳам хурд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2017, № 866 бо мақсади хоста гирифтан ва муайян намудани сатҳи омодагии касбии номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда ва коромӯз-судяҳо Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо (минбаъд- Комиссияи имтиҳонотӣ) таъсис дода шуд.

Комиссияи имтиҳонотӣ дар асоси Низомнома дар бораи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо фаъолият менамояд.

Комиссияи имтиҳонотӣ дар ҳайати Раис ва 6 нафар аъзо таъсис дода шуда, он ба таври доимӣ амал менамояд. Ҳамаи аъзои Комиссияи

имтиҳонотӣ ҳуқуқи баробари овоз доранд. Дар ҳолати ба миён омадани зарурат ба ҳайати Комиссияи имтиҳонотӣ мумкин аст, тағйирот ворид карда шавад.

Ҳайати Комиссияи имтиҳонотӣ аз Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи кадрҳо, муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Точикистон, муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Директори Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иборат мебошад.

Тавре мушоҳида мешавад, ҳайати Комиссияи имтиҳонотӣ аз намояндагони мақомоти гуногун ташкил ёфтааст, ки фаъолияти онҳо ба ҳам бархӯрд надорад. Ин ҳолат аз ҳамкориҳои якҷояи мақомот ва муассисаю донишгоҳҳои шаҳрвандӣ шаҳодат дода, ба он мусоидат менамояд, ки дар интихоби номзадҳо ба вазифаи судя шаффофият ва беғаразӣ таъмин карда шавад.

Чунин таҷрибаи хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми интихоб ва таъини судяҳои Ҷумҳурии Фаронса монанд аст, зеро дар он ҷо низ барои ҳалли ин масъала идораю муассисаҳои гуногун ҷалб карда мешаванд.

Шурои Олии магистратура, Комиссия оид ба ҷобаҷогузории хизмати давлатӣ, Вазорати адлия ва Мактаби миллии магистратура аъзои комиссияи имтиҳонотӣ маҳсуб мешаванд[143].

Комиссияи имтиҳонотӣ дар асоси пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиҳони тахассусии номзади бори аввал ба вазифаи судя ва

[143] Ниг.: Соловьев А.А. Высший совет магистратуры как орган судейского сообщества Французской Республики: монография / предисл. д.ю.н. А.А. Евстифеева; Кафедра гражданского и административного судопроизводства Московского гос. юрид. ун-та им. О.Е. Кутафина (МГЮА). – М., 2014. – С. 56.

коромӯз-судя пешбаришавандаро гузаронида, бо роҳи додани хулоса оид ба муносиб будани номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя қарор қабул мекунад ва бо фармоиши якҷояи онҳо комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои номзадҳо барои ишғоли вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо таъсис дода мешавад.

Довталабон ба Комиссияи қабул диплом дар бораи таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо, тарҷумаи ҳол, нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи шиноснома, нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ (талоқ), маълумот дар бораи вазъи молу мулк, маълумот дар бораи доғи судӣ надоштани худ ва хешовандони наздик, нусхаи билети ҳарбӣ ё гувоҳномаи даъватшаванда, хислатнома аз ҷойи кори охирин, тавсия оид ба шахсият ва касбият (на камтар аз 3 адад), хулосаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ), 4 дона расми андозаи 3х4 см. пешниҳод менамоянд.

Қабули ҳуҷҷатҳо бо мақсади додани иҷозат барои супоридани имтиҳон 5 рӯз пеш аз оғози имтиҳон ба охир мерасад ва дар сурати ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқат накардани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, довталаб ба имтиҳон роҳ дода намешавад[144].

Рӯйхати номзадҳое, ки барои супоридани имтиҳон ҳуқуқ пайдо кардаанд на камтар аз 5 рӯз пеш аз оғози имтиҳон тасдиқ карда шуда, тавассути сомонаи интернетии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор мегарданд.

Шакли имтиҳон бо қарори Комиссияи имтиҳонотӣ муайян карда мешавад. Барномаи имтиҳонӣ аз санҷиши хаттӣ (диктант ё иншо бо забони давлатӣ) ва шифоҳӣ аз рӯйи соҳаҳои зерини ҳуқуқ иборат мебошад: конститутсионӣ, гражданӣ, мурофиавии гражданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, меҳнат, маъмурӣ, мурофиавии маъмурӣ, оила,

[144] Ниг.: Низомномаи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзад ба вазифаи судя ва коромӯз - судяҳо. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2017, № 866. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурочиат: 10.04.2020).

манзил, мурофиавии иқтисодӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба хуқуқи инсон, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ.

Ба номзадҳо пеш аз оғози имтиҳон варақаҳои имтиҳонӣ бо қайди дахлдори Комиссияи имтиҳонотӣ тақсим карда мешаванд. Дар сурати гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш аз имтиҳони диктант (ё иншо), номзад ба даври дуюми имтиҳон роҳ дода намешавад. Даври дуюм бо супоридани имтиҳони шифоҳӣ аз рӯйи билетҳои дорои 5 савол аз соҳаҳои қонунгузорӣ гузаронида мешавад.

Комиссияи имтиҳонотӣ вобаста ба сатҳи дониши назариявӣ ва касбии номзад, ки дар натиҷаи имтиҳон муайян шудаст, қарор қабул мекунад.

Комиссияи имтиҳонотӣ қарори худро оид ба натиҷаи имтиҳон дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи баъди баргузории имтиҳон эълон намуда, ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Дар асоси пешниҳоди Комиссияи имтиҳонотӣ Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба вазифаи коромӯз-судя таъин гардидан фармоиш кабул мекунанд.

Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти натиҷаи имтиҳон барои додани хулоса оид ба муносиб будани номзади бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда ба Коллегияи тахассусии судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол менамоянд. Коллегия пешниҳодро баррасӣ намуда, дар муҳлати 3 рӯз хулосаи худро ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Натиҷаи имтиҳон дар давоми се сол эътибор дошта, номзадҳое, ки бори аввал имтиҳони тахассусиро супоридаанд, ба захираи кадрҳо ба вазифаи судя дохил

карда мешаванд[145].

Ҳамин тариқ коромӯз-судя муддати як сол дар Маркази таълимии судяҳо омода карда мешавад. Дар ин замина пешниҳод мегардад, ки ҳангоми баррасии масъалаи интихоби коромӯз-судяҳо ва додани хулоса аз ҷониби Коллегияи тахассусӣ тавсифномаи Маркази таълимии судяҳо ба коромӯз судя, муваффақиятҳои натиҷаи имтиҳоноти ӯ дар давоми як соли таҳсил ба инобат гирифта шаванд, зеро ин масъулияти коромӯз-судяҳоро баланд намуда, ба сифати кадрҳои соҳаи ҳокимияти судӣ, беҳтар гаштани интихоби сифатии номзадҳо ба вазифаи судя мусоидат менамояд.

Тавре қонунгузории миллӣ пешбинӣ менамояд, ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар симои судя ва машваратчиёни халқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешавад. Қонунгузорӣ дар баробари судяҳо иштироки машваратчиёни халқиро низ дар амалӣ намудани адолати судӣ пешбинӣ намудааст. Парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои категорияи махсусан вазнин дар ҳайати судя ва ду нафар машваратчиёни халқӣ муқаррар гардидааст. Ҳангоми баррасии парвандаҳо ва ба амал баровардани адолати судӣ машваратчиёни халқӣ аз тамоми ҳуқуқҳои судя бархӯрдоранд.

Дар ин хусус Мирзамонзода Х.М. қайд менамояд, ки иштироки машваратчиёни халқӣ яке аз шаклҳои ҳокимияти халқӣ мебошад ва мақоми ҳуқуқии онҳо бояд на дар санади зерқонунӣ, балки дар қонун ба танзим даровarda шавад[146].

Дар баробари ин тартиби интихоб, кафолат ва имтиёзҳои машваратчиёни халқиро Низомнома дар бораи машваратчиёни халқии ҷумҳурӣ, ки Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2002 тасдиқ намудааст, муайян менамояд.

---

[145] Ниг.: Низомномаи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзад ба вазифаи судя ва коромӯз - судяҳо. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2017, № 866. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/(санаи муроҷиат: 10.04.2020).

[146] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – С. 33.

Мувофиқи талаботи Низомнома номзадҳои машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои умумии коллективҳои меҳнатӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, сипас ба Раиси Суди Олӣ пешниҳод мегарданд. Раиси Суди Олӣ дар навбати худ рӯйхатро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд. Баъдан онҳо аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муддати панҷ сол интихоб карда мешаванд. Интихоби навбатии машваратчиёни халқии суди ҳарбии гарнизон, суди ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 30 (сӣ) рӯз пеш аз ба охир расидани муҳлати ваколати машваратчиёни халқии қаблан интихобшуда таъин намуда, муҳлати интихоботи машваратчиёни халқиро муқаррар менамояд. Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъин намудани интихоботи машваратчиёни халқӣ раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо гузаронидани интихоботи машваратчиёни халқии судҳои дахлдори дар ҳудуди вилояту шаҳру ноҳияҳои худ мавҷудбударо ташкил менамоянд[147]. Ҳамаи машваратчиёни халқӣ дар маҷлисҳои умумии коллективҳои меҳнатӣ бо суроғаи ҷои истиқомат ва маҷлисҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар маҳалли хизмат бо овоздиҳии кушод пешбарӣ мегарданд. Якумин ба муддати 5 сол ва дуюмин ба муҳлати 1,5 сол интихоб мегарданд. Машваратчиёни халқӣ дар баррасии парванда ва баровардани хулосаи ҳукм бо раисикунандаи мурофиаи судӣ ҳуқуқҳои баробар доранд, ки ин аз принсипи мустақилият, пешбурди ошкоро ва баррасии дастаҷамъонаи мурофиаи судӣ, демократӣ, адолат ва инсондустӣ шаҳодат медиҳад.

Мо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистонро омӯхта дар асоси муқоисаи ҳуқуқии назариявӣ ва амалии онҳо бо мақсади такмил додани қонунгузории миллӣ ва мутобиқ гардонидани меъёрҳои он дар самти

---

[147] Ниг.: Дастур барои машваратчиёни халқӣ (нашри дуюм) / ҳайати муаллифон: Ватанов М., Азизов З., Муродов Б. ва дигарон. – Душанбе, 2017. – С. 10.

низоми интихоб, таъин ва ҷобаҷогузории судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя чунин пешниҳод менамоем:

1) Ба моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» банди 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Номзад ба вазифаи судя бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, эътибори кории бенуқсон дошта, дар ин бора на камтар аз се тавсияи мусбӣ аз ҷониби роҳбарият ва ҳамкасбонаш пешниҳод намояд»;

«Номзад ба вазифаи судя аз ташхиси тиббӣ гузашта, дар бораи надоштани бемориҳое, ки ба иҷрои уҳдадориҳои касбии судя монеъ мешаванд, аз ҷумла дар қайди диспансерҳои наркологӣ ва психоневрологӣ набудан ва ташхиси ҳолати руҳӣ-психологӣ маълумотнома пешниҳод намояд», зеро аз ҳолати руҳӣ-психологии судя сифати адолати судӣ ва мақому нуфузи суд вобастагӣ дорад.

2) Азбаски мафҳуми коромӯз-судя дар қонунгузорӣ дода нашудааст, бинобар ин он дар моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таъбири зайл илова карда шавад: «Коромӯз-судя шахсе мебошад, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ баъди гузаштан аз озмуни ишғоли мансаби коромӯз-судя хулосаи мусбати Комиссияи имтиҳонотиро ноил гардида, дар муассисаи таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии касбии яксола фаро гирифта мешавад ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мегардад».

3) Дар қисми 2 моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъди калимаҳои «хизмати ҳарбии мӯҳлатнокро адо карда бошад» калимаҳои «ҳангоми пешниҳоди маълумоти тахассусии зинаи магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, маълумоти зинаи бакалаврро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дошта бошад» илова карда шавад.

4) Вазъи ҳуқуқии коромӯз-судя ба вазъи ҳуқуқии судя баробар карда шуда, матни савганди ӯ бо мазмуни зерин дар қонунгузорӣ ҷой дода шавад: «Ман ҳамчун коромӯз-судя савганд ёд мекунам, ки сирри хидматӣ ва моҳияти парвандаҳои судиро нигоҳ медорам, муносибат ва ахлоқи ман холис ва беғараз хоҳад буд».

5) Синну соли 25 барои ишғоли касби пурмасъули судя нокифоя буда, таҷрибаи зиёди ҳаётӣ ва ҷаҳонбинии пурра ташаккулёфта надоштан имкон намедиҳад, ки масъулият ва ҳолатҳои гуногунҷабҳаи корро вобаста ба парвандаҳо ба пуррагӣ дарк намояд. Бинобар ин, мисли таҷрибаи ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон синну соли ба вазифаи судя интихоб ва таъин шудан аз синни 30 солагӣ ва ё таҷрибаи Ӯзбекистон аз 35 солагӣ муқаррар карда шавад.

6) Собиқаи кории дар талаботи қонунгузорӣ муқарраршуда нисбати номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешниҳодшаванда ва коромӯз-судя аз 3 ба 5 соли собиқаи кории ҳуқуқшиносӣ муқаррар карда шавад.

7) Дар сурате, ки номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя хоҳиши судя шудан накунад, ба ӯ имконияти бе шартҳои озмун дар дастгоҳи судҳо ба вазифаҳои хизмати давлатӣ қабул шудан (мисли таҷрибаи магистрантҳои Академияи адолати судии Ҷумҳурии Қазоқистон) имконият дода шавад.

8) Ба таълими коромӯз-судяҳо 10 нафар судяҳо аз коллегияҳои судии мухталифи судҳо ба сифати устод бо нигоҳ доштани маош ва собиқаи корӣ муддати як сол ва ё мавсимӣ ҷудо карда шаванд (ба монанди таҷрибаи Фаронса барои шунавандагони Мактаби миллии магистратура 30 нафар судяҳо ва прокурорҳо ҳамчун устодон ва дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон устодон бо нигоҳ доштани маош ва собиқаи кории судягӣ). Дар ин бора ба моддаи 37 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба салоҳияти Раиси Суди Олӣ банди алоҳида бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«судяҳои ботаҷриба ва собиқадорро барои амалӣ намудани такмили ихтисоси судяҳо ва тайёр намудани коромӯз-судяҳо дар Маркази таълимии судяҳо бо нигоҳ доштани маош муваққатан сафарбар менамояд.»

# БОБИ 2. ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ СУДЯҲО

## 2.1.Таълим ва такмили ихтисоси судяҳо: таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ

Раванди таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ҷузъи муҳим барои фаъолияти босамари судя ба ҳисоб меравад, зеро танҳо дар сурати ноил шудан ба дониши баланди касбӣ метавон қарори судии асоснок ва қонунӣ баровард, ки аз охирон мақом ва нуфузи ҳокимияти судӣ дар ҷомеа вобастагии зич дорад. Дар ин замина олимони соҳа атрофи нақш ва аҳамияти таълим ва такмили ихтисоси судяҳо фикру андешаҳои мухталифи худро иброз намудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки роҳу усулҳои гуногуни таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҷабҳаҳои мусбӣ ва афзалиятноки назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии пешбурди таълими мақсаднок, натиҷаовар ва афзалиятноки судяҳо дарёфт карда шавад.

Н.В. Радутная бар он ақида аст, ки таълими муттасил ба ташаккули мақсадноки ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ, хуб аз худ намудани паҳлӯҳои мухталифи дониш, инкишофи сифатҳои зеҳнии шахсӣ, чандирии тафаккур, ки барои ҳалли масъалаҳои фикрӣ мусоидат менамояд[148].

В.В. Блажеев қайд менамояд, ки «таълими ҳуқуқшиносии муосир бояд, ки тайёр намудани хатмкунандагонеро, ки аҳамияти хоси арзишҳои конститутсиониро барои тақвият бахшидани инкишофи асосҳои давлат ва ҳаёти ҷамъиятӣ дарк менамоянд ва бо усулу воситаҳои ҳуқуқӣ қобилияти иштирок намудан ва амалӣ гардонидани онҳоро доранд, таъмин созад»[149].

---

[148] Ниг.: Радутная Н.В. Народный судья: профессиональное мастерство и подготовка. – М.: Юридическая литература, 1977. – 144 с.

[149] Блажеев В.В. Актуальные вопросы преподавания конституционного права // Сборник материалов Всероссийской конференции преподавателей конституционного права, посвященной 20-летию Конституции РФ (27 июня 2013 г.). – М.: Ун-т им. О.Е. Кутафина (МГЮА), 2013. – С. 15.

Таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ба қавли В.В. Пейсиков ҳамчун яке аз заминаҳои бомуваффақияти фаъолияти ҳокимияти судӣ хизмат менамояд[150].

Филипп Буайя – Директори генералӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун дар Шурои Аврупо гуфтааст, ки «таълим ва тайёр намудани кадрҳо барои иҷрои вазифаҳои ҳокимияти судӣ аҳамияти калидӣ дорад. Барои ба тариқи дахлдор иҷро намудани вазифаҳои худ ва мувофиқат намудан ба интизориҳои ҷомеа дар судҳо бояд судяҳои дорои стандартҳои баланди этикӣ ва донишҳои васеи ҳуқуқию ҷамъиятидошта, фаъолият намоянд. Барои ин судяҳо бояд мунтазам дониши хешро бой гардонанд, малакаи мавҷудаи худро нигоҳ дошта, малакаи навро ба даст дароранд»[151].

Тавсияҳои СММ ба давлатҳои аъзо аз он аст, ки «мақсади тайёр намудан бояд аз он иборат бошад, ки на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ, балки ташаккули таҷрибаҳои иловагӣ (донистани забонҳои хориҷӣ ва механизмҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо) амиқ гардонида шавад. Ин имконият медиҳад, ки дар хидмати ҷомеа судяҳое бошанд, ки на танҳо қобилияти дуруст татбиқ намудани қонунгузорӣ, балки қобилияти мустақилона ва танқидӣ фикр кардан ва муносибати самимӣ ва ғамхорона зоҳир намудан ба манфиатҳои ҷамъиятро дошта бошанд»[152].

Раванди такмили ихтисоси судяҳо ва тайёр намудани номзад ба вазифаи судя салоҳиятнокии касбии судяҳоро таъмин менамояд. Тайёрии касбӣ бояд, ки ба талаботи муосир нисбат ба масъалаҳои судӣ тарзе мутобиқ гардонида шавад, ки он ҳамчун унсури асосӣ ва самараноки баамалбарории адолати судӣ хизмат намояд. Дар таҷрибаи байналмилалӣ ва як қатор давлатҳои Аврупо масъалаи тайёр намудан ва

---

[150] Ниг.: Пейсиков В.В. Правовые и организационные аспекты отбора, подготовки и повышения квалификации судей: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 191.

[151] Восточное партнёрство – Содействие правовой реформе в странах Восточного партнёрства. Рабочая группа "Профессиональные судебные системы". ДОКЛАД “Подготовка судей”. Генеральная дирекция по вопросам прав человека и верховенства права. Страсбург, май 2012 г.

[152] Публикация UNODC, Resource Guide on Strengthening Judicial Integrity and Capacity (2011), PP. 11-17 и в заключении № 11 (2008) Консультативного совета европейских судей (КСЕС) о качестве судебных решений. Заключение № 10 КСЕС.

такмили ихтисос дар шакли умум, барои кормандони мақомоти судӣ фаҳмида шуда, амалӣ карда мешавад. Яъне, раванди таълим ҳам ба судяҳо ва ҳам ба кормандони дастгоҳи судҳо тааллуқ дорад. Ин масъаларо мо дар қисмати таҷрибаи миллӣ ва давлатҳои таҳқиқшаванда таҳлил хоҳем кард.

Омӯзиш нишон медиҳад, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ва як қатор давлатҳои Аврупо ба ду шакли таълим бештар аҳамият дода мешавад, яке таълим барои судяҳои нав ба фаъолият оғознамуда ва дигаре барои судяҳои амалкунанда, ки охиринро такмили ихтисоси мунтазам ё худ таълими муттасил меноманд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷаҳон меъёри ягонаи омода намудани барномаҳои таълимии судяҳо ва такмили ихтисос вуҷуд надорад, чунки ин масъала хеле фаррох буда, ба як принсип ва як талабот мувофиқ гардонидани он ғайриимкон аст. Аммо дар ин самт таҷрибаи Шурои Аврупо ҷой дорад, ки он на танҳо барои давлатҳои аъзои он, балки барои дигар давлатҳо низ метавонад ҳамчун намунаи пазируфташуда истифода карда шавад. Аз ҷониби Шурои Аврупо стандартҳои Аврупоӣ дар самти тайёр намудани судяҳо ва як қатор санадҳо ба тасвиб расонида шудаанд, ки онҳо барои давлатҳои аъзо ба сифати санади умумипазируфташуда баромад мекунанд.

Масъалаи таълим, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар меъёрҳои байналмилалии зерин қайд гардида, муҳим будани ин раванд дар муҳтавои онҳо эътироф гардидааст:

- Ҳуҷҷатҳои Шурои Аврупо, аз ҷумла Тавсияҳои R(2010)12 оид ба масъалаҳои мустақилият, самаранокӣ ва нақши судяҳо;
- Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо[153];

---

[153] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

- Хулосаи Шурои машваратии судяҳои Аврупо (ШМСА) № 4 дар бораи тайёрии ибтидоии кормандони мақомоти судӣ ва баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо дар сатҳҳои миллӣ ва аврупоӣ[154].

- Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо[155];

- Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ[156];

- Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ[157];

- Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд[158];

- Стандартҳои минималии мустақилияти судяҳо[159];

- Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо[160].

Дар хулосаи № 4 Шурои машваратии судяҳои Аврупо (ШМСА) эътироф гардидааст, ки «дар байни мамлакатҳои аврупоӣ атрофи масъалаи тайёрии ибтидоӣ ва муттасили судяҳо тафовутҳои калон мавҷуд аст» ва «ин тафовутҳо аз хусусиятҳои мушаххаси низомҳои судии мухталиф бармеоянд» (банди 6). Дар ҳамин ҳуҷҷат чунин қайд шудааст: «Муҳим он аст, ки судяҳо аз ҳисоби шахсоне, ки маълумоти ҳуқуқшиносии пурра доранд, тайёрии касбии дақиқ, амиқ ва

---

[154] Ниг.: Восточное партнёрство – Содействие правовой реформе в странах Восточного партнёрства. Рабочая группа "Профессиональные судебные системы". ДОКЛАД “Подготовка судей”. Генеральная дирекция по вопросам прав человека и верховенства права Страсбург, май 2012 г., С. – 9, официальный сайт: URL: http://www.coe.int/ (санаи муроҷиат: 20.02.2021).
[155] Ниг.: Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо. 17 ноябри соли 1999 дар Шурои Марказии байналмилалии ассотсиатсияи судяҳо дар Тайван қабул гардидааст. (Бо тағйиру иловаҳо аз 14 ноябри соли 2017 дар Чили) – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 25.02.2021).
[156] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (аз ҷониби Конгресси ҳафтуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар Милан аз 09/06/85 қабул шудааст ва бо қарорҳои Ассамблеяи Генералии СММ 40/32, 40/146 13.12.1985 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).
[157] Ниг.: Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ аз 24 майи соли 1989. Ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ. Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ. – Вена, 1996. – С. 148-151.
[158] Ниг.: Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд (аз ҷониби Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар шаҳри Гавана, Куба, 7 сентябри соли 1990 қабул карда шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int (санаи муроҷиат: 26.02.2021).
[159] Ниг.: Стандартҳои минималии мустақилияти судҳо. Аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии адвокатҳо соли 1982 қабул шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ibanet.org/ (санаи мурочиат: 26.02.2021).
[160] Ниг.: Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо аз 26 ноябри соли 2002, ш. Гаага. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

гуногунҷабҳа гирифтаанд, интихоб карда шаванд, ки ин ба онҳо имконияти ба тариқи дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои касбиашонро диҳад. Чунин тайёрии касбӣ кафолати мустақилият ва холисӣ буда, мувофиқи талаботи Конвенсия дар бораи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон мебошад» (банди 3 ва 4). Махсусан қайд карда мешавад, ки «новобаста аз гуногуншаклии низом ва масъалаҳои миллӣ, ки дар баъзе аз мамлакатҳо вомехӯранд, тайёрии касбӣ бояд аз рӯи зарурати такмилдиҳӣ на танҳо таҷрибаи кормандони ҳокимияти судӣ, балки худи вазифаҳои ин мақомотро ҳамчун омили асосӣ дар бар гирад (банди 7)»[161].

Тавре аз ҳуҷҷати мазкур бармеояд, барои амалӣ намудани тайёрии касбӣ ва натиҷаовару самаранок будани он тайёрии ибтидоии шахсоне, ки ба мансаби судя интихоб мешаванд ва маълумоти касбиро то чӣ дараҷа «гуногунҷабҳа ва дақиқ» гирифтаанд, хеле муҳим аст. Зеро тайёрии касбӣ ҳамон вақт бамақсадрасида ҳисоб мешавад, ки ба он шахсони ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва омодагии ибтидоии касбидошта, ҷалб карда шаванд. Аз ҷониби дигар, ин ҳуҷҷат тайёрии касбӣ ва такмили ихтисосро на танҳо барои судяҳо, балки барои тамоми кормандони мақомоти судӣ муҳим мешуморад. Таҷрибаи Тоҷикистон дар самти таълим, тайёрии касбӣ ва такмили ихтисос ба талаботи ин ҳуҷҷат мувофиқат мекунад. Дар ин замина мо зидди ақидаҳои бархе аз олимоне мебошем, ки мехоҳанд таълими кормандони мақомоти судиро, ки он маҷмуӣ буда, сифр моҳияти касбиро дар худ дорад, аз тобеияти суд бароварда, зери мақоми берун аз судӣ қарор диҳанд[162].

Дар аксари давлатҳои аврупоӣ ба масъалаи тайёрии судяҳо меъёрҳои махсус бахшида шудааст. Дар онҳо маълумоти тафсилӣ дар бораи мазмуни тайёрӣ оварда намешавад. Ба ҷои ин меъёрҳо вазифаи

---

[161] Восточное партнёрство – Содействие правовой реформе в странах Восточного партнёрства. Рабочая группа "Профессиональные судебные системы". ДОКЛАД “Подготовка судей”. Генеральная дирекция по вопросам прав человека и верховенства права. Страсбург, май 2012 г. – С. 9, – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int/ (санаи муроҷиат: 20.02.2021).
[162] Ниг.: Завқизода С.А. Маркази таълимии судяҳо – мақоми тақвиятдиҳандаи мустақилияти судяҳо // Қонунгузорӣ (ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон). – 2021. – № 2 (42). – С. 138-143.

тафсири мазмуни тайёриро ба мақоми махсусе, ки ба таҳияи барномаҳои таълимӣ, гузаронидани тайёрӣ ва назорат аз болои иҷрои онҳо масъул аст, вогузор менамоянд. «Дар алоқамандӣ бо ин ШМСА тавсия медиҳад, ки дар ҳар як давлат меъёрҳои қонунгузорӣ масъалаи тайёр намудани судяҳоро бояд дар бар гирад (банди 12)»[163].

Бояд қайд намуд, ки Иттиҳоди Аврупо муҳим будани тайёрии мутахассисони мақомоти судӣ, аз он ҷумла судяҳоро таъкид менамояд. Дар қонунгузории Иттиҳоди Аврупо якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқие мавҷуданд, ки масъалаи тайёрии судяҳоро ба танзим медароранд[164]. Ин санадҳои аврупоӣ дар таълими судяҳо, ҳамкориҳои судҳо дар самти таълим аз рӯйи парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ дар доираи талаботи қонунгузории давлатҳои Аврупо ва таълими ҳуқуқи давлатҳои Аврупо нақши муҳим дорад.

Барои аз таъсири беруна нигоҳ доштани муассисаҳое, ки тайёрии касбии судяҳоро амалӣ менамоянд, ШМСА тавсия медиҳад, ки бояд салоҳияти таъин намудани роҳбарият ва устодони онҳо ба мақомоти судӣ ва ё дигар мақоми мустақил, ки ташкил ва назорати тайёр намуданро ба уҳда доранд, вогузор карда шавад. Ба ғайр аз ин, «ба он муяссар гаштан муҳим аст, ки таълимро судяҳо ва ё экспертҳо аз рӯйи предметҳои алоҳида гузаронанд. Устодон бояд аз ҳисоби беҳтарин нафарони ихтисоси худ ва онҳое, ки дар мақоми масъули таълим ба тариқи дахлдор аз рӯйи дониши предмети дарсдодашаванда ва таҷрибаи педагогиашон интихоб шудаанд, амалӣ намоянд»[165].

---

[163] Доклад “Подготовка судей”. Генеральная дирекция по вопросам прав человека и верховенства права Страсбург Май 2012 г. – С. 9-10, – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.coe.int/ (санаи муроҷиат: 20.02.2021).

[164] Ниг.: Моддаҳои 81 ва 82 Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо, ки тибқи тартиби муқаррарии қонунгузорӣ андешидани чораҳоро пешбинӣ мекунанд, ки ба таъмини «дастгирии таълими судяҳо ва кормандони адлия нигаронида шудаанд», Қарорҳои Комиссия аз 10 сентябр 1991 таъсис додани Академияи ҳуқуқии Аврупо; аз 9 июли соли 2008 дар бораи нақши судяи миллӣ дар Комиссияи судии Аврупо аз 29 июни соли 2006 оид ба омӯзиши судяҳо дар Иттиҳоди Аврупо аз 13 сентябри соли 2011 «Дар бораи таҳкими эътимод ба адолат дар доираи ИА – ҷанбаи нав дар Қарорҳои Аврупо оид ба омӯзиши судяҳои Парлумони Аврупо: “Дар бораи омӯзиши судяҳо” аз 17 июни соли 2010 ва “Дар бораи омӯзиши судяҳо” аз 9 марти соли 2012.

[165] Банди 20 ва 21 Хулосаи Шурои машваратии судяҳои Аврупо (№ 1 КСЕС).

Тавре аз омӯзиш бармеояд дар кори амалигардонии тайёрии ибтидоӣ ва муттасили судяҳо тафовутҳо байни давлатҳо мавҷуд аст, вале таҷрибаи тайёрии ибтидоӣ дар Тоҷикистон ба тавсияҳои Шурои машваратии судяҳои Аврупо (хулосаи № 4) мувофиқат мекунад, ки он аз тайёрии касбии дақиқ ва гуногунҷабҳа иборат буда, ба судяҳо имконият медиҳад, ки ба тариқи дахлдор уҳдадориҳои касбиашонр иҷро намоянд.

Умумияти дигари қонунгузории миллӣ бо тавсияҳои ШМСА аз он иборат аст, ки дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи такмили ихтисос ва тайёр намудани судяҳо дарҷ гардидааст. Дар банди 12 ин тавсияҳо масъалаи тайёр намудани судяҳоро дар бар гирифтани меъёрҳои қонунгузории ҳар як давлат қайд гардидааст. Умумияти дигари қонунгузории миллӣ аз он иборат аст, ки салоҳияти пешниҳод барои таъин намудани роҳбарияти ниҳоди тайёр намудани судяҳо ба роҳбарияти мақоми олии судӣ дода шудааст, ки ин ба фаъолияти самтноки мақом таъсири мусбӣ расонида, ҳолатҳои таъсиррасонӣ ва назоратро аз ҷониби дигар мақомот ба ниҳоди мазкур истисно менамояд.

Яке аз тафовутҳо аз тавсияҳои мазкур дар он аст, ки мақоми масъули таълимии миллӣ устодони ботаҷрибаи бевоситаи назди худи мақомро надорад. Вале ин масъала бо роҳи ҷалби судяҳои ботаҷрибаи Суди Олӣ дар асоси қарордоди меҳнатӣ амалӣ карда мешавад.

Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо низ салоҳияти тайёр намудани судяҳоро ба «мақомоти мустақил» вогузор намуда, ишора менамояд, ки «мақомоте, ки вазифаи назоратро аз болои сифати барномаҳои таълимӣ дорад, бояд ки аз тобеияти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор озод бошад ва на камтар аз нисфи аъзои онро бояд, ки судяҳо ташкил диҳанд[166]. Муассисаҳои таълимии амалкунандаи аксари давлатҳои таҳқиқшаванда зери тобеияти ҳокимияти иҷроия ва

[166] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

қонунгузор қарор надошта, фаъолияти озод ва берун аз таъсиррасонӣ доранд, механизми онҳо ба андешаи мо самаранок аст ва он мустақилиятеро, ки дар меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Хартия пешбинӣ гардидааст, доро мебошанд. Дар таҷрибаи Тоҷикистон бошад, пешниҳод ва интихоби мавзуъҳо дар асоси натиҷагирии фаъолияти солонаи судҳо аз ҷониби Коллегияҳои судии Суди Олӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, ки салоҳияти ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ намудани парвандаҳои судиро доранд, пешниҳод гардида, онҳо дар Шурои ҳамоҳангсози Маркази таълимии судяҳо тасдиқ ва бо Раиси Суди Олӣ мувофиқа карда мешаванд. Чунин тартиб ва ташкили раванди таълим ба андешаи мо тобеият ва вобастагии мақоми муассисаи марбут ба тайёр намудани номзад ба вазифаи судя ва судяҳоро, ки масъули баланд бардоштани савияи дониши судяҳо мебошад ба мақоми судӣ ва ҷомеаи судяҳо нигоҳ дошта, мустақилияти тибқи меъёрҳои байналмилалӣ муқарраршударо вайрон намесозад. Аз ҷониби дигар интихоби мавзуъҳо мақсаднок ва вобаста ба мушкилиҳои ҷойдошта сурат мегирад. Дар ин самт амалияи Тоҷикистон бо амалияи ШМСА ва тавсияҳои Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо мухолифат намекунад. Тасдиқи барномаҳои таълимӣ, назорати сифати он низ аз ҷониби Шурои ҳамоҳангсоз, ки аъзои он аз ҳисоби судяҳо мебошанд, амалӣ карда мешавад. Ба таълими судяҳо ва тайёр намудани коромӯз-судяҳо ҷалб намудни судяҳои собиқадор ва ботаҷрибаи Суди Олӣ аз умумияти таҷрибаи миллӣ бо талаботи Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо ва ШМСА гувоҳӣ медиҳад.

Мо низ бар он ақидаем, ки роҳандозӣ карда шудани таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва тайёр намудани номзад ба вазифаи судя бе таъсиррасонии беруна омили асосии фаъолияти босамари ниҳоди тайёркунӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси муттасил ва дар маҷмуъ мақомоти судӣ мебошад.

Дар таҷрибаи Аврупо дар баробари судяҳо ба такмили ихтисоси кормандони судҳо низ диққати асосӣ дода мешавад ва ин ба андешаи мо аз он нуқтаи назар аст, ки кормандони мақомоти судӣ сарчашмаи асосии пуррагардонии ҷомеаи судяҳо мебошанд ва дар баробари ин баъзеи онҳо дар доираи уҳдадориҳои мансабияшон ба воситаи судя дар фаъолияти судҳо иштирок менамоянд.

Дар таҷрибаи Тоҷикистон то соли 1999 мақоми таълим ва такмили ихтисоси судяҳо дар назди Вазорати адлия, ки он зери тобеияти ҳокимияти иҷроия қарор дошт, амал мекард. Зимни татбиқи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти муассисаи таълимии судяҳо аз тобеияти Вазорати адлия бароварда шуда, он дар назди Шурои адлия таъсис дода шуда, то андозае ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуд[167].

Бандҳои 2.2 ва 2.3-и Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо талаботи ҳатмии тайёрии касбии номзад ба вазифаи судя ва судяро тавассути таълими махсуси аз ҷониби давлат ташкилшаванда тавсия медиҳад[168]. Аз талаботи Хартия бармеояд, ки таълими махсус ва таҳсилоте, ки ба он судяҳо фаро гирифта мешаванд, таҳсилоти зарурӣ буда, бо роҳи баланд бардоштани таҷрибаи касбии судяҳо барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси судиашон ба онҳо салоҳиятнокӣ ва дигар имкониятҳои касбӣ, аз ҷумла мустақилият медиҳад. Таъминоти моддӣ, ташкилии раванди омӯзиш ва тайёрии касбии судяҳо аз ҳисоби буҷаи давлат гузаронида мешавад, ки ин яке аз талаботи Хартия ба ҳисоб меравад ва ин ҳолат ҳамчун воситаи таъмини мустақилияти судҳо метавонад баҳогузорӣ карда шавад. Дар таҷрибаи Тоҷикистон низ тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва бозомӯзию такмили ихтисоси судяҳо аз ҳисоби буҷаи давлат амалӣ карда мешавад.

---

[167] Ниг.: Завқизода С.А. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – № 2(30). – С. 65-71.

[168] Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021), банди 2.2, 2.3.

Банди 10-и Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ қобилиятнокӣ ва тайёрии дахлдори касбии судяро дар соҳаи ҳуқуқ пешбинӣ менамояд[169]. Тайёрии баланди касбӣ ва қобилиятнокии судя яке аз шартҳои асосии мустақилияти судя ва дар маҷмуъ мустақилияти ҳокимияти судӣ мебошад. Бешубҳа, судяе, ки қобилият ва тайёрии баланди касбӣ дорад, адолати иҷтимоиро дар шакли дахлдор метавонад амалӣ кунад.

Санади байналмилалии дигаре, ки масъалаҳои мақомоти судӣ, аз ҷумла таълим ва такмили ихтисоси судяҳоро ба танзим медарорад, Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо мебошад, ки он дар Шурои маркази Ассотсиатсияи байналмилалии судяҳо дар Тайван 17 ноябри соли 1999 қабул гардида, 14 ноябри соли 2017 дар Сант-яго де Чили ба он тағйиру иловаҳо ворид гардидааст.

Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо ҳангоми интихоби номзадҳо ба вазифаи судя такмили касбии дахлдорро ба сифати талаботҳои асосӣ муқаррар менамояд. Чунончи, дар моддаи 4-2 гузаштани тайёрии ибтидоӣ ва таълим дар ҷои кор бо мақсади таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, сифат ва самаранокии ҳокимияти судӣ зарур шуморида мешавад. Чунин таълим бояд, ки зери роҳбарии мақомоти судӣ гузаронида шавад[170].

Зери роҳбарии мақомоти судӣ амалӣ гардидани таълими судя яке аз талаботҳои асосии Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо мебошад. Дар таҷрибаи Тоҷикистон дар назди мақоми олии судӣ фаъолият намудани муассисаи таълимии судяҳо ва дар мувофиқа ва тавсияҳо бо роҳбарият ва коллегияҳои судии мақоми олии судӣ ба роҳ мондани интихоби

---

[169] Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (аз ҷониби Конгресси ҳафтуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар Милан аз 09/06/85 қабул шудааст ва бо қарорҳои Ассамблеяи Генералии СММ 40/32, 40/146 13.12.1985 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021), банди 10.

[170] Ниг.: Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо. 17 ноябри соли 1999 дар Шурои Маркази байналмилалии ассотсиатсияи судяҳо дар Тайван қабул гардидааст. (Бо тағйиру иловаҳо аз 14 ноябри соли 2017 дар Чили)– [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 25.02.2021), моддаи 4-2.

мавзуъҳо аз мувофиқати фаъолият ба ин меъёрҳо шаҳодат дода, яке аз омилҳои самаранокии роҳандозиии таълими судяҳо ва тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи мо, дар баробари меъёрҳои байналмилалӣ омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таълимии якчанд давлатҳои пешрафта, мақсад ва ҳадафҳои оинномавии онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои нави инкишофи низоми таълим ва такмили ихтисоси судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, вобаста ба низоми ҳуқуқӣ ва шароитҳои молиявии мавҷуда, намунаи афзалиятноки таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, тайёр намудани номзад ба вазифаи судя ва кормандони дастгоҳи судҳо коркард карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Мактаби Олии судяҳои назди Шурои Олии судяҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд - Мактаби Олӣ) фаъолият менамояд, ки он муассисаи давлатии таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ ба ҳисоб рафта, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро амалӣ менамояд. Мактаби Олӣ шахси ҳуқуқӣ буда, мустақилияти пурраи молиявӣ дорад.

Мақсад ва самтҳои асосии фаъолияти Мактаби Олӣ аз инҳо иборат мебошад:

- ташкили низоми ягонаи тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо;

- дар раванди таълим татбиқ намудани усулҳои интерактивии таълим, малакаҳои баҳисобгирии пешбурди истеҳсолот, таҳлили интиқодӣ, қабули қарорҳои асоснок бо истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

- инкишоф ва такмили донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии шунавандагон дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, этикаи касбӣ, психология, муоширати корӣ, истифода ва идоракунии вақт, усули бурдани

гуфтушунидҳо, технологияи кор бо иттилоот, тафсир ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ;

- шинос намудани шунавандагон бо тағйиру иловаҳои қонунгузории милливу байналмилалӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ва таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

- таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар самти судӣ-ҳуқуқӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ ва омор бо коркарди пешниҳод ва тавсияҳои дахлдор;

- татбиқи ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади ба роҳ мондани тадқиқоти мунтазами илмӣ, табодули иттилооти меъёрӣ-ҳуқуқии дорои хусусияти методӣ ва таҳлилӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба раванди таълимӣ ва илмӣ, ташкили таҷрибаомӯзии омӯзгорон ва шунавандагон[171].

Дар назди Мактаби Олӣ, Шурои Мактаби Олӣ амал мекунад, ки ба он муовинони директор, мудирони кафедраҳо, роҳбарони дигар воҳидҳои сохторӣ, олимон ва мутахассисони варзидаи соҳаҳои таълим ва ҳуқуқ, инчунин котиби Шуро шомиланд. Шурои Мактаби Олӣ дар навбати худ Низомнома дар бораи тартиби қабул ва ташкили таълим, нақша ва барномаҳо, тартиби баҳодиҳии дониши шунавандагон, инчунин талаботи тахассусиро тасдиқ менамояд. Шуро меъёри меҳнатии ҳайати омӯзгоронро амалӣ меозад, тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва аттестатсияи давлатии шунавандагони магистратура ва тасдиқи қоидаҳои дохилӣ ва қоидаҳои этикии Мактаби Олиро тасдиқ мекунад, ҳисоботи роҳбарони воҳидҳои сохтории Мактаби Олиро мешунавад, унвони «Доктори фахрии Мактаби Олии судяҳои назди Шурои Олии судяҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро медиҳад.

[171] Ниг.: Устав Высшей школы судей при Высшем судейском совете Республики Узбекистан. Приложение № 1 к постановлению Президента Республики Узбекистан от 6 января 2019 года, № ПП-4096.

Директори Мактаби Олӣ роҳбарии Шуроро ба уҳда дошта, ӯ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо пешниҳоди Раиси Шурои Олии судяҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи Оинномаи Мактаби Олӣ аз он иборат аст, ки дар он узви Шурои Олии судяҳо будани директор ва аз рӯйи музди меҳнат, ҳавасмандкунии моддӣ, таъминоти тиббӣ ва нақлиётӣ ба муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва муовинони директор ба муовинони раиси Суди Олӣ баробар будани онҳо бевосита қайд карда шудааст. Чунин мақом додан ва ҳавасмандгардонии моддӣ ба роҳбарияти Мактаби Олӣ ва дигар кормандони он аз нигоҳи мо масъулияти муассисаи таълимиро баланд бардошта, ба самаранок гаштани фаъолияти онҳо дар самти баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя ва дигар мақсаду ҳадафҳои оинномавӣ мусоидат менамояд.

Раванди илмӣ ва таълимӣ-методии Мактаби Олӣ дар асоси нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ оид ба тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- бозомӯзии судяҳои дар захираҳои эҳтиётии ишғоли вазифаҳои роҳбарикунандаи судӣ қарордошта;
- такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо;
- бозомӯзӣ ва таълим дар магистратура[172].

Қабул ба магистратураи Мактаби Олӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои ишғол намудани мансаби судя дар асоси озмун танҳо аз ҳисоби шахсоне, ки дар захираи эҳтиётии номзад ба вазифаи судя мебошанд, амалӣ карда мешавад. Албатта моҳияти таълим ва услуби он вобаста ба шунавандагони давраҳои таълимӣ аз якдигар фарқ

[172] Ниг.: Устав Высшей школы судей при Высшем судейском совете Республики Узбекистан. Приложение № 1 к постановлению Президента Республики Узбекистан от 6 января 2019 года, № ПП-4096.

намуда, ҳар як барномаи таълимӣ бо мақсади иҷрои ҳадафҳои дар наздаш гузошташуда, татбиқ карда мешавад.

Хусусияти дигари раванди таълим аз он иборат аст, ки ҳар як шакли онро Низомномаи алоҳида ба танзим медарорад. Чунончи, Низомнома дар бораи тартиби қабул ва ташкили таҳсил дар магистратура, Низомнома оид ба давраҳои бозомӯзии судяҳои дар захираҳои эҳтиётӣ барои ишғоли вазифаҳои роҳбарикунанда қарордошта ва Низомнома дар бораи давраҳои баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо.

Барои амалӣ намудани раванди таълим дар Мактаби Олӣ судяҳо, адвокатҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мутахассисони муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ, вазорату идораҳо, инчунин дигар мутахассисон метавонанд дар асоси музди яксоата ё тибқи шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шаванд. Олимон, мутахассисон ва коршиносони мамлакатҳои хориҷӣ метавонанд барои корҳои таълимӣ, методӣ ва илмӣ дар асоси шартнома аз ҳисоби грантҳои ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ ё ғайридавлатӣ дар Мактаби Олӣ ҷалб карда шаванд.

Ба таълими магистратураи Мактаби Олӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар захираи эҳтиётии вазифаи судя аз рӯйи квотаи муқаррарнамудаи Шурои Олии судяҳо ва Суди Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор дорад, қабул карда мешаванд. Баъди бомуваффақият гузаштан аз озмун директори Мактаби Олӣ дар бораи ба ҳайси шунаванда қабул намудан фармон мебарорад. Шунавандагоне, ки барномаи таълимиро дар давраи тайёрии номзадҳо ба вазифаи судя аз худ накардаанд ё аз вазифаи пешниҳодшудаи судя саркашӣ кардаанд, маоши дар давоми таҳсил гирифтаашонро ба пуррагӣ ба буҷаи давлатӣ бармегардонанд.

Раванди таълими судяҳо дар Ӯзбекистон бо истифода аз шаклу усулҳои муосири таълим, технологияҳои пешрафтаи педагогӣ,

инноватсионӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ сурат мегирад. Қайд кардан ба маврид аст, ки барои ноил шудан ба ҳамаи ин дастовардҳо дар самти таълим, такмили ихтисос ва тайёр намудани кадрҳои соҳаи мақомоти судӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабули Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани низоми тайёрии номзадҳо ба вазифаи судя, бозомӯзӣ, баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо» аз 6 январи соли 2019, № ПП-4096 нақши ҳалкунанда бозид. Қарори мазкур ба андешаи мо на танҳо фаъолияти соҳаро ба меъёрҳои байналмилалӣ боз ҳам мутобиқ намуд, балки ба рушди бисёр масъалаҳои судӣ, аз ҷумла барои беҳтар гардидани сифати санадҳои судӣ, ки барои ҷомеа хеле муҳим мебошанд, мусоидат кард. Ин тадбирҳоро метавон «тадбирҳои ислоҳотӣ» дар самти низоми тайёрии номзадҳо ба вазифаи судя, бозомӯзӣ, баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон арзёбӣ намуд.

Яке аз сабабҳое, ки боиси қабули қарори мазкур гардид, камсамар будани тартиби мавҷудаи тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, ба талаботи замона ҷавобгӯ набудани моҳият ва мазмуни нақша ва барномаҳои амалкунандаи таълимӣ, усули ташкили тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, мавҷуд набудани алоқаи байни ҷараёни таълим бо таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ, низоми ташкили ғайримақсадноки таҷрибаомӯзии номзадҳо ба вазифаи судя, заминаи кӯҳнаи таълимию методӣ ва набудани робитаи зич байни фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва раванди таълим бо таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ мебошанд. Ба ибораи дигар метавон гуфт, ки меъёрҳои қарори мазкур дар фаъолияти Мактаби Олӣ дар самти таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ҳамчун як механизми ислоҳотӣ ва самаранок хизмат намуд ва он албатта ба беҳтар гаштани фаъолияти суд мусоидат кард.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон Мактаби Олии адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон (минбаъд - Мактаби Олии адолати судӣ) фаъолият мекунад. Он муассисаи давлатӣ буда, масъули гузаронидани такмили ихтисоси судяҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, кормандони дастгоҳи судҳо, Департаменти судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ва омӯзиши довталабон ба вазифаи судя мебошад.

Мактаби Олии адолати судӣ фаъолияти худро дар асоси Низомнома ба роҳ мемонад, ки он аз 11 боб ва зербобҳо иборат мебошад. Низомномаи мазкур аз ҷониби Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 31 январи соли 2017, № 16 қабул гардида, бо қарори Шурои судяҳо тасдиқ гардидааст.

Қаблан дар Қирғизистон Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон амал мекард, ки он моҳи феврали соли 1998 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи чораҳои таъмини фаъолияти низоми судии Ҷумҳурии Қирғизистон» дар назди Вазорати адлия таъсис дода шуда буд. Минбаъд бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи Департаменти судии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 21 апрели соли 2008, ПП № 143, Департаменти судӣ аз тобеияти Вазорати адлия бароварда шуда, ба Маркази таълими судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон табдил дода шуд.

Сипас дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 5 августи соли 2016, №165 Маркази таълими судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон ба Мактаби Олии адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон табдил дода шуд.

Таъсиси Мактаби Олии адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон дар баробари талаботи замон будан, инчунин натиҷаи иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи чораҳои

такмил додани адолати судӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 8 августи соли 2012, №147 ва Барномаи мақсадноки давлатӣ «Дар бораи рушди низоми судии Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2014-2017», ки бо қарори Жогорку Кенешаи Ҷумҳурии Қирғизистон аз 25 июни соли 2014 №4267-V тасдиқ шудааст, мебошад. Дар барномаи мазкур ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми судӣ бо назардошти талаботи ҷомеа ба судяҳои ботаҷриба ва малакаи баланди касбидошта нишон дода шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои Мактаби Олии адолати судӣ дар баробари ташкили раванди такмили ихтисоси судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо аз инҳо иборат мебошад:

- гузаронидани тадқиқот оид ба масъалаҳои мубрами баамалбарории адолати судӣ;

- рушди фаъолияти таълимӣ ва илмӣ, инчунин асосҳои моддӣ-техникӣ ва методӣ барои амалигардонии самараноки фаъолияти оинномавӣ;

- таҳияи лоиҳаи стратегияҳо (кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат) оид ба такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони низоми судӣ;

- интишор ва нашри маводи таълимию методӣ, ки дар ҷараёни фаъолият таҳия шудаанд;

- ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, аз ҷумла таҳқиқоти байналмилалӣ, таҳлилӣ оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ислоҳоти судӣ ва ҳуқуқӣ;

- амалӣ намудани ҳамкорӣ бо муассисаҳои ҳуқуқӣ, илмӣ ва таълимии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар соҳаи такмили ихтисоси кормандони низоми судӣ;

- иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ;

- такмил додани низоми раванди таълим, ҷорӣ намудани технологияҳои навтарини таълимӣ ва иттилоотӣ, беҳтар намудани заминаи моддию техникии Мактаби Олии адолати судӣ[173].

Тартиби ташкили фаъолияти таълимии Мактаби Олии адолати судиро Низомномаи он ба танзим медарорад. Низомнома дар бораи тартиби такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони низоми судӣ ва барномаҳои таълимӣ аз ҷониби Шурои судяҳо дар мувофиқа бо Раиси Суди Олӣ тасдиқ карда мешавад.

Мактаби Олии адолати судӣ дар фаъолияти худ ба Раиси Суди Олӣ ва Шурои Олии судяҳо ҳисобот медиҳад. Кормандони Мактаби Олии адолати судӣ ба истиснои ҳайати омӯзгорон, кормандони техникӣ ва кормандони хурди хизматрасонӣ, хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Ниҳоде, ки масъалаи таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба он вогузор карда шудааст, Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон» (минбаъд – Академияи адолати судӣ) мебошад. Он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 18 феврали соли 2016 № 198 «Дар бораи ташкили Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон» таъсис дода шудааст. Фаъолияти Академияро «Низомнома»-и он ба танзим медарорад.

Ниҳоди мазкур дар давраҳои зерини таърихӣ бо чунин шаклгирӣ инкишоф ва такомул ёфтааст:

- то соли 1994 дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон;

- аз соли 1994 то 1997 - Академияи давлатии ҳуқуқшиносии Қазоқистон;

---

[173] Ниг.: Устав Государственного учреждения Высшая школа правосудия при Верховном суде Кыргызской Республики. Согласовано Решением Совета судей Кыргызской Республики от 31 января 2017 года. Утверждено Приказом председателя Верховного суда Кыргызской Республики от 31 января 2017 года № 16.

- аз 4 декабри соли 2001 то 30 сентябри 2003- Институти такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони низоми судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон;

- аз 30 сентябри 2003 то 31 майи соли 2005 - Академияи судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон;

- аз 31 майи соли 2005 то 18 феврали соли 2016 - Институти адолати судии назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон;

- аз 18 феврали соли 2016 то ҳоло - Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон».

Тавре аз давраҳои инкишоф ва фаъолияти муассисаҳои таълимии судяҳои Қазоқистон бармеояд, онҳо фаъолияти хешро таҳти сохторҳои мухталиф ба роҳ монда омаданд. Аз соли 1994 муассисаи такмили ихтисос аз тобеияти Вазорати адлия, ки шохаи ҳокимияти иҷроия маҳсуб меёфт, бароварда шуда, соли 2001 то 31 майи соли 2005 ба ҳайати низоми судӣ дароварда мешавад. Ин худ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва моҳияти муассисаи таълимии судяҳо мувофиқ буд, вале бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 31 майи соли 2005 № 1583 «Дар бораи чораҳои боз ҳам беҳтар намудани тайёрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон» он ҳамчун Институти адолати судӣ, дар ҳайати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон таъсис дода мешавад, ки то соли 2016 фаъолияти хешро идома медиҳад. Танҳо соли 2016 дар асоси «Нақшаи миллӣ - 100 қадами мушаххас оид ба татбиқи панҷислоҳоти институтсионалии Сарвари давлат Н. Назарбоев», ки дар қадами 18-уми он ҷудошавии Институти адолати судӣ аз сохтори Академияи идоракунии давлатӣ бо мақсади мустаҳкам намудани робитаи таълим ва таҷрибаи судӣ ва фаъолияти он дар назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ шуда буд, Фармони Президенти Ҷумҳурии

Қазоқистон аз 18 феврали соли 2016, № 198 амалӣ гардида, он ба сохтори судӣ ҳамчун «Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон» ворид карда шуд.

Мақсад аз таҳлили таърихии сохтори Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон муайян намудани самаранокии фаъолияти он ва зери тобеияти мақоми муайяннамудаи меъёрҳои байналмилалӣ қарор доштани он мебошад. Зери тобеияти мақоми судӣ фаъолият намудани муассисаҳои таълимии судяҳоро як қатор санадҳои байналмилаливу таҷрибаи давлатҳои аврупоӣ тавсия додаанд, аз ҷумла Хулосаи №1 ШМСА ва Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо.

Тавре мушоҳида мешавад, дар рушд ва инкишофи муассисаҳои таълимии судяҳои давлатҳои таҳқиқшаванда умумият дида мешавад. Ин умумият аз он иборат аст, ки ҳамаи давлатҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла Тоҷикистон фаъолияти хешро зери тобеияти Вазорати адлия ба роҳ монда буданд. Дар таҷрибаи Қазоқистон дар доираи барномаи миллии ин давлат аз тобеияти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон баровардани муассисаи таълимии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ва ба тобеияти мақомоти судӣ вогузор намудани он мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва таъмини мустақилияти чунин муассисаҳо мебошад. Ҳоло ҳам дар амалия таклифҳои ба тобеияти Академияи идоракунии давлатӣ додани муассисаҳои таълимии судяҳоро мушоҳида намудан мумкин аст, вале таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳои таҳқиқшаванда, пеш аз ҳама Қазоқистон нишон медиҳад, ки чунин муассисаҳо бояд танҳо дар сохтори мақоми олии судӣ фаъолият намоянд.

Вазифаҳои Академияи адолати судӣ мутобиқи Низомнома аз инҳо иборат мебошад:

- амалӣ намудани бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо, кормандони низоми судӣ, иҷрочиёни судӣ, адвокатҳо, нотариусҳо,

медиаторҳо, равоншиносон, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар ташкилотҳо;

- амалӣ намудани фаъолияти илмӣ (амалӣ намудани тадқиқотҳои илмӣ, сотсиологӣ ва корҳои иттилоотию таҳлилӣ дар соҳаи фаъолияти судӣ ва иҷрои санадҳои судӣ, ворид намудани натиҷаҳои онҳо ба қонунгузорӣ ва раванди таълими назариявӣ ва амалӣ);
- иштирок дар таъминоти илмӣ ва методии фаъолияти мақомоти судӣ;
- иштирок дар таҳия ва татбиқи консепсияҳо, таълимот, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ, нақшаҳо ва фаъолият дар соҳаи низоми судӣ;
- иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди онҳо;
- гузаронидани экспертизаи илмии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- ҳамкорӣ ва робита бо мақомоти давлатӣ, бо илму маориф ва дигар ташкилоту муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар амалисозии корҳои илмӣ, таълимӣ ва таълимӣ-методӣ;
- пешбурди фаъолияти нашриёт ва полиграфия;
- таҳияи барномаҳо ва захираҳои интернетӣ, ки ба автоматикунонии раванди таълим, таҳқиқот ва китобхона нигаронида шудаанд ва ғайра[174].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти Академияи адолати судӣ аз муассисаҳои таълимии судяҳои дигар давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон аз он иборат аст, ки он ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар баробари судяҳо ва кормандони низоми судӣ, инчунин иҷрочиёни хусусӣ, адвокатҳо, нотариусҳо, медиаторҳо, равоншиносон, хизматчиёни

[174] Ниг.: Устав Республиканского государственного учреждения «Академия правосудия при Верховном Суде Республики Казахстан» Утвержден распоряжением Председателя Верховного Суда Республики Казахстан от «18» марта 2020 года, № 6001-20-7-4/65 УСТАВ республиканского государственного учреждения «Академия правосудия при Верховном Суде Республики Казахстан».

давлатӣ ва кормандони дигар ташкилотҳоро низ фаро мегирад. Чунин муттаҳидсозии таълим ва тайёр намудани якчанд касбҳо ба ақидаи мо аз он ҷиҳат аст, ки фаъолияти касбҳои мазкур ба фаъолияти ҳокимияти судӣ, инчунин адолати судӣ ба андозаи салоҳиятҳои онҳо алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, мо ба он назарем, ки фаъолияти иҷрочиёни суд ва адвокатҳоро бе алоқамандӣ бо суд тасаввур кардан ғайриимкон аст ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди татбиқ қарор дода шудани ин таҷриба аз манфиат холӣ нест.

Тавре омӯзиши таҷрибаи Академияи адолати судӣ нишон медиҳад, дар самтҳои сотсиология, иттилоот, фаъолияти судӣ, иҷрои санадҳои судӣ, ворид намудани натиҷаҳои тадқиқот ба қонунгузорӣ ва раванди таълими назариявӣ ва амалӣ анҷом дода шудани корҳои таҳлилӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ на танҳо ба баланд гаштани сифати таълим ва такмили ихтисос, балки ба васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ, малакаи касбӣ ва диди судяҳо мусоидат менамояд.

Дар Федератсияи Россия муассисаи федералии давлатии таълимии буҷавии маълумоти олии Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия (минбаъд - Донишгоҳ) (то соли 2014  Академияи адолати судии Россия) ҳамчун муассисаи ғайритиҷоратии ягона амал намуда, фаъолияти таълимию илмиро амалӣ менамояд. Мувофиқи Қонуни федералии конститутсионӣ аз 5 феврали соли 2014, № 3-ФКЗ «Дар бораи Суди Олии Федератсияи Россия» ва Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 25 июли соли 2014, № 529 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ва беэътибор донистани баъзе санадҳои Президенти Федератсияи Россия» муассиси донишгоҳ аз 6 августи соли 2014 инҷониб Суди Олии Федератсияи Россия мебошад.

Мақсадҳои фаъолияти донишгоҳ аз инҳо иборат мебошанд:

- амалӣ намудани барномаҳои касбии такмили ихтисоси судяҳои судҳои федералӣ ва субъектони Федератсияи Россия, кормандони дастгоҳҳои судҳо, инчунин мақомот ва раёсатҳои Департаменти судии

назди Суди Олии Федератсияи Россия; бозомӯзии касбии судяҳо, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудаанд, инчунин дигар барномаҳои иловагии касбӣ;

- тайёр кардани кадрҳои баландихтисос аз рӯйи барномаҳои таълимии маълумоти олӣ ва тамоми самтҳои фаъолияти босамари ҷамъиятӣ мутобиқи талаботи ҷомеа ва давлат;

- тайёр кардани мутахассисони дараҷаи миёна аз рӯйи барномаҳои таълимии маълумоти миёнаи касбӣ тибқи эҳтиёҷоти ҷамъият ва давлат;

- амалӣ гардонидани барномаҳои таълимии асосӣ ва иловагӣ;

- татбиқ намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади ба даст овардани донишҳои боэътимод дар соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод, истифода намудани натиҷаҳои бадастомада дар ҳуқуқтатбиқсозӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҷараёни таълим, ташаккули институтҳои ҳокимияти судӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;

- амалӣ намудани барномаҳое, ки ба тайёрии кадрҳои самтҳои афзалиятноки рушди илм нигаронида шудаанд;

- мусоидат намудан ба ҳамгироии илм ва маориф дар фазои тадқиқотӣ-илмӣ ва таълимии байналмилалӣ;

- табъ ва интишори таҷрибаи таълимӣ тавассути нашри монографияҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ бо забонҳои русӣ ва хориҷӣ;

- паҳн кардани дониш дар байни аҳолӣ бо мақсади баланд бардоштани
сатҳи маърифат ва фарҳанги он ва ғайра (боби I. 1.1-1.18)[175].

Қайд кардан ба маврид аст, ки вазифаҳои дар назди Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия гузошташуда, назар ба дигар муассисаҳои таълимии судяҳои давлатҳои таҳқиқшаванда васеътар мебошанд, зеро онҳо на танҳо таълим, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси судяҳо, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, амалисозии

[175] Ниг.: Устав Федерального государственного бюджетного образовательного учреждения высшего образования “Российский государственный университет правосудия”. Утвержден приказом Председателя Верховного Суда Российской Федерации от 16 ноября 2020 г. № 56-п.

барномаҳои илмӣ-тадқиқотии соҳаи мақомоти судӣ, балки масъалаҳои таъмини кадрии соҳаи илм ва таълим, ҳамгироии илм ва маориф дар фазои тадқиқотӣ-илмӣ ва таълимии байналмилалӣ, татбиқи барномаҳои таълими ҳарбӣ ва омӯзиши низомии донишҷӯён дар маркази таълими ҳарбӣ, нашр ва интишори таҷрибаи таълимӣ тавассути нашри монографияҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, паҳн кардани дониш дар байни аҳолӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифат ва фарҳангро дар бар мегирад.

Донишгоҳ дар масъалаи ташаккули сохтори худ мустақил буда, он аз филиалҳо, марказҳо, факултетҳо, шуъбаҳо, нашриёт, китобхонаҳо, редаксияҳои маҷаллаҳо, меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо, марказҳои фароғатӣ, инчунин дигар сохторҳои воҳидҳои таълимӣ, илмӣ, методӣ, иттилоотӣ ва таҳлилӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия пешбинӣ менамоянд, иборат мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 13 марти соли 2019, № 427-р дар назди Донишгоҳ Маркази таълими ҳарбӣ таъсис дода шудааст ва он метавонад аз кафедраҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳо иборат бошад.

Филиалҳои Донишгоҳ шахсони ҳуқуқӣ набуда, онҳо дар асоси фармонҳои раиси Суди Олӣ ва Суди Олии ҳакамии Федератсияи Россия таъсис дода шуда, тибқи оинномаи Донишгоҳ ва низомномаи аз ҷониби ректор тасдиқшуда фаъолият менамоянд (Боби II. 2.1.-2.8).

Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия аз 9 факултет, 23 кафедра, 11 шуъба ва дигар марказҳои таҳқиқотии илмӣ иборат буда, дар ҳудуди Федератсия 12 филиал ва намояндагӣ дорад. Дар байни устодони Донишгоҳ намояндагони мақомоти давлатӣ, инчунин ҳуқуқшиносон, иқтисодчиён ва олимони маъруфи сатҳи байналмилалӣ низ ҳастанд. Айни замон дар донишгоҳи мазкур 22 000 донишҷӯ таҳсил мекунанд ва ҳамасола дар ин муассиса зиёда аз 5000 кормандони

ҳокимияти судӣ курсҳои такмили ихтисос мегузаранд. Қайд кардан зарур аст, ки дар Федератсияи Россия зиёда аз 22 ҳазор судяҳо кор ва фаъолият намуда истодаанд, аз ин лиҳоз баҳри пурра таъмин кардани ҳокимияти судӣ бо кадрҳои баландихтисос Донишгоҳи тахассусии мазкур таъсис дода шудааст.

Идоракунии Донишгоҳ дар асоси ҳамоҳангсозии принсипи фардӣ ва коллегиалӣ амалӣ карда шуда, Суди Олӣ ҳамчун муассис фаъолияти донишгоҳро назорат мекунад, ректори онро дар асоси интихоби коргарони Конфронс тасдиқ ва дар мувофиқа бо Конфронс аз вазифа озод менамояд (Боби III. 3.1.-3.2.9).

Мақоми олии идоракунии коллегиалӣ Конфронси кормандон ва хонандагони Донишгоҳ (минбаъд Конфронс) мебошад, ки он ваколатҳои зеринро дорост:

- оинномаи донишгоҳ ва тағйиру иловаҳо ба онро қабул мекунад, ректор ва президентро интихоб мекунад, шумораи аъзои Шурои олимонро муайян ва интихоб мекунад.

Шурои олимон дар донишгоҳ мақоми доимии роҳбарикунандаи коллегиалӣ мебошад, ки он идоракунии умумии Донишгоҳро амалӣ менамояд.[176].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки муассисаҳои таълимии судяҳои ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба мақоми олии судӣ ҳисоботдиҳанда мебошанд, ки чунин шакли фаъолият ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Дар асоси таҳқиқи таҷрибаи муассисаҳои таълимии судяҳои давлатҳои таҳқиқшаванда ва таҷрибаи байналмилалӣ чунин пешниҳод менамоем:

1) Вобаста ба тартиби давраҳои баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо дар таҷрибаи Қазоқистон

---

[176] Ниг.: Устав Федерального государственного бюджетного образовательного учреждения высшего образования “Российский государственный университет правосудия”. Утвержден приказом Председателя Верховного Суда Российской Федерации от 16 ноября 2020 г. № 56-п.

ва Қирғизистон Низомномаи алоҳида оид ба такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо амал менамояд. Бинобар ин мувофиқи мақсад аст, ки ин таҷриба дар Тоҷикистон низ амалӣ карда шавад;

2) Пешниҳод мегардад, ки номзадҳои ба вазифаи судя пешбаришаванда ва коромӯз-судяҳо мисли таҷрибаи Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Қазоқистон, ИМА ва ғайра бо мақсади шинос гардидани фаъолияти адвокатӣ ва принсипҳои фаъолияти онҳо ба як давраи муайяни таҷрибаомӯзӣ ба мақомоти прокуратура ва адвокатура низ сафарбар карда шаванд, зеро барои судя шиносоӣ бо моҳияти фаъолияти ин мақомот хело муҳим мебошад.

## 2.2. Асосҳои ҳуқуқии таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъминоти ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва методии раванди таълим дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асосҳои ҳуқуқии таълим ва такмили ихтисоси судяҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи коромӯз-судяҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медароранд.

Мувофиқи талаботи қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» судя дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифта мешавад. Ба такмили ихтисос фаро гирифта шудани судя маънои баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусии судяро дошта, он аз мукаммал гардонидани донишу таҷрибаи судя дар самти аз бар намудани меъёрҳои моддию мурофиавӣ ва таҷрибаи амалкунандаи судӣ иборат мебошад.

Тавре ба мо маълум аст, дар замони муосир зарурати таълим ва такмили ихтисоси судяҳо вобаста ба вазифаҳое, ки дар назди суд гузошта шудааст, боло меравад. Масъалаҳои баҳсталаб ва мушкили гуногунсоҳае, ки судяҳо дар мурофиаҳои судӣ баррасӣ менамоянд, тақозо менамояд, ки усули таълим ва шаклҳои амалинамоии он барои ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мувофиқ бошанд. Агар мо усулҳои муосири таълимро дар раванди тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо ба роҳ намонем, он гоҳ аз масъалаҳои дар суд баррасишавандае, ки бинобар пайдо шудани муносибатҳои нав ба миён меоянд, дур монданамон мумкин аст. Маҳз ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклу усулҳои нави таълим бо истифода аз технологияи муосир ва интихоби

мавзуъҳои баҳсталабу мушкил ба мо имконият медиҳад, ки ба таълим ва такмили ихтисос сифату самара бахшем. Чунин тартиби барноматаҳиясозӣ ба судяҳо низ имконият медиҳад, ки мушкилиҳои дар фаъолияташон ҷойдоштаро ҳаллу фасл намуда, санадҳои судии қонунӣ, асоснок, одилона ва воқеӣ қабул намоянд.

Бозомӯзӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисони амалкунанда аз таълими аввалия аз рӯйи равиш, шакл ва аз ҳама муҳим аз рӯйи мақсаднокӣ ва ҳадафҳо ба куллӣ фарқ менамояд. «Мақсади асосии таълими касбӣ ин фақат масъалаи аз худ намудани дониш, маҳорат ва таҷрибаи омӯзондашаванда иборат нест, ин танҳо як тарафи «мусаллаҳшавӣ» мебошад, балки он аз бар намудани фаъолияти мукаммали касбӣ ва инкишофи умумӣ ва касбии шахсияти ӯст» - мегӯяд Т. Леонтьева[177].

Судя набояд одаме бошад, ки донишаш фақат дар илми ҳуқуқшиносӣ маҳдуд бошад, балки ӯ аз лиҳози ҷаҳонбинии васеъ, дониши чуқури фалсафӣ, психологӣ ва дигар илмҳо фарқ кунад[178].

Мо ақидаи ин олимонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар навбати худ чунин меҳисобем, ки доштани ҷаҳонбинии васеъ ва дониши ҳаматарафаи судя асос барои самаранок гаштани фаъолияти судя, қабули санадҳои судии асоснок, қонунӣ, воқеӣ, боадолатона ва дар ниҳояти кор барои баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ниҳодҳои таълимии судяҳо бояд ба ҳамаҷониба тайёр намудани номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя ва мукаммал гардонидани таълими судяҳои амалкунанда кӯшиш ба харҷ дода шавад. Илова бар ин, такмили ихтисос ин маънои такмил додани донишҳои назариявӣ ва амалӣ, ҷаҳонбинии васеъ, гуногунсоҳа ва мутобиқ намудани эътибори касбӣ ва шахсияти судя ба талаботи масъулияти касби бошарафи судягӣ ва ҷомеа мебошад.

---

[177] Леонтьева Т. Университетский комплекс непрерывного профессионального образования // Высшее образование в России. – 2005. – № 4. – С. 68.

[178] Ниг.: Жукова Н.К. Подготовка и повышение квалификации судей: сравнительный анализ законодательства России, Казахстана и Белоруссии // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2015. – № 2 (32). – С. 177-183.

Тавре дар қисмати таҷрибаи байналмилалӣ қайд намуда будем, дар ҷаҳон меъёри ягонаи омода намудани барномаҳои таълимии судяҳо ва такмили ихтисоси онҳо мавҷуд нест, чунки масъала хеле фаррох буда, ба як принсип ва як талабот мувофиқ гардонидани он ғайриимкон аст. Дар таҷрибаи миллӣ низ меъёри ягонаи амалӣ намудани раванди таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо, усули ягона ва мушаххаси пешбурди он то ҳануз ҷой надорад.

Албатта, дар Тоҷикистон Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 қабул гардидааст. Гарчанде паҳн гардидани амали он нисбати марказҳои такмили ихтисос қайд гардида бошад ҳам, вале нисбати муассисаҳои таълим ва такмили ихтисоси назди мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ишора нагардидааст. Мо бар он ақидаем, ки Консепсияи таҳсилоти муттасил пажуҳиши алоҳидаро талаб мекунад. Дар ҳар сурат мо метавонем аснои амалигардонии таълим ва такмили ихтисоси судяҳо аз баъзе мафҳум ва меъёрҳои ба фаъолият алоқаманди Консепсияи мазкур мақсаднок истифода барем.

Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти муттасил ва таъсиси низоми тағйирпазир ва аз ҷиҳати самту сатҳҳо гуногун равона карда шудааст, ки ҷавобгӯи манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои шаҳрвандони қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба вазифаҳои ташаккули ҷомеаи ба донишҳо асосёфта ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунад.

Дар айни замон, ҳамаи давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳон барномаи ташаккули низоми таҳсилоти муттасилро амалӣ месозанд (аз ҷумла, таълим дар тамоми тӯли ҳаёт). Кишварҳои рушдёфта тавонистанд, ки иштироки оммавии аҳолии калонсолро дар барномаҳои таълимӣ ва

омӯзишӣ таъмин намуда, раванди устувору мусбатро дар ин самт ба даст оранд[179].

Ин ҳадафҳои созанда моро водор менамояд, ки таълими муттасил ва такмили ихтисоси самараноки судяҳо, коромӯз-судяҳо ва дигар кормандони мақомоти судиро бо усулҳои таълимии муосир ва бо истифода аз маводи судии барои фаъолият аҳаммиятдошта ва технологияҳои рақамӣ ба роҳ монем.

Раванди ташкили таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, коромӯз-судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ аз ҷониби Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Тибқи таҳлилҳои мо марҳилаҳои такмили ихтисоси судяҳоро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба се давра ҷудо кардан мумкин аст:

- давраи такмили ихтисоси судяҳо дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2003);

- давраи такмили ихтисоси судяҳо дар Маркази таълимии судяҳои назди Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003-2016);

- давраи такмили ихтисоси судяҳо дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 2016 то ҳоло).

Бояд қайд кард, ки дар давраи аввал ваколати гузаронидани такмили ихтисосро Институти такмили ихтисоси кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, кормандони мақомоти адлия ва шуъбаҳои ҳуқуқии корхона, муассиса ва ташкилотҳои назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дошт.

Баъдан Маркази таълимии судяҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2003, №150 «Дар бораи таъсиси Маркази таълимии судяҳо дар назди Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

---

[179] Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 январи соли 2017, № 28 қабул гардидааст, бандҳои 3, 13 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 13.06.2021).

таъсис дода шуда, минбаъд тибқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июли соли 2016 воридгардида ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2016, №699 «Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории хизматчиёни давлатии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Маркази таълимии судяҳо) табдил дода шуд.

Маркази таълимии судяҳо ягона ниҳод дар назди мақоми олии судии ҷумҳурӣ мебошад, ки ташкили давраҳои такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро амалӣ мегардонад. Вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, салоҳият, вазифа ва тартиби фаъолияти онро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон[180], Низомнома дар бораи коромӯз-судяҳо[181] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.

Дар 5 соли охир (2018-2022) дар Маркази таълимии судяҳо 843 нафар судяҳо, 479 нафар кормандони дастгоҳи судҳо ба такмили ихтисос ҷалб гардида, 122 нафар коромӯз-судяҳо ба бозомӯзии яксола фаро гирифта шудаанд.[182].

Дар ҷумҳурӣ фақат як ниҳоди такмили ихтисос барои судҳои чумҳурӣ ҳамчун Маркази таълимии судяҳо амал кунад ҳам, қонунгузор ба тариқи возеҳ дар бар гирифтани судяҳои Суди Олии иқтисодӣ ва Суди конститутсиониро муқаррар накардааст ва ин муқаррарот дар қонунгузорӣ дар таъбири тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи

[180] Ниг.: Низомномаи Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.02.2018, № 5 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj (санаи муроҷиат: 1.01.2020).
[181] Ниг.: Низомнома дар бораи коромӯз-судяҳо ки бо Фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2017, № 44 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj (санаи муроҷиат: 1.01.2020).
[182] Ниг.: Ҳисоботҳои омории Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2003-2020. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj(санаи муроҷиат: 13.04.2021).

судҳои ҷумҳурӣ ифода ёфтааст. Чунин ҳолат духурагии қонунгузориро ба миён оварда, сабаби номуайянӣ дар фаъолият ва баҳс дар қисмати фаро гирифта шудан ва ё нашудани судяҳои Суди конститутсионӣ ва Суди Олии иқтисодиро ба миён овардааст. Ҳамин аст, ки дар банди 5 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 ба такмили ихтисос фаро гирифтани кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ ва Суди Олии иқтисодӣ иловатан масъалагузорӣ карда шуда буд.

Дар амалия ҷомеаи судяҳо ва коромӯз-судяҳо аксаран аз ҳисоби кормандони суд, аз ҷумла кормандони судҳои иқтисодӣ ва Суди конститутсионӣ пурра мешавад. Дар ин замина баъзан талаботи моддаи 109 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи ба такмили ихтисос фаро гирифтани кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби намояндагони баъзе низоми судӣ мавриди баҳс қарор дода мешавад, ки номи суди онҳо мушаххас дар қонунгузории соҳавӣ нишон дода нашудааст. Масъалаи дар кадом муҳлат ба такмили ихтисос фаро гирифта шудани кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ дар қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти судҳо муайян нагардида, он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматӣ давлатӣ» муқаррар гардидааст. Маркази таълимии судяҳо дар ин самти фаъолият қонуни мазкурро зери роҳбарӣ мегирад ва дар се сол як маротиба кормандони дастгоҳи судҳо ба такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд. Мувофиқи мақсад мебуд, агар.муҳлати ба такмили ихтисос фаро гирифта шудани кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ дар қонуни соҳавӣ муқаррар карда мешуд.

Сохтор ва тартиби ташкили идоракунии Маркази таълимии судяҳоро боби 2 Низомномаи он муқаррар менамояд.

Маркази таълимии судяҳо аз Директор, муовини ӯ, ду нафар сармутахассис, ду нафар мутахассиси пешбар ва мутахассис, яъне 7 воҳиди асосии корӣ иборат мебошад.

Директори Маркази таълимии судяҳо бо пешниҳоди Раиси Суди Олӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2016, №794 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 15 августи соли 2015, № 737 тасдиқ шудааст, Директори Маркази таълимии судяҳо тибқи феҳристи мансабҳои хизмати давлатӣ ба категорияи олии мансабҳои хизмати давлатӣ мансуб мебошад.

Дигар кормандони Маркази таълимии судяҳо, аз ҷумла муовини директор бо пешниҳоди Директори Маркази таълимии судяҳо аз ҷониби Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

Директор роҳбарии умумии Маркази таълимии судяҳоро амалӣ менамояд.

Дар Маркази таълимии судяҳо Шурои ҳамоҳангсоз фаъолият менамояд, ки аз 5 аъзо иборат аст. Аъзои онро директори Маркази таълимии судяҳо, намояндагони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ташкил медиҳад. Раисии Шурои ҳамоҳангсозро Директори Маркази таълимии судяҳо ба уҳда дошта, ҳайати Шурои ҳамоҳангсоз бо пешниҳоди Директор аз ҷониби Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Шурои ҳамоҳангсоз нақшаҳои солона, барномаҳои таълимии судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо, қабул ва хориҷ намудани узви Шурои ҳамоҳангсоз, нақшаю пешниҳодҳои Шурои таълимӣ-машваратӣ, ҳайати Шурои таълимӣ-машваратӣ, ҳисоботи солонаи фаъолияти Маркази таълимии судяҳо, инчунин дигар масъалаҳои самти фаъолиятро бо пешниҳоди Директори Маркази таълимии судяҳо баррасӣ ва тасдиқ менамояд. Маҷлисҳои Шурои ҳамоҳангсоз дар сурати зарурат, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол гузаронида мешавад.

Директори Маркази таълимии судяҳо бо ташаббуси худ ё бо дархости аз се ду ҳиссаи аъзои Шурои ҳамоҳангсоз метавонад маҷлиси Шурои ҳамоҳангсозро даъват намояд.

Бо мақсади ба амал баровардани ҳадафҳои Маркази таълимии судяҳо, ки дар Низомнома пешбинӣ шудаанд, Шурои таьлимӣ-машваратӣ дар ҳайати 7 аъзо, аз ҳисоби олимон-ҳуқуқшиносон, судяҳо ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқ фаъолият менамояд.

Маркази таълимии судяҳо дар асоси талаботи боби 3 Низомнома мақсад ва вазифҳои зеринро амалӣ менамояд:

- мусоидат намудан ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр намудан ва бозомӯзии номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо, ба амал баровардани такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ;

- дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифтани судяҳои Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе;

- дар се сол як маротиба ба такмили ихтисос ҷалб намудани кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ;

- ташкил ва гузаронидани мониторинг вобаста ба барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;

- таҳияи нақшаҳои таълимии такмили ихтисос ва бозомӯзии судяҳо, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя ва кормандони дастгоҳи судҳо, оид ба мавзуҳое, ки аз қонунгузориҳои мурофиавӣ, моддии миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон бармеомада;

- ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимии назариявӣ, амалӣ, таҷрибаомӯзӣ, мизҳои мудаввар, конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва ғайраҳо;

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Маркази таълимӣ ташкил ва таъмини раванди таълим мебошад, ки он дар амалҳои зерин ифода меёбад (Боби 4):

- амалӣ намудани нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ;

- ба роҳ мондани машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ бо истифода аз воситаҳои аёнӣ ва замонавии техникӣ;

- ҷалб намудани ҳайати устодон аз ҳисоби судяҳои собиқадор, дар истеъфо ва нафақабуда, ҳайати омӯзгорӣ-профессории муассисаҳои таҳсилоти олии таълимӣ ва дигар мутахассисони таҷрибадори соҳа[183].

Сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ташкилӣ ва молумулкии Маркази таълимии судяҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, молу мулк ва воситаҳои пулие, ки аз тарафи ташкилотҳои маҳаллӣ, ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ дода шудаанд ва дигар воситаҳои молиявие, ки дар асоси меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардидаанд, сурат мегирад.

Бозомӯзии коромӯз-судяҳо дар фаъолияти Маркази таълимии судяҳо мақоми махсусро ишғол менамояд. Таъминоти моддии коромӯз-судя дар сатҳи сармутахассиси Маркази таълимии судяҳо муайян карда шудааст.

Муҳлати фаъолияти коромӯз-судя як сол буда, он аз давраҳои таълимии назариявию амалӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар судҳои ҷумҳурӣ иборат мебошад.

Дар амалия фаъолияти тайёрии яксолаи коромӯз-судяҳо дар асоси барномаи таълимии давравӣ, ки он дар ҷаласаи васеи Шурои ҳамоҳангсози Маркази таълимии судяҳо дар мувофиқа бо Раиси Суди Олӣ тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад. Барнома аз давраҳои таълимии назариявӣ оид ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ, мурофиаи конститутсионӣ, гражданӣ, мурофиавии гражданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиавии маъмурӣ, мурофиаи иқтисодӣ ва ҳарбӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмиллалӣ иборат мебошад.

---

[183] Ниг.: Низомномаи Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.02.2018, № 5 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj (санаи муроҷиат: 1.01.2020).

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва самаранокии он устодон аз ҳисоби судяҳои ботаҷриба ва собиқадори Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда мешаванд.

Баъди анҷоми ҳар як давраи таълими назариявӣ аз ҷониби Маркази таълимии судяҳо саволномаҳои санҷишӣ дар шакли хаттӣ таҳия гардида, натиҷаи фаъолияти назариявии коромӯз-судяҳо аз ҷониби комиссия дар ҳайати судяҳои Суди Олӣ ва кормандони Маркази таълимии судяҳо дар шакли билет иборат аз 5 савол натиҷагирӣ карда мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбии коромӯз-судяҳо ҷиҳати анҷом додани таҷрибаомӯзӣ ба судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда мешаванд. Фаъолияти таҷрибаомӯзии онҳо дар судҳо дар шакли ҳисобот ва рӯзнома ҷамъбаст гардида, дар баробари ин онҳо вобаста ба парвандаҳои судӣ лоиҳаҳои санадҳои судиро бо риояи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ таҳия намуда, онҳоро дар назди устодон асоснок ва ҳимоя менамоянд.

Машғулиятҳои таълимӣ барои коромӯз-судя ба тариқи лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ, мубоҳисаҳо, корҳои гуруҳӣ, гузаронидани мурофиаҳои судии таълимӣ бо истифода аз усулҳои аёнӣ ва муосир ба роҳ монда мешавад.

Таҷриба нишон дод, ки таълими умумии ҳуқуқшиносӣ барои онҳое, ки бе гузаштан аз мактаби коромӯз-судя ба мансаби судя таъин гардидаанд, барои пешбурди вазифаи судя ба тариқи дахлдор кофӣ нест. Зеро дар таҷриба судяҳое, ки бе гузаштани давраи тайёрӣ мустақиман ба вазифаи судя таъин гардидаанд, дар фаъолияти касбиашон ҳолатҳои зиёди камбудию норасогиҳо вобаста ба сифати санадҳои судӣ мушоҳида мегардад. Бинобар ин солҳои охир мактаби коромӯз-судя таҷрибаи бе таълими касбии махсус интихоб ва таъин гардидани номзад ба вазифаи судяи бори аввал таъиншавандаро қариб аз байн бурд. Дар чаҳор барнома ба таълими ҳуқуқҳои моддию мурофиавӣ фаро гирифта шудани коромӯз-судя ва шиносоӣ бо амалияи судӣ, иштироки бевосита дар

мурофиаҳои судӣ ва таҳияи лоиҳаҳои санадҳои судӣ ба он мусоидат менамояд, ки коромӯз-судя ба фаъолияти минбаъдаи судягӣ ба хубӣ омода гардад. Аз ин лиҳоз, мактаби коромӯз-судяро ҳамчун ниҳоди муваффақи омодагӣ ба фаъолияти судягӣ метавон арзёбӣ намуд.

Мувофиқи Низомнома ба коромӯз-судя вазифа ва уҳдадориҳои зерин вогузор карда шудааст:

- дар машғулиятаҳои таълимӣ, назариявӣ, амалӣ ва таҷрибаомӯзӣ иштирок менамояд;

- бо мақсади баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ ба омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ машғул мешавад;

- интизоми меҳнатро риоя менамояд;

- рӯзнома-ҳисоботро саривақт таҳия намуда, ҳисоботро оид ба таҷрибаомӯзӣ бо тартиби муқарраршуда ба Маркази таълимии судяҳо пешниҳод менамояд;

- вазифаҳои ба машғулиятҳои таълимӣ, назариявӣ, амалӣ ва таҷрибаомӯзӣ вобастабуда, супоришҳои Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва директори Маркази таълимии судяҳоро иҷро менамояд;

-дигар вазифаҳо ва уҳдадориҳоеро, ки аз талаботи қонунгузорӣ бармеояд, иҷро менамояд[184].

Бояд қайд кард, ки бо мақсади муайян намудани самтҳои омӯзиши судяҳо дар такмили ихтисоси бо қонун пешбинигардида, ба талабот ҷавобгӯй будани мазмуни барномаҳои таълимӣ ва расидан ба ҳадафҳои такмили ихтисос, инчунин дарёфти методикаи беҳтари татбиқи барномаҳои таълимии судяҳо зери мавзуи «Мақсади бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо ва расидан ба ҳадафҳои таълимӣ» ҳамасола дар Маркази таълимии судяҳо бо роҳи пурсиши хаттӣ тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2020 тадқиқоти мазкур дар 2 давраи такмили ихтисос бо иштироки 50 нафар судяҳои судҳои умумии

[184] Ниг.: Низомнома дар бораи коромӯз-судяҳо, ки бо Фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2017, № 44 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj (санаи муроҷиат: 2.01.2020).

ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ки ҳар кадоми онҳо аз 3 то 10 сол собиқаи корӣ доштанд, гузаронида шуд.

Илова бар ин, дар анҷоми давраҳои такмили ихтисос ба судяҳо бе нишон додани ному насаб ва мансаби ишғолнамуда варақаҳои назарсанҷӣ (анкета) пешниҳод карда мешавад, ки онҳо фикру андешаҳои хешро воқеъбинона ва холисона оид ба ҷараёни давраи таълимӣ иброз менамоянд. Чунин назарсанҷиҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимии минбаъда, такмил додани методикаи таълим ва ҳалли масъалаҳои дигари марбута ба инобат гирифта мешаванд.

Методикаи пурсиш бо роҳи дар варақаи назарсанҷӣ гузоштани 12 савол гузаронида шуда, ба баъзе саволҳо ҷавобҳои «ҳа», «не», «намедонам» ва ба саволҳои боқимонда, ки ҷавобҳои мушаххасро талаб мекарданд, навиштани посух муқаррар карда мешавад. Чунончи, дар соли 2021 чунин як назарсанҷӣ дар Маркази таълимии судяҳо гузаронида шуд.

Дар варақаҳои назарсанҷӣ ба саволи он ки «Кадоме аз мавзуъҳои семинари мазкур барои Шумо бештар шавқовар ва муфид буд» 60%-и шунавандагон баҳои «аъло», 38% - баҳои «хуб» ва 2% - баҳои «миёна» доданд. Инчунин, ба саволи «Бозомӯзии қонунгузории нав (ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиавии маъмурӣ ва ҳуқуқи меҳантӣ) дар асоси ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 ба Шумо чӣ дод» 68%-меъёрҳои навро азбар кардем, 32%-худро мукаммал сохтем гуфта, ҷавоб доданд.

Ба саволи «Оё такмили ихтисос ба мақсадҳои асосиаш ноил гашт ё «не» 97% - ҳа, 1% - беҷавоб ва 2% - қисман посух дода, ба саволи он ки «Оё тарзи омузондани устодон ба Шумо маъқул шуданд ё «не» 100% ҷавоби «ҳа» доданд ва илова намуданд, ки минбаъд низ судяҳои коллегияҳои судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси устод ҷалб карда шаванд.

Ба саволи «Минбаъд дар оянда, кадом мавзуъҳо ба барномаи такмили ихтисос ворид карда шаванд» 38% - мавзуъҳо вобаста ба амалияи кассатсионии коллегияҳои судии судҳои вилоят ва Суди Олӣ оид ба асосҳои бекоршавии санадҳои судӣ, 30% - мавзуъҳои хариду фурӯши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, манзили истиқоматӣ ва баҳсҳо вобаста ба замин, 20% - мавзуъҳои вобаста ба тақсими мерос, васиятнома, асосҳои бекор кардани онҳо, 12% - мавзуъҳои вобаста ба муносибатҳои қарзии шаҳрвандон ва муносибатҳои бонкӣ, посух доданд.

Дар маҷмуъ ҳамаи шунавандагон мавзуъҳои дар барномаи такмили ихтисос гузошташударо барояшон фоиданок арзёбӣ намуданд, чунки онҳо дар амалияи судӣ донишҳои азхудкардаи мавзуъҳои мазкурро барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо истифода менамоянд.

Таълими тайёрии кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон аз дигар давлатҳо фарқ дошта, ба таҷрибаи Олмон каме шабоҳат дорад. Тавре дар қисмати таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ қайд гардид, таълими касбии Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба таълими ибтидоӣ, таълим дар ҷойи кор барои судяҳои навтаъин ва таълим берун аз ҷойи кор- такмили ихтисос ҷудо мешавад[185].

Раванди таълими касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, онро мо ба давраҳои зерин ҷудо намудем:

1. Таълими ибтидоии касбӣ;
2. Таълими касбии то судягӣ (коромӯз-судя);
3. Таълим дар ҷойи кор;
4. Такмили ихтисос;
5. Таълими иловагӣ.

**Таълими ибтидоии касбӣ -** таълимест, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба танзим дароварда, он ба таълим фаро гирифтани тамоми мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносиро дар

[185] Ниг.: Власов И.С. Назначение на судейскую должность // Судьи в зарубежных странах. Законодательство зарубежных стран. Вып. 2. – М., 1991. – С. 17.

факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Ин салоҳиятро беш аз даҳ донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба уҳда доранд. Вале дар таҷриба на ҳамаи хатмкунандагони соҳаи ҳуқуқшиносии донишгоҳҳо метавонанд дар озмун барои ишғоли мансаби номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя иштирок намоянд. Чунин маҳдудият аз нигоҳи мо ба мақом ва нуфузи донишгоҳҳо ё сатҳи тайёрии касбии хатмкунандагон алоқамандӣ дорад, ки он дар норасоии базаи моддию техникӣ ва ҳайати устодону профессорон ифода мегардад. Аз ҷониби дигар, чунин маҳдудият метавонад ба муҳим ва ҳалкунанда будани фаъолияти судя барои ҷомеа ва масъулияти баланди ӯ дар амалӣ намудани адолати судӣ, ки доштани дониши васеъро тақозо менамояд, алоқамандӣ дошта бошад.

**Таълими касбии то судягӣ (коромӯз-судя)** - таълимест, ки ба он довталаб баъди комёб гаштан дар имтиҳони тахассусӣ, ҳамчун коромӯз-судя муддати як сол дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии назариявӣ, амалӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар судҳо фаро гирифта мешавад ва ин мӯҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мегардад.

**Таълим дар ҷойи кор** - таълимест, ки судяҳои судҳои ҷумҳурӣ (ба истиснои судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ) дар ҷойи кор ба омӯзиши таҷрибаи судии амалкунанда фаро гирифта мешаванд. Таълим дар ҷойи корро ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- омӯзиши мавзуъҳои муайяни душворфаҳм ва мубрами судӣ дар як моҳ як маротиба бо давомнокии як рӯз;
- омӯзиши таҷрибаи фаъолияти коллегияҳои судии Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар 2 сол як маротиба ба мӯҳлати то даҳ рӯз.

**Такмили ихтисос** - таълимест, ки он бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии судя амалӣ карда мешавад. Ба ин намуди таълим фаро гирифтани судяро қонунгузорӣ дар 2 сол як маротиба пешбинӣ менамояд.

**Таълими иловагӣ** - таълимест, ки судя бо қонунҳои нав ва санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалие, ки аз уҳдадориҳои Тоҷикистон бармеоянд ва тавсияҳои Кумитаҳои дахлдори СММ оид ба масъалаҳои ба фаъолияти судҳо ва ҳуқуқи инсон вобастабуда, ба омӯзиш фаро гирифта мешавад.

Дар баробари ин зимни таҳқиқ мо дигар мафҳумҳои ба масъалаҳои таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо алоқамандро чунин баён менамоем:

**Тайёрии касбӣ** ин раванди таълимии мақсаднокест, ки дар рафти он қонунгузории моддию мурофиавӣ ва таҷрибаи судӣ бо мақсади татбиқи минбаъдаи он дар фаъолияти касбӣ аз бар карда мешавад. Дар раванди тайёрии касбӣ дар таҷрибаи судӣ мутахассис ва ё номзади бори аввал ба вазифаи судя пешниҳодшаванда (коромӯз-судя) ба омӯзиши пурраи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ фаро гирифта мешавад. Омӯзиши ин меъёрҳо бо якчанд роҳ, аз ҷумла назариявӣ, амалӣ ва таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешаванд.

**Бозомӯзӣ** ин раванди таълимии кутоҳмуддат ва ё дарозмуддатест, ки бо мақсади омӯзиши меъёрҳои навқабулшуда ва такмили дониши касбии судя, коромӯз-судя ва кормандони дастгоҳи судҳо гузаронида мешавад. Бозомӯзии судяҳо дар ҳолати пурра қабул гардидани меъёрҳои нави қонунгузорие, ки ба фаъолияти суд тааллуқ дорад ва ё ҳангоми ба бозомӯзӣ фаро гирифтани номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешниҳодшаванда, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо амалӣ карда мешавад.

**Такмили ихтисоси судяҳо** ин раванди таълимии бо қонун муқарраршудаест, ки ба мукаммал гардонидани донишҳои касбии назариявӣ ва амалӣ асос ёфта, он ба омӯзиши таҷрибаи судӣ ва босифат амалӣ гаштани адолати судӣ равона карда шудааст.

Фаъолияти Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ҳамчун ниҳоди тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо ва

кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқат менамояд.

Дар Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо дар баробари интихоби номзадҳо ба вазифаи судя дар асоси меъёрҳои воқеӣ, инчунин ба такмили касбии дахлдори онҳо ишора шудааст[186]. Санади байналмилалии Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо ҳангоми интихоб ва таъин намудан ба вазифаи судя тайёрии касбиро ҳамчун омили асосӣ мешуморад, ки ҳангоми таъмини тайёрии кофӣ ва касбӣ метавон салоҳияти мақомоти судиро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматӣ таъмин кард. Дар баробари ин қайд шудааст, ки масъалаи омӯзиш ва тайёрии касбии судяҳо аз ҳисоби буҷаи давлат гузаронида шавад[187]. Дар таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон низ тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо аз соли 2003 инҷониб аз ҳисоби буҷаи давлат амалӣ карда мешавад. Мо низ тавре дар Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо таъкид шудааст, саҳми тайёрии касбӣ ва бозомӯзии коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро ҳамчун маҳаки асосӣ баҳри иҷрои вазифаҳо ва салоҳияти судяҳо ҳамчун барандагони асосии адолати судӣ меҳисобем, ки он дар ниҳояти кор мақому нуфузи ҳокимияти судиро нигоҳ медорад.

Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо салоҳияти тайёр намудани судяҳоро ба мақомотҳои мустақил вогузор намуда, ишора менамояд, ки мақомоте, ки вазифаи назоратро аз болои сифати барномаҳои таълимӣ дорад, бояд ки аз тобеияти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор озод бошад[188].

Таҷриба нишон дод, ки дар назди Суди Олӣ таъсис дода шудани Маркази таълимии судяҳо талабот ва тақозои замони муосир буда, он

---

[186] Ниг.: Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо. 17 ноябри соли 1999 дар Шурои Марказии байналмилалии ассотсиатсияи судяҳо дар Тайван қабул гардидааст.– [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 25.02.2021).
[187] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи мурочиат: 25.02.2021).
[188] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

барои дар сатҳи зарурӣ тайёр намудани коромӯз-судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, пурра ва ҳаматарафа омӯхтани нозукиҳои вазифаи судягӣ, сифатан беҳтар намудани таҳияи санадҳои судӣ, инчунин баланд бардоштани этикаи касбии судя саҳмгузор мебошад.

Таҳлили фаъолияти баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботҳои ҷамъбастии ҳамасола аз он шаҳодат медиҳад, ки омода намудани мутахассисони соҳаи мақомоти судӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо дар Маркази таълимии судяҳо натиҷаи самаранок ба бор меорад ва беҳтар гардидани сифати санадҳои судӣ то андозае ба фаъолияти Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ иртибот дода мешавад.

Маркази таълимии судяҳо зимни пешбурди фаъолияти ҳуқуқию ташкилии хеш такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро дар асоси талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда, савия ва малакаи дониши судяҳоро бо ҷалби устодони ботаҷриба аз ҳисоби судяҳои собиқадори Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мебардорад. Аз ин рӯ, мо ҷонибдори онем, ки фаъолияти муассисаи таълимии судяҳо танҳо дар доираи зерсохтори ҳокимияти судӣ ба роҳ монда шавад, зеро таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшаванда аз ҷумла, Ҷумҳурии Қазоқистон нишон дод, ки фаъолияти босамари муассисаҳои таълимии судяҳо танҳо дар назди мақоми олии судӣ имконпазир аст. Тавре аз таҷрибаи кишварҳои низомашон монанд маълум гашт, онҳо ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои мақомоти судӣ, такмили донишу малакаи касбии судяҳо ва кормандони судҳо диққати махсус зоҳир намуда, муассисаҳои таълимии судяҳои хешро зина ба зина инкишоф дода, ба ниҳодҳои мустақил табдил дода, мақоми онҳоро то сатҳи Мактаби Олӣ, Академия ва Донишгоҳ баланд бардоштанд. Дар таҷрибаи як қатор давлатҳои дигар судяҳои ботаҷриба, прокурорҳо ва адвокатҳо бо нигоҳ доштани музди меҳнати

ҷойи кори асосиашон ба муддати як сол ба муассисаҳои таълимии судяҳо ҳамчун устод сафарбар карда мешаванд, ки мақсад аз ин бе шубҳа баланд бардоштани иқтидори илмӣ, назариявӣ ва амалии муассисаҳои таълимии судяҳо мебошад.

Аз ин лиҳоз, зимни иҷрои банди 8 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 дар самти баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳо дар Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, ки таҷрибаи амалии давлатҳои пасошуравӣ ба монанди Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва баъзе аз давлатҳои пешрафтаи Аврупо ба инобат гирифта шавад. Зеро Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона масъули тайёр кардани номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи ҳамаи судҳои низоми судӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, фаъолияти мустақилонаи он тибқи қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳа ва дастуру тавсияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри тақвият бахшидани мустақилияти суд ва баланд бардоштани мақоми суд амалӣ карда мешавад. Аз ҷониби дигар, қиёси қонунгузории миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки мавқеи мақоми ваколатдорро оид ба тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо равшан ва возеҳ дарк намуда, дар асоси таҷрибаи андӯхташуда мақоми Маркази таълимии судяҳоро дар асоси принсипҳои мустақилияти ҳокимияти судӣ ва худи ин ниҳод, баланд бардорем.

Дар асоси таҳқиқ ва таҳлилҳои дар боло зикргардида пешниҳод менамоем:

1) Дар моддаи 109 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба такмили ихтисос фаро гирифта шудани

«судяҳои судҳои иқтисодӣ ва кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ ва Суди Олии иқтисодӣ» илова карда шавад;

2) Дар моддаи 108 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шавад, ки «коромӯз-судя муддати як сол дар Маркази таълимии судяҳо ба тайёрии касбӣ фаро гирифта мешавад»;

3) Дар қисми 2 моддаи 109 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе дар се сол як маротиба дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба онҳо сертификати шакли муқарраргардида дода мешавад» илова карда шавад»;

4) Мувофиқи банди 32 Низомномаи бакалавриат ҳангоми ба кор қабул намудани хатмкунандаи зинаи таҳсилоти бакалавр ба ӯ ҳуқуқи вазифаҳое дода мешавад, ки мутобиқи талаботи Таснифоти давлатии равияҳо ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тахассуси «мутахассис» пешбинӣ гардидааст ва ин дар ҳолест, ки соатҳои фанҳои ихтисосӣ аз 100%-и давраи то гузаштан ба таҳсилоти зинаи бакалавр то ба 60% кам карда шудааст. Бинобар ин пешниҳод мегардад, ки ҳангоми таълими мутахассисони зинаи бакалавр дар зинаи таълим ва тайёрии касбии коромӯз-судя соатҳои назариявӣ ва амалии фанҳои ихтисосӣ дар барномаҳои омӯзишии онҳо зиёд карда шаванд;

5) Дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ ва бо мақсади тақвият бахшидан ба мақом ва мустақилияти Маркази таълимии судяҳои назди суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ки қабули номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо дар асоси дархости

Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ аз ҷониби муассисаи таълимии мазкур мустақилона амалӣ карда шавад.

6) Маркази таълимии судяҳо ба Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, ба салоҳияти он дар қатори дигар масъалаҳо инчунин, таҳлил ва ҷамъбасти амалияи судӣ вогузор карда шавад;

7) Ҳангоми табдили Маркази таълимии судяҳо ба Академияи судяҳои назди суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, ки дар қонунгузорӣ мисли таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон қайд карда шавад, ки талабот дар самти қонунгузории соҳаи маориф ва маълумоти олии касбӣ нисбати Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намегардад ва чунин муносибат ба муассисаи таълимии мазкур имкон медиҳад, ки фаъолияти хешро дар самти таълими махсуси касбӣ бе тобеияти дуҷониба, яъне Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олӣ самаранок ба роҳ монад. Талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ҷиҳати гирифтани иҷозатнома барои пешбурди таълим, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани такмили ихтисос нисбати Маркази таълимии судяҳо паҳн намегардад, зеро ҳангоми аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани иҷозатнома барои фаъолият тобеияти дуҷониба пайдо мегардад, ки ин мухолифи меъёрҳои байналмилалӣ дар бораи мақоми мустақил доштани муассисаҳои таълимии судяҳо ва танҳо аз иттиҳодияҳои судяҳо ва ҷомеаи судяҳо вобаста будани муассисаи таълимии судяҳо мебошад;

8) Ҳангоми табдили Маркази таълимии судяҳо ба дигар муассисаи таълимии судяҳо, аз ҷумла Академияи судяҳои назди суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми кормандони он ба истиснои ҳайати кормандони техникӣ ва кормандони хурди хизматрасонӣ ҳамчун хизматчии давлатӣ эътироф карда шавад. Чунин таҷриба дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҷой дорад. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, кормандони

он хизматчии давлатӣ набошанд ҳам, мақоми устодони Мактаби Олӣ ба мақоми судяҳои Суди Олӣ ва таъминоти моддию техникии директори Мактаби Олӣ ба муовини якуми раиси Суди Олӣ, муовинони директор ба муовинони раиси Суди Олӣ баробар карда шудаанд;

9) Барои номзадҳое, ки ба вазифаи роҳбарикунандаи мақомоти судӣ пешниҳод мегарданд, бо мақсади аз худ намудани таҷрибаи пешбурди фаъолияти маъмурии судӣ, ташкили идоракунии кор, муносибат бо коллектив, одоби муошират ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолият дар Маркази таълимии судяҳо бозомӯзии на кам аз 14 рӯз муқаррар карда шавад;

10) Ба устодон ва кормандони Маркази таълимии судяҳо унвонҳои махсус ва рутбаҳои тахассусӣ, иловапулӣ барои собиқаи корӣ дода шавад, зеро дар таҷрибаи Ӯзбекистон ба кормандони Мактаби Олӣ, ки унвонҳои махсус ва рутбаҳои тахассусӣ доранд, иловапулӣ барои собиқаи корӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Суди Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дода мешавад ва давраи фаъолияти кории онҳо дар Мактаби Олӣ ба собиқаи корие, ки барои гирифтани ин унвонҳои махсус ва рутбаҳои тахассусӣ лозиманд, ҳисоб карда мешавад. Илова бар ин, нисбати ҳайати профессорон-омӯзгорони Мактаби Олӣ шартҳои музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии барои судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон муқарраршуда ва нисбати дигар кормандони Мактаби Олӣ тартиби музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии кормандони дастгоҳи Суди Олӣ паҳн мегардад. Ҳамаи ин талаботҳо далели бебаҳси алоқамандии ногусастании фаъолияти ҳокимияти судӣ ва муассисаи таълимии судяҳо мебошад.

## 2.3. Нақши меъёрҳои этикаи касбии судя дар раванди тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо

Ҷомеаи муосирро бе меъёрҳои ахлоқӣ тасаввур кардан мушкил аст. Одатан барои ҳар як касбу кори алоҳидаи ҷомеа меъёрҳои ахлоқии касбӣ ва ё этикаи касбӣ муқаррар шудааст. Меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди татбиқгардӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ бархӯрд намуда, меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ва ё баръакс ахлоқиро ба вуҷуд меоранд. Ҳангоми фаъолияти судя ва дар раванди амалӣ намудани фаъолияти касбии ӯ дараҷаи ҳифз гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риоя ва ё поймол гаштани онҳо бо ахлоқ вобастагии зич дорад. Ҳамин тариқ ахлоқ ин маҳаки асосии идоракунандаи рафтору фаъолияти шахс буда, якҷоя бо ҳуқуқ вазифаи ягонаи иҷтимоиро иҷро менамоянд ва батанзимдароварандаи фаъолияти одамон дар ҷомеа мебошанд.

Муқаррар гардидани этикаи касбӣ исботи мубрам будани нақши он дар фаъолияти касбӣ мебошад, зеро меъёрҳои ахлоқӣ барои фаъолияти давлат, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеа ва тамоми шахсон зарур буда, он ҳамчун меъёри муайянкунандаи сатҳи сифатии ҷомеа ва фард эътироф гардида, ба фаъолияти онҳо самара ва таъсири мусбат мерасонад.

Судя дар фаъолияти касбии хеш аз номи давлат санади судӣ қабул мекунад ва он дар баробари талаботи қонунгузорӣ асоснок ва қонунӣ буданаш, инчунин бояд холисона, беғаразона, бовиҷдонона ва бо риояи таъмини баробарии тарафҳо, ки онҳо талаботи меъёрҳои ахлоқӣ мебошанд, таҳия гардад. Бинобар муҳим будани моҳияти санадҳои судӣ омӯзиш ва донистани меъёрҳои ахлоқии миллӣ ва байналмилалӣ барои фаъолияти судя аҳамияти калон дошта, омӯзишу риояи онҳо дар марҳилаҳои интихоб, тайёр намудан ва ҷобаҷогузории кадрҳои

мақомоти судӣ шарт ва зарур аст ва ин иртибот аз мубрамии масъала шаҳодат медиҳад.

Ба масъалаи одобу ахлоқ ва рафтору кирдори муносиби судя ва номзад ба вазифаи судя Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша диққати хосса зоҳир менамоянд. Чунончи, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 қайд намудаанд: «Роҳбарони мақомоти дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки ба масъалаи пешбарии номзадҳо ба вазифаи судя диққати махсус зоҳир намуда, шахсияти онҳоро бо тартиби муқарраргардида омӯзанд ва ба вазифаи масъулиятноки судя ҳуқуқшиносонеро пешниҳод намоянд, ки дониши хуби назариявӣ ва таҷрибаи кофии касбӣ дошта, аз ҷиҳати одобу ахлоқ ва рафтору кирдор ба ин мансаби масъули давлатӣ муносиб бошанд»[189]. Ин масъала ба ҳамин мазмун дар Паёмҳои минбаъда ва мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони мақомоти судӣ пайваста таъкид мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат дар мулоқоташон бо кормандони ҳокимияти судӣ аз 21 ноябри соли 2019 қайд карданд, ки ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судя донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиши ҳамаҷониба қарор дода шавад[190]. Роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо ба масъалаи ахлоқ диққат дода, пешниҳоди мақомоти дахлдорро ҳангоми санҷишҳои хизматӣ ба инобат гирифта, пешбарӣ, интихоб ва қабули номзадеро, ки атрофи он маълумотҳои ғайриахлоқӣ мавҷуданд, рад менамоянд.

---

[189] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 18.02.2020).

[190] Ниг.: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, ш. Душанбе, 21.11.2019 сол. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 18.02.2020).

Ба ақидаи Н.В. Радутная дар замони муосир таваҷҷуҳи хосса ба масъалаҳои этикӣ аз нарасидани ахлоқ дар рафтори судяҳо ва тарафҳо, ки натиҷаи паст гардидани дараҷаи умумии иқтидори ахлоқӣ дар муносибати байни одамон дар шароити ташаннуҷи авзои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, кафолати нотамоми мустақилият, холисӣ ва дахлнопазирии судя, номувофиқатии байни қонунҳои сатҳҳои мухталиф, ки дар замони ислоҳоти давомдори қонунгузорӣ қабул гардидаанд, мебошад[191].

Аз ҷониби судяҳо одилона ва бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳои касбӣ, мустақилияти онҳо ҳангоми қабули қарорҳои судӣ барқарор гардидани ҳуқуқҳои вайроншударо кафолат дода, дар ҷомеа боварӣ, адолат, холисӣ ва мустақилии судро тасдиқ менамояд[192].

Нақши махсус доштани этикаи судяро дар тарбияи кадрҳои судӣ, инчунин ташаккули маданияти ботинии ҳуқуқшинос С.А. Пашин, С.С. Алексеев, И.Н. Римская, В.И. Букреев, Н.В. Радутная ва В.В. Пейсиков дар пажуҳишҳои хеш қайд кардаанд[193].

Матлаби омӯзиши этикаи касбии ҳуқуқшиносиро асосҳои ахлоқии касби ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи ҳуқуқшиносон дар руҳияи риояи онҳо ташкил менамояд[194].

А.Н. Поляшук чунин меҳисобад, ки этикаи касбӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи тайёр намудани ҳар як мутахассис бошад[195].

Ба ақидаи Х.М. Мирзамонзода «... Хусусияти этикаи судя аз он иборат аст, ки иҷрои он ҳатмист, меъёр ва принсипҳои онро бояд судяҳои тамоми низоми судии мамлакат зери роҳбарӣ гиранд»[196].

[191] Ниг.: Этика судьи / под ред. Н.В. Радутной. – М.: РАП, 2002. – С. 8.
[192] Ниг.: Шаруева Н.В. Судейская этика как элемент профессиональной правовой культуры // Теория современного права. Мониторинг правоприменения № 2 (31) – 2019, С. 16-19.
[193] Ниг.: Алексеев С.С. Теория права. – М., 1994. – С. 57; Букреев В.И., Римская И.Н. Этика права. – М., 2000. – С. 300; Этика судьи: пособие для судей / под ред. Н.В. Радутной. – М.: РАП, 2002. – С. 18-20; Пашин С.А. Судейская этика. – М., 2001. – С. 15.
[194] Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ: васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ихтисоси ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 145.
[195] Ниг.: Поляшук Н.А. Юридическая этика: курс лекций (электронный вариант). Рекомендован к использованию в образовательном процессе решением кафедры (протокол № 2 от 15.09.2011). – Москва, 2011. – С. 13.

Ақидаи олимони соҳа далели бебаҳс будани мақом ва аҳамияти этика барои фаъолияти ҳуқуқшиносон, аз ҷумла судя мебошад ва меъёрҳои ахлоқӣ бояд ба сифати дастурҳои рӯимизии онҳо хизмат намояд. Судя дар фаъолияти касбии хеш бо иштирокчиёни мурофиаи судӣ, ки ҳар як хислатҳои гуногун доранд, дар муоширати корӣ қарор дорад ва баҳсҳои судӣ низ ҳолатҳоеро дар худ доранд, ки якдигарро такрор намекунанд. Бинобар ин, лозим аст, ки судя, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя бештар ба омӯзиши назарияи этикаи касбӣ, аз ҷумла этикаи судя фаро гирифта шавад.

Омӯзиш нишон дод, ки дар муассисаҳои ибтидоие, ки ба тайёр намудани касби ҳуқуқшиносӣ машғуланд, соатҳо барои этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ ҷудо карда нашудааст. Пешниҳод мегардад, ки дар барномаҳои таълимии факултетҳои ҳуқуқшиносие, ки ба сифати тайёркунандаи кадрҳои ҳуқуқшинос хизмат мекунанд, ҳатман курсҳои махсуси омӯзиши меъёрҳои миллӣ ва байналмилалии ахлоқ ҷорӣ карда шавад, зеро бе дониш ва маърифати ахлоқӣ дар бораи баровардани қарори дурусти қонунӣ ва асоснок сухан гуфтан бармаҳал аст.

Аз ин лиҳоз меъёрҳои этикаи касбии судя, аз ҷумла меъёрҳои миллӣ ва байналмилалии ахлоқ бояд ҷузъи ҷудонашаванда ва таркибии раванди интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва кормандони дастгоҳи судҳо бошад.

Дар байни олимон ақидае мавҷуд аст, ки тибқи он ҳангоми истифодаи мафҳуми этика онро ҳамчун муродифи мафҳуми ахлоқ истифода мебаранд. Аммо байни этика ва ахлоқ фарқият вуҷуд дорад. Этика ин илм дар бораи одобу ахлоқ мебошад. Ахлоқ бошад, чунин шакли фаҳмиши ҷамъиятиест, ки дар он ақидаҳо, пешниҳодҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори одамон дар ҷамъият инъикос ёфтаанд. Этика мафҳуми васеътар мебошад ва предмети омӯзиши илми этикаро ахлоқ ташкил медиҳад. Ахлоқ (мораль) аз калимаи лотинӣ (moris)

---

[196] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021 – С. 112.

гирифта шуда, одоб, одат ва ғайраҳоро ифода мекунад. Дар адабиёти илмӣ низ баъзе олимон ин ду мафҳумро якҷоя истифода намуданд, вале ҳамчун муродиф метавон калимаҳои одоб ва ахлоқро истифода кард[197].

Этика аз калимаи юнонии (ethike, ethos – «феъл, одат, қоида») гирифта шуда, ба маънои – 1) илм дар бораи моҳият, пайдоиш ва инкишофи ахлоқ; 2) маҷмуи принсипҳо ва меъёрҳои рафтор, ки дар муҳити муайян ё гурӯҳи касбӣ қабул шудаанд, фаҳмида мешавад[198]. Ф.А. Брокгауз ва И.А. Ефрон чунин мешуморанд, ки «Этика – ин омӯзиши принсипҳои асосии ахлоқ ва меъёрҳои фаъолияти инсонӣ аз нуқтаи назари некӣ ва бадист»[199].

Олимони тоҷик Х.М. Ғафуров ва Х.Ғ. Ҷалолов дар таълифоти хеш мафҳуми этика, функсия ва категорияҳои онро зикр намуда, қайд менамоянд, ки этика илми фалсафа буда, объекти омӯзиши он ахлоқ мебошад[200].

Ю.Г. Носков ва И.Ю. Носков низ мафҳум ва предмети этикаро ба С.Г. Шеретов монанд тафсир дода, фарқияти мазмуни мафҳуми этика ва ахлоқро дар он мебинанд, ки «ахлоқ» ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ҷомеа ва этика бошад, маҷмуи донишҳоро дар бораи ахлоқ ифода менамояд ё дар шакли дигар гӯем, агар ахлоқ дар рафтори одамон ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ҷой дошта бошад, пас этика дар шакли матнҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, монография, мақолаҳо ва ғайраҳо вуҷуд дорад[201].

С.Г. Шеретов дар бораи ахлоқи касбии ҳуқуқшиносӣ истода гузашта, онро ба ахлоқи судӣ, адвокатӣ, кормандони прокуратура ва мақомоти корҳои дохила гурӯҳбандӣ намудааст[202].

---

[197] Ниг.: Шеретов С.Г. Профессиональная этика юриста: учеб. пособие. – 2-е изд., доп. – Алматы: АФ НОУ ВПО «СПбГУП», 2016. – С. 6.
[198] Ниг.: Краткий словарь иностранных слов. – М., 1988. – С. 625, 317.
[199] Малый энциклопедический словарь (Ф.А. Брокгауз – И.А. Ефрон). – М., 1994. – Т. 4. – Столб. 2166.
[200] Ниг.: Гафуров Х.М., Джалолов А.Г. Профессиональная этика юриста (учебно-методический комплекс). – Душанбе: Нашри Мубориз, 2014. –148 с.
[201] Ниг.: Носков Ю.Г., Носков И.Ю. Основы судебной этики: учебное пособие. – М.: РГУП, 2017. – С. 6-7.
[202] Шеретов С.Г.  Профессиональная этика юриста: учеб. пособие. – 2-е изд., доп. – Алматы: АФ НОУ ВПО «СПбГУП», 2016. – С. 47.

Этикаи ҳуқуқшиносӣ дар навбати худ ба этикаи судӣ, прокурорӣ, муфаттишӣ ва адвокатӣ тақсим мешавад.

Этикаи судя – маҷмуи қоидаҳои рафтори судяҳо ва дигар иштирокчиёни касбии мурофиаи гражданӣ, ҷиноятӣ ва иқтисодӣ буда, характери ахлоқии фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии онҳоро таъмин менамояд, инчунин фанни илмиест, ки хусусияти зоҳиршавии талаботи ахлоқро дар ин самт меомӯзад[203].

Ба ақидаи В.В. Пейсиков «Этикаи судя ин таълимот дар бораи идеалҳои ахлоқӣ, принсипҳо ва меъёрҳои татбиқи адолати судӣ, ки мазмуни ахлоқии фаъолияти касбии иштирокчиёни мурофиаи судиро муайян мекунад, мебошад»[204].

Аз нигоҳи Н.А. Поляшук предмети этикаи ҳуқуқшиносӣ маҷмуи қоидаҳои низоми ҳуқуқӣ ва меъёрҳо-талаботи этикӣ (ахлоқӣ) аст, ки дар маҷмуъ муайянкунандаи низоми ҳуқуқии муошироти касбии ҳуқуқшинос бо ҳамкасбон ва шаҳрвандон (мизоҷон) ва рафтори касбии ӯ мебошад[205].

Ҳамин тариқ, этика низоми собити дониш ва таассуротест, ки предмети омӯзиши он ахлоқ, хусусият ва қонунҳои инкишофи он мебошад[206]. Мо ақидаи олимони соҳаро ҷонибдорӣ намуда, чунин мешуморем, ки этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ ҷузъи этикаи касбӣ буда, этикаи судя бошад, ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва рушди муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, баҳсу мунокишаҳои шаҳрвандӣ, баҳсҳои илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дар ҷаҳони муосир баланд бардоштани мақоми этикаро тақозо менамоянд. Маҳз тарбияи ахлоқии ҷомеа мавзуи баррасии этика мебошад. Аз ин рӯ,

---

[203] Кобликов А.С. Юридическая этика. – М., 1999. – С. 32.

[204] Пейсиков В.В. Правовые и организационные аспекты отбора, подготовки и повышения квалификации судей: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 95-96.

[205] Ниг.: Поляшук Н.А. Юридическая этика: курс лекций (электронный вариант). Рекомендован к использованию в образовательном процессе решением кафедры (протокол №2 от 15.09.2011). – Москва. – 2011.– С. 3-4.

[206] Есикова М.М. Профессиональная этика юриста [Электронный ресурс]: учебное пособие для студентов / М.М. Есикова, О.А. Бурахина, В.А. Скребнев, Г.Л. Терехова. – Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВПО «ТГТУ», 2015. – С. 4.

барои ҳалли одилона ва холисонаи баҳсҳо, мунокишаҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, эътироф ва дар амалия татбиқ намудани меъёрҳои ахлоқ барои шахсони касбияти ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла судя шарт ва зарур мебошад.

Дар амалӣ намудани адолати судӣ риояи бечунучаро ва татбиқи дурусти меъёрҳои ахлоқӣ аҳамияти калон дорад[207].

Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби судя ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ ба паст гардидани боварии ҷомеа на танҳо нисбати як судя, балки нисбат ба тамоми ҳокимияти судӣ мегардад. Ахлоқ ва риояи меъёрҳои он вобаста ба буҳрони молиявӣ ва ахлоқии ҷаҳони муосир, паст гардидани сатҳи зиндагии мардумон, таъмини нокифояи моддии судя ба мустақилияти судя алоқамандии зич дошта, ба масъалаи мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Тибқи ақидаи этикаи марксистӣ: «Одамони тақдири дигаронро ҳалкунанда бояд ҳиссиёти баланди масъулият барои қабули қарорҳо, амалҳо ва рафторҳояшон дошта бошанд»[208]. М.М. Есикова бошад, аз қонун дур шудан, онро давр задан, инчунин тафсир ва татбиқи ғалати онро аз ҳад зиёд ғайриахлоқӣ меҳисобад[209]. Аз ин рӯ, судя бояд дар хотир дошта бошад, ки на танҳо вайронкунии бошууронаи қонун, балки қарорҳои сарсарӣ баровардашуда, ки бинобар малака ва дониши пасти касбӣ доштан таҳия шудаанд, низ ғайриахлоқӣ мебошанд. Бинобар ин, судяе, ки танҳо ба қонун итоат менамояд ва ҳамеша ғуломи қонун аст, дар сатҳи талаботи ба ахлоқ ҷавобгӯ қарор дорад.

Этикаи судя судяро уҳдадор менамояд, ки дар бораи нигоҳ доштани шаъну шараф ва эътибори касбии хеш, инчунин шараф ва эътибори дигарон (судшавандагон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи

---

[207] Ниг.: Зайцев Е.А., Киселев Я.С., Кореневский Ю.В., Строгович М.С. Проблемы судебной этики / под ред. М.С. Строговича. – М., 1974. – С. 12.

[208] Марксистская этика: учебное пособие для вузов / под общ. ред. А.И. Титаренко. – М., 1980. – 352 с.

[209] Есикова М.М. Профессиональная этика юриста [Электронный ресурс]: учебное пособие для студентов / М.М. Есикова, О.А. Бурахина, В.А. Скребнев, Г.Л. Терехова. – Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВПО «ТГТУ», 2015. – С. 20.

судӣ) диққат диҳад, зеро вобаста ба баъзе парвандаҳои граждании, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ғайра масъалаҳое ба миён меоянд, ки бо шаъну шарафи шахс ва эътибори шахсии ӯ алоқамандӣ доранд. Қонунгузорӣ барои паст задани шаъну шарафи шахс ва паҳн кардани маълумотҳои пастзанандаи обрӯву эътбори шахс ҷавобгарӣ муқаррар кардааст.

Ба ақидаи мо, ин норасоии рафтор ва кирдори ахлоқӣ дар баъзе ҳолатҳо на танҳо ба ҷомеаи судяҳои ватанӣ, балки ба судяҳои давлатҳои таҳқиқшаванда ва судяҳои сатҳи байналмилалӣ низ баъзан хос аст. Ин шаҳодати он аст, ки масъала ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ мубрам мебошад. Имрӯз бинобар тараққиёти баланди технологияҳои иттилоотӣ шаҳрвандони на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки мардумони тамоми дунё дар як лаҳза аз хабарҳои ҷолиби вобаста ба амалигардонии адолат, аз ҷумла адолати судӣ воқиф мегарданд. Дуруст аст, ки ҷомеа аз ҳокимияти судӣ дар шахсияти судя адолати томро интизор аст. Маҳз эътимод ва интизориҳои ҷомеа тақозо менамояд, ки дар баробари талаботи ахлоқӣ дигар талабот нисбати номзад ба вазифаи судя ва судяҳо пурзур карда шуда, меъёри ягонаи талабот нисбат ба ин касби пурмасъул ва пуршараф, ки мазмуну моҳияти умумӣ ва ягона дорад, коркард карда шавад. Аз ин рӯ, нисбати судя, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя пеш аз таъин, интихоб ва ҷобаҷогузорӣ бояд ташхиси руҳӣ-психологӣ, муайян намудани маҳорату қобилият ва дигар ҳолатҳои руҳию равонии ӯ бояд гузаронида шавад.

Ҳангоми гузаштан аз чунин ташхис маҳорату қобилияти фаъолият карда тавонистан дар авзои ташаннуҷ ва ноороми ва дигар ҳолатҳои руҳию равонии номзад ба вазифаи судя муайян карда мешавад. Зеро аз ҳолати руҳии судя на танҳо самаранокии фаъолияти ӯ, балки риоя гардидани этикаи касбии судя, ки барои фаъолияти масъулиятноки ӯ муҳим мебошад, вобастагӣ дорад. Дар ин замина дар қатори дигар талабот ба миён гузошта шудани ташхиси психологӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва судяҳо хело муҳим аст.

Дар ин самт чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки вазифаи ташхиси психологӣ ин муайян намудан ва дуруст баҳо додани қобилияти номзадҳо ба вазифаи судя, сифатҳои муҳими касбӣ, инчунин қобилияти психологии онҳо баҳри муқовимат намудан ба таъсири ғайримусбати касби судягӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар қатори дигар талаботи номзад ба вазифаи судя ва судя ҷорӣ намудани шарти ташхиси руҳӣ-психологӣ метавонад интихоби сифатии кадрҳои ҳокимияти судиро таъмин намояд.

Теъдоди соатҳои дарсии этикаи судя дар барномаҳои таълимӣ ва такмили ихтисос барои судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя бояд, ки ба 20 соат расонида шавад, зеро аз бар намудани меъёрҳои миллӣ ва байналмилалии ахлоқи судя барои коромӯз-судяҳо, ки номзадҳои воқеӣ ба мансаби судя мебошанд, аз он ҷиҳат зарур аст, ки ин меъёрҳо ба ӯ барои қабули санадҳои судии қонунӣ ва боадолатона асос мегардад.

Пешниҳод мегардад, ки дар барномаҳои таълимии факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии каасбӣ ҳатман ба миқдори 30 соат курсҳои махсуси омӯзиши меъёрҳои миллӣ ва байналмилалии ахлоқ ҷорӣ карда шавад, зеро бе дониш ва маърифати ахлоқӣ дар бораи баровардани қарори дуурусти қонунӣ ва асоснок сухан гуфтан бармаҳал мебошад.

### а) Моҳият ва принсипҳои этикаи байналмилалии судя

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар самти этикаи судя, санадҳои байналмилалии танзимкунандаи соҳа, қиёси ҳуқуқӣ-назариявӣ ва амалии он нообаста аз гуногунии низоми ҳуқуқии баъзе аз давлатҳо бисёр муҳим ва муфид аст, чунки вазифаи судяҳои ҳамаи давлатҳо аз як масъалаи умумӣ- амалӣ намудани адолати иҷтимоӣ иборат аст. Ин ба мо имконият медиҳад, ки ҳолатҳои афзалиятноки назариявӣ ва амалии меъёрҳои этикаи байналмилалиро дар тадқиқоти хеш таҳлил ва муайян карда, барои истифода дар қонунгузорӣ ва такмил додани таҷрибаи

миллӣ дар самти интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо пешниҳод намоем.

Дар Оинномаи СММ омадааст, ки давлатҳои аъзо тасдиқ мекунанд, ки онҳо чунин шароите муҳайё месозанд, ки адолату адолатнокӣ дастгирӣ ёбад ва эълон медоранд, ки яке аз мақсадҳои онҳо дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон новобаста аз нажод, ҷинс, забон ва дин мебошад[210]. Фаъолияти судя, муфаттиш, прокурор, адвокат танҳо дар ҳамон вақт мутобиқ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ шуда метавонад, агар онҳо талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллиро дар самти воқеият, асоснокӣ ва адолат ҳангоми таҳия ва баровардани қарорҳои хеш риоя намоянд.

Маҳз муҳим ва пурмасъул будани баамалбарории адолати судӣ аст, ки дар Конгресси 7-уми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон масъалаи таҳияи принсипҳои роҳбарикунанда вобаста ба мустақилияти судяҳо, интихоб, тайёрии касбӣ, мақоми судяҳо ва прокурорҳо ба миён гузошта шуд[211]. Дар ин асно вобаста ба нақши судя, ки адолати судиро таъмин менамояд, муҳим будани интихоб, тайёр намудан ва рафтори ӯ қайд гардидааст. Бешубҳа аз масъалаҳои интихоб, тайёр намудан ва рафтори судя дар доираи ахлоқ ва ҳуқуқ тақдири инсон вобастагӣ дорад.

Принсипҳои байналмилалӣ тавсия медиҳанд, ки шахсони ба вазифаи судя интихобшаванда, бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, қобилият ва тайёрии касбӣ дошта бошанд. Кадом усули интихобе, ки татбиқ нагардад, бояд кафолати интихоби дуруст ва дур будан аз роҳҳои интихоби ғайриқонунии судя ҷой дошта бошад. Ҳангоми интихоби судя табъиз нисбати шахс бо асосҳои нажод, ранги пуст, ҷинс, дин, эътиқоди

---

[210] Ниг.: Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945, ш. Сан-Франсиско. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (www.un.org). (санаи муроҷиат: 20.02.2020).
[211] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

сиёсӣ, баромади миллӣ ва ё дигар ҳолатҳо бояд истисно бошад. Аммо талабот дар бораи он, ки ҳуқуқшинос бояд мансубияти шаҳрвандии давлати дахлдорро дошта бошад, ҳамчун табъиз дониста намешавад[212].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии зерин дар қатори асосҳои умумии муайянкунандаи интихоб ва тайёр намудан, инчунин қоидаҳои рафтори этикии судяро низ ба танзим медароранд:

- Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо[213];
- Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо[214];
- Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо[215];
- Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ[216];
- Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ[217];
- Кодекси этикаи байналмилалӣ[218].

Қоида ва принсипҳои этикӣ оид ба фаъолияти судя дар бандҳои санади байналмилалии Хартияи аврупоӣ дар бораи мақоми судя ба тариқи зайл дарҷ ёфтааст:

Ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои хеш судя бояд омодагӣ ба кор ва қобилияти баланди тахассусии пешбурди мурофиаи судӣ, ки аз онҳо таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон вобастагӣ доранд, эҳтиром зоҳир намояд, инчунин сирру асрореро, ки бо қонун ба ӯ бовар карда шудааст, нигоҳ

---

[212] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи мурочиат: 26.02.2021).

[213] Ниг.: Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо аз 26 ноябри соли 2002, ш. Гаага. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи мурочиат: 26.02.2021).

[214] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи мурочиат: 25.02.2021).

[215] Ниг.: Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо. 17 ноябри соли 1999 дар Шурои Марказии байналмилалии ассотсиатсияи судяҳо дар Тайван қабул гардидааст. (Бо тағйиру иловаҳо аз 14 ноябри соли 2017 дар Чили) – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи мурочиат: 25.02.2021).

[216] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (аз ҷониби Конгресси ҳафтуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар Милан аз 09/06/85 қабул шудааст ва бо қарорҳои Ассамблеяи Генералии СММ 40/32, 40/146 13.12.1985 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи мурочиат: 26.02.2021).

[217] Ниг.: Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ аз 24 майи соли 1989. Ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ. Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ. – Вена, 1996. – С. 148-151.

[218] Ниг.: Кодекси этикаи байналмилалӣ. Нашриёт аз 1988 сол (аввалин маротиба соли 1956 қабул шудааст).– [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ibanet.org/ (санаи мурочиат: 25.02.2021).

доранд (банди 1.5). Давлат вазифадор аст, ки ба судя восита ва дигар лавозимотеро, ки барои иҷрои вазифаҳояшон алалхусус, барои баррасии парвандаҳо дар муҳлати муқарраршуда ва муътадил лозим аст, таъмин намояд. Дар муҳлати бо қонун муқарраргардида аз ҷониби судя баррасӣ намудани парвандаи судӣ аз масъулият ва эҳтироми ӯ нисбат ба шаҳрванд шаҳодат медиҳад (банди 1.6)[219].

Ба андешаи мо, риояи муҳлатҳои мурофиавӣ аз ҷониби судя дар баробари масъулият ва эҳтироми ӯ нисбат ба мақому эътибори хеш ва шаҳрванд, инчунин нишонаи ахлоқи баланди ӯ низ мебошад. Албатта дар таҷрибаи ҳамаи давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон муҳлати муайяни баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ ҷой дорад. Сари вақт баррасӣ намудани парвандаи судӣ нишонаи масъулияти баланди судя, бовиҷдонӣ ва босалоҳиятии ӯ маҳсуб гардида, ба баланд гардидани эътибори кории ӯ мусоидат менамояд. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 19 ноябри соли 2019 қайд гардида буд, ки дар фаъолияти судҳо ҳанӯз ҳам кашолкорӣ ва дар муҳлатҳои бо қонун пешбинигардида баррасӣ нагардидани муроҷиатҳои шаҳрвандон ҷой дорад[220]. Албатта кашолкорӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ ба руҳияи шаҳрвандон, иштирокчиёни дахлдори мурофиаи судӣ таъсир расонида, ин зуҳурот метавонад ба яке аз омилҳои паст гардидани обрӯю мақоми суд гардад ва ё мақому нуфузи судро дар ҷомеа ба андозае коста намояд. Бинобар муҳим будани масъала мувофиқи мақсад мебуд, агар ҳангоми мунтазам аз ҷониби судя вайрон гардидани муҳлати мурофиавии баррасии парвандаҳои судӣ ҳолатҳои мушаххас мувофиқи меъёрҳои ахлоқӣ баҳо дода шуда, дар доираи талаботи ин меъёрҳо ба судя додани муҷозоти интизомӣ маъалагузорӣ карда мешуд.

---

[219] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

[220] Ниг.: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, ш. Душанбе, 21.11.2019 сол. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2020).

Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо санади байналмилалиест, ки дар муқоиса бо дигар санадҳо меъёрҳои бештар ва асосии рафтори судяҳоро ба танзим медарорад. Ин санад 26 ноябри соли 2002 дар Гаага қабул гардида, сараввал тӯли якчанд сол меъёрҳои он бо тартиби таҷрибавӣ (экспериментӣ) амалӣ карда шуда, онҳо давра ба давра аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалие, ки бо мақомоти судӣ ҳамкорӣ доранд, эътироф карда шуданд. Ин принсипҳо анъанаҳои олии низоми судиеро дар бар мегиранд, ки тамоми низоми ҳуқуқӣ ва фарҳангиро дар худ касб намудаанд.

Баъзе давлатҳо Принсипҳои Бангалориро қабул дониста, баъзеи дигар бошад, ин принсипҳоро ҳамчун намуна ҳангоми таҳияи меъёрҳои миллии принсипҳои рафтори судя истифода менамоянд. Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ бо қарори худ таҳти №2006/23 аз 27 июли соли 2006 ба давлатҳои аъзои СММ пешниҳод намудааст, ки дар асоси низоми ҳуқуқии дохилаашон ба мақомоти судии худ тавсия диҳанд, ки онҳо принсипҳои Бангалориро оид ба рафтори судяҳо дар рафти таҳияи меъёрҳои кодексҳо ва этикаи рафтори судяҳо, инчунин кормандони судҳо ба инобат гиранд.

Х.М. Мирзамонзода дар бораи Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо чунин овардааст: «Санади мазкур инчунин талаботҳои баланди ахлоқӣ-этикиро нисбати судя ҳамчун таҷассумкунандаи адолат дар давлат ва ҷомеа муқаррар менамояд»[221].

Гарчанде ки Принсипҳои Бангалорӣ аз ҷониби як қатор кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои ИДМ расман эътироф нагардида бошанд ҳам, меъёрҳои он дар кодексҳои этикии давлатҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон қисман истифода шудаанд. Дар Кодекси шарафи судяи Қирғизистон истифодаи меъёрҳои Бангалорӣ бештар мушоҳида мешавад. Ин принсипҳо, инчунин

[221] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021 – С. 23.

аз ҷониби судяҳои давлатҳои аъзои Шурои Аврупо, Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODC) эътироф гардида, ташкилотҳои байналмилалӣ, ба монанди Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико ва Комиссияи байналмилалии ҳуқуқшиносон ба он баҳои баланд додаанд.

Роҳбари гурӯҳи судяҳо оид ба масъалаҳои таҳкими бовиҷдонӣ ва холисии мақомоти судӣ К.Г. Вирамантри қайд менамояд, ки Принсипҳои Бангалорӣ ҳуҷҷатест, ки на танҳо барои мақомоти судии тамоми мамлакатҳо, балки барои ҷомеаи васеъ, инчунин ҳамаи онҳое, ки ба таъмини асосҳои кафолатноки бовиҷдонии холисонаи мақомоти судии тамоми дунё кӯшиш менамоянд, арзиши бузург доранд[222].

Вобаста ба ҳар як присипҳои Бангалорӣ «Лоиҳаи тафсири муфассал» омода карда шуда, онҳо дар гуруҳҳои байниҳукуматии экспертҳо, ки 1-2 марти соли 2007 дар шаҳри Вена баргузор гардид, мавриди муҳокима қарор дода шуд. Дар ҷаласаи мазкур намояндагони 35 давлат иштирок намуда, дар он Принсипҳои Бангалорӣ бо тағйиру иловаҳои тафсир қабул карда шуд, ки ин ба Присипҳои Бангалорӣ арзиш ва мақоми баланд илова намуд. Тафсири принсипҳо ба он мусоидат намуд, ки онҳо ба сифати Декларатсияи умумии меъёрҳои ахлоқии рафтори судя эътироф карда шаванд.

Принсипҳои Бангалорӣ асосан бо такя ба асосҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таҳия гардидааст. Ин принсипҳо дар санадҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, конститутсияҳои миллӣ, қонунҳо оид ба судҳо, одатҳо ва анъанаҳо инъикос ва эътироф гардидаанд. Онҳо ҳамчун нишонаи дастгирӣ ёфтани стандартҳои олии ахлоқи судяҳо ва уҳдадориҳои бевоситаи мақомоти судии ҳар як давлат қабул гардида, аз

[222] Ниг.: Комментарий к Бангалорским принципам поведения судей, UNODC. – С. 3-4. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат: 27.02.2021).

принсипҳои мустақилият, воқеият, бовиҷдонӣ ва холисӣ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ, баробарӣ, босалоҳиятӣ ва кӯшишу ғайратнокӣ иборатанд[223].

**Принсипи мустақилият.** Мафҳуми мустақилият дар худи санади Принсипҳои Бангалорӣ ва санади тафсири он чунин дода шудааст: «Мустақилияти мақомоти судӣ заминаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва асоси кафолати адолатноки ҳалли парвандаҳои судӣ мебошад. Мутаносибан судя бояд принсипи мустақилияти судҳоро чӣ дар ҷабҳаи инфиродӣ ва чӣ институтсионалӣ пайгирӣ ва дар ҳаёт амалӣ намояд»[224].

Принсипҳои Бангалорӣ се шарти таъмини мустақилияти судяҳоро пешбинӣ менамояд:

1. Муҳлати дар вазифа будан;
2. Таъмини молиявӣ;
3. Мустақилияти институтсионалӣ.

Дар тафсири Принсипҳои Бангалорӣ зери мафҳуми мустақилияти судяҳо мустақилияти инфиродӣ ва институтсионалӣ фаҳмида мешавад[225]. Мустақилияти инфиродӣ мустақилиятест, ки ба судя тибқи қонунгузорӣ дода шудааст. Мустақилияти институтсионалии мақомоти судӣ бошад аз талаботи қонунгузорӣ сарчашма гирифта, дар муносибатҳои мақомоти судӣ бо дигар субъектони ҳокимияти давлатӣ инъикос меёбад.

Ба ақидаи Н.М. Чепурнова «принсипи мустақилияти судяҳо аз ҳолати умумии конститутсионӣ дар бораи мустақилияти ҳокимияти судӣ бармеояд»[226].

Ба қавли М.Х. Мирзамонзода «принсипи мустақилият ҳамин маъноро дорад, ки одамони аз рӯи парванда қарорқабулкунанда, онро озодона, беғаразона ва танҳо дар асоси далелҳо ва қонун бе дахолат,

---

223 Ниг.: Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо аз 26 ноябри соли 2002, ш. Гаага. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

224 Ниг.: Комментарий к Бангалорским принципам поведения судей, UNODC. – С. 33. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат:26.02.2021).

225 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 33. . – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат:26.02.2021).

226 Ниг.: Чепурнова Н.М. Судебная власть в Российской Федерации: проблемы теории и государственно-правовой практики: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2007.

фишор ва ё таъсири ғайриқонунии мақомотҳои ҳокимиятӣ ва ё дигар мақомотҳо амалӣ намоянд»[227].

Принсипи мустақилият ҳамин маъноро дорад, ки судя бояд вазифаҳои тибқи қонун ба ӯ вогузоркардашударо новобаста аз ҳама гуна ҳолат ва таъсиррасонии беруна, аз ҷумла фишору таҳдид, таъсиррасониҳои бевосита ва бавосита аз кадом ҷонибе, ки сар назанад ва бо кадом ғаразе, ки набошад, чӣ аз ҷониби шахсони мансабдор, воқеӣ ва ҳатто аз ҷониби дигар судяҳо амалӣ намояд. Судя ҳангоми баррасии парвандаи судӣ мавқеи мустақили хешро нисбат ба шохаҳои ҳокимият, аз ҷумла қонунгузору иҷроия, шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, шаҳрвандони хориҷиву бетабаа зоҳир намуда, ба ҳамин минвол боварии ҷомеаро соҳиб гашта, мустақилияти ҳокимияти судиро таъмин месозад.

Хуллас, мустақилияти судя яке аз унсурҳои асосии ҳокимияти судии давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ буда, зери мафҳуми он озод будан аз ҳама гуна шаклҳои таъсиррасонии беруна ба фаъолияти касбӣ ва ғайрихидматӣ фаҳмида мешавад. Судя зимни фаъолияти касбии хеш аз намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва дигар шахсони мансабдор наҳаросида, парвандаи дахлдори судиро воқеъбинона, холисона, бовиҷдонона ва боадолатона баррасӣ намуда, эътибори шахсӣ ва судро дар ҷомеа баланд бардорад.

**Принсипи воқеият**. Принсипи воқеият шарти асосии иҷрои дахлдори уҳдадориҳои судя мебошад. Он на танҳо дар мазмуни қарорҳои баровардашуда, балки дар тамоми амалҳои мурофиавӣ зоҳир мегардад. Дар принсипҳои Бангалорӣ мустақилият шарти асосии таъмини воқеият мебошад. Мустақилият ва воқеият ҳамчун принсип ду атрибуте мебошанд, ки бо ҳам сахт алоқаманд буда, ҳамдигарро мустаҳкам, пурқувват ва мукаммал мегардонанд. Зеро судяе, ки мустақил набошад, наметавонад аз лиҳози инфиродӣ ва институтсионалӣ воқеӣ бошад.

[227] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – С. 75-76.

Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон тафсир медиҳад, ки талабот нисбати принсипи воқеият ду ҷабҳа дорад. Якум ин ки суд бояд аз нуқтаи назари зеҳнӣ (субъективӣ) ва дуввум ин ки суд аз нуқтаи назари айнӣ (объективӣ) холис бошад[228].

Ҳангоми баррасии парванда судя бояд аз ғараз, кинаву адоват, хусумат, афзалиятдиҳӣ, гумон орӣ бошад. Норозӣ будани яке аз тарафҳо ҳанӯз ғайривоқеӣ будани санади судиро надорад. Санади судӣ бояд дар асоси таҳлили ҳолатҳои воқеии кор, мушоҳидаҳои ақлӣ, баҳодиҳии далелҳои асоснок ва баровардани хулосаи воқеӣ таҳия карда шавад. Агар ҳолатҳое вуҷуд дошта бошад, ки баррасии воқеии парвандаи судиро зери шубҳа гузорад, пас судя уҳдадор аст, ки худраддия диҳад. Дар тамоми давраи фаъолияти касбии судя мустақилият ва воқеият бояд ҳамчун ду боли ҳаракатдиҳандаи механизми судӣ хизмат намояд.

**Принсипи бовиҷдонӣ ва холисӣ**. Ин принсип шарти дигари иҷрои дахлдори салоҳияти судя буда, ин ду мафҳум атрибути адолатнокӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Судя ҳангоми фаъолияти касбии хеш бояд аз ҳама гуна амале, ки бовиҷдонӣ ва холисии ӯро зери шубҳа мегузоранд, даст кашад.

Меъёрҳои Бангалорӣ тақозо менамоянд, ки судя бояд рафтор, гуфтор ва ҳарактҳои холисонае нишон диҳад, ки он ҳатто барои назораткунандаи бетараф низ маълум бошад. Судя набояд ба тариқи оммавӣ амалҳоеро маҳкум кунад, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи ӯ ҷой доранд. Чунин рафтор дурӯягии ӯро дар назди ҷомеа нишон дода, ба паст гардидани эътимоди шахсӣ, ҳатто дар маҷмуъ ба паст гардидани мақоми низоми судӣ оварда мерасонад.

Бовиҷдонӣ ва холисии судя бояд дар рафтор, гуфтор, ҳаракатҳои мурофиавӣ ва ғайрихидматии судя таҷассум ёфта, дар моҳияти қарори судии қабулшаванда инъикос гардида, ба баланд гаштани эътимоди халқ ба ҳокимияти судӣ ва ҷомеаи судяҳо мусоидат намояд.

---

[228] Ниг.: Gregory v. United Kingdom, European Court of Human Rights, (1997) 25 E.H.R.R. 577.

Принсипи риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва намоиш додани риояи онҳо қисми ҷудонашавандаи фаъолияти судяҳо мебошад. Риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар Принсипҳои Бангалорӣ дар бандҳои 4.1 - 4.16 омадааст, ки судя ҳангоми амалӣ гардонидани ҳама гуна ҳаракатҳои ба вазифааш вобаста меъёрҳои этикаро риоя мекунад ва ба рафтори нодуруст роҳ намедиҳад.

**Принсипи баробарӣ**. Ин принсип таъмини муносибати баробар барои ҳамаи тарафҳои мурофиаи судӣ буда, барои ба тариқи дахлдор иҷро гардидани вазифаҳои судя аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Судя барои таъмини баробарии тарафҳо бояд, ки тамоми санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро риоя намуда, қарзи судягии хешро тавре иҷро намояд, ки ба ҳеҷ як тараф афзалият надиҳад, ба табъиз роҳ надиҳад, принсипи мубоҳисавии тарафҳоро таъмин намуда аз таассуб дур бошад, мурофиаи судиро холисона барад. Ҳангоми пешбурди мурофиаи судӣ судя бояд тафовутҳои фарҳангии тарафҳоро ба инобат гирад, аз эродҳои пастзанандаи шаъну эътибор худдорӣ кунад, аз рӯйи эҳтиром ва ботакаллуф муносибат намояд.

**Принсипи босалоҳиятӣ ва кӯшишу ғайратнокӣ**. Босалоҳиятӣ ва кӯшишу ғайратнокӣ шарти асосии иҷрои вазифаҳои судя мебошад. Салоҳиятнокӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои судягӣ дониши ҳуқуқӣ, таҷрибаи дахлдор ва тайёрии касбиро талаб менамояд. Зери мафҳуми кӯшишу ғайратнокӣ солимии баҳодиҳӣ, воқеъбинона ва боадолатона баровардани қарор ва таъҷилият дар фаъолият фаҳмида мешавад.

Таваҷҷуҳи ҳамешагии ҷомеа судяро водор месозад, ки нисбати хеш маҳдудиятҳои зиёдеро қабул намояд ва судя онҳоро бо хоҳиши худ озодона қабул менамояд. Ин дар суратест, ки чунин маҳдудиятҳо барои шаҳрванди оддӣ гарон мебуд. Судя дар фаъолияти худ бояд намуна бошад, дар байни омма худро идора карда тавонад.

Дар банди 10-и Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ таъкид гардидааст, ки «шахсоне, ки ба вазифаи судя пешниҳод

мегарданд, бояд, ки дар худ сифатҳои баланди ахлоқӣ дошта бошанд. Дар банди 13-и он бошад, омадааст, ки ҳангоми ба вазифаи баланд таъин намудани судяҳо дар давлатҳои аъзо дар қатори дигар талаботҳо ба сифатҳои ахлоқии судя диққат дода шавад[229].

Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд, дар Конгресси 8-уми СММ оид ба пешгирии ҷиноятткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон дар шаҳри Гаванаи Куба (27 август-7 сентябри соли 1990) қабул гардид. Принсипҳои роҳбарикунанда дар асоси қарори Конгресси 7-ум оид ба зарурати коркарди ин санад дар самти интихоб, тайёрии касбӣ ва мақоми шахсони тафтишоти судиро баамалбароранда қабул гардида, онҳо бо мақсади расонидани ёрӣ ба давлатҳои аъзо пешниҳод мегарданд[230]. Мақсад аз онҳо таъмин намудан ва баланд бардоштани самаранокӣ, мустақилият ва адолатнокии шахсоне мебошад, ки ба тафтишоти судӣ машғуланд. Принсипҳои роҳбарикунанда бояд аз ҷониби ҳукуматҳои аъзо ҳангоми таҳияи қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи он ба инобат гирифта шуда, ба маълумоти судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, шахсони мансабдори ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор ва дар маҷмуъ ба шаҳрвандон расонида шаванд.

Санади мазкур масъалаҳои интихоб, тайёрии касбӣ, тахассусӣ, мақом ва шарти хидмат, озодии ақида ва ассотсиатсия, нақш дар мурофиаи ҷиноятӣ, вазифаҳои дискретсионӣ (озодона), тафтишоти судии алтернативӣ ва муҷозотро дар бар мегирад. Бояд тазаккур дод, ки ин принсипҳо асосан ба тафтишоти судии ҷиноятӣ тааллуқ доранд.

Дар мақом ва шарти хидмати ин санад қайд гардидааст, ки шахсони амаликунандаи тафтишоти судӣ ҳамчун намояндагони муҳими

---

[229] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

[230] Ниг.: Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

низоми баамалбарории адолати судии ҷиноятӣ бояд ҳамеша шаъну шараф ва эътибори касбиашонро нигоҳ доранд.

Хулоса принсипҳои меъёрҳои байалмилалӣ аз бисёр ҷиҳат, аз ҷумла дар самти мустақилият, таъмини баробарии тарафҳо, босалоҳиятӣ, беғаразӣ, холисӣ ва бовиҷдонӣ бо Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон умумият дошта, ин принсипҳо барои босифат ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ накши муҳим мебозанд.

## б) Этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои этикаи судяи мамлакатҳои хориҷӣ

Сифатҳои шахсӣ-касбӣ ва асосҳои ахлоқии фаъолияти судя ҳамеша дар маркази таҳқиқи ҳуқуқшиносон, олимон ва онҳое, ки ба амалия сару кор доранд, қарор дошт[231].

Ба ақидаи мо доштани сатҳи баланди ҷаҳонбинӣ ва ахлоқӣ барои судя, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо бояд дар қатори талаботҳои аввалин ва меҳварии асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб ва таъини судяҳо ҷой дода шавад.

Қоидаҳои этикии рафтори судяро метавон аз рӯйи асосҳои сарчашмаи мустаҳкамкунӣ ва предмети танзимнамоӣ тақсим намуд.

Вобаста ба сарчашмаҳои мустаҳкамкунӣ қоидаҳои рафтори судя ба меъёрӣ, ғайримеъёрӣ ва казуалӣ ҷудо мешаванд. Вобаста ба предмети танзимнамоӣ қоидаҳои рафтори судя ба талаботи умумӣ нисбати судя, қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти касбии судя ва қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти ғайрикасбии судя, ки барои вайрон кардани талаботи этикаи судя ҷавобгарӣ муқаррар кардааст, ҷудо мешаванд[232].

Ба қоидаҳои рафтори меъёрӣ меъёрҳои қонунгузорӣ дохил мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои рафтори меъёрии судя аз

---

[231] Ниг.: Проблемы судебной этики / под ред. М.С. Строговича. – М., 1974. – С. 7; Кокорев Л.Д., Котов В.П. Этика уголовного процесса: учеб. пособие. – Воронеж, 1993. – С. 8-9; Кобликов А.С. Юридическая этика. – М., 1999. – С. 24-25.

[232] Ниг.: Пейсиков В.В. Правовые и организационные аспекты отбора, подготовки и повышения квалификации судей: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 99-100.

принсипҳо ва талаботи Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ иборат мебошанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ҳуқуқии талабот нисбат ба судя, аз ҷумла ҷанбаҳои ахлоқии ӯро ба танзим медароранд ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои мурофиавӣ; барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Низомномаи Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Мувофиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад ва ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз баррасӣ намояд. Инчунин мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад ба истисноӣ мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад ва он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд[233]. Ҳангоми дар фаъолитяи суд амалӣ намудани меъёрҳои дар боло зикргардидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавӣ онҳо бо меъёрҳои этикӣ бархурд менамоянд. Чунончи, мафҳумҳои адолати судӣ, беғаразӣ, холисӣ ва босалоҳиятӣ принсип ва вазифаҳои ахлоқ буда, онҳо дар як вақт ҳам ба сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ баромад менамоянд. Худи тарзи мубоҳисавии пешбурди мурофиаи судӣ ва ошкоро гузаронидани он низ дар баробари талаботи ҳуқуқӣ буданаш мазмун ва ҷанбаи ахлоқӣ дорад.

Дар баробари Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаи одоби судя дар барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои солҳои 2019-2021 низ қайд

---

[233] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷиикистон аз 6 ноябри соли 1994, моддаҳои 19, 84, 88. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи мурочиат: 20.01.2020).

гардидааст. Дар барномаи мазкур дар қатори масъалаҳои баланд бардоштани дониш ва маҳорати касбӣ инчунин масъалаи беҳдошти масъулият ва одоби судяҳо ба миён гузошта шудааст[234]. Ҳамаи ин муқаррарот ва танзими ҳуқуқӣ гувоҳи он аст, ки одобу рафтор ва гуфтору муошрати судя барои самаранок гаштани фаъолияти касбии ӯ, ки ба амалӣ гардонидани адолати судӣ равона шудааст, аҳамияти бузург доранд. Дар санади мазкур масъалаи тақвият бахшидани масъулияти судя ба миён гузошта шудааст, ки ин ҷанба аз муҳим будани он барои фаъолияти судя бори дигар гувоҳӣ медиҳад, зеро масъалаи масъулият дар қонунгузории давлатҳои таҳқиқшаванда ва Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Ин худ тақозои он аст, ки масъулияти касбии судя бояд дар сатҳи илмӣ ҳамчун меъёри ахлоқӣ шинохта шавад.

Дар баробари Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ масъалаи тақвият додани шаффофият ва беғаразии судя ва кормандони мақомоти судӣ ҳамчун афзалиятҳои асосӣ барои рушди Тоҷикистон дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020[235] таъкид гардидааст.

Бешубҳа, санаде, ки аз ҳама бештар ҷабҳаҳои ахлоқии судяро фаро гирифтааст, Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти судяро танзимкунанда бо раванди инкишоф, такмил ва таҳким ёфтани ҳокимияти судӣ дар се марҳила мавриди ворид намудани тағйиру иловаҳо қарор дода шуда, дар таҳрири нав қабул гардидааст:

1) 9 октябри соли 2004;
2) 29 ноябри соли 2013;

---

[234] Ниг.: Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 аз 19 апрели соли 2019, №1242, ш. Душанбе, банди 8. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

[235] Ниг.: Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст, бандҳои 2.1, 3. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/(санаи муроҷиат: 21.01.2020).

3) 30 марти соли 2018.

Кодекси одоби судя дар таҳрири нав аз 30 марти соли 2018 бо назардошти тағйири сохтори судӣ ва дар сатҳи конститутсионӣ барҳам хурдани Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун Шурои коллегиалӣ фаъолият менамуд, қабул гардид.

Кодекси одоби судя бо қарори Конфронси Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти овозҳо қабул гардид, ки аз 4 боб ва 22 модда иборат мебошад. Дар дебочаи он қайд мегардад, ки судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини принсипҳои фаъолияти судӣ, риояи қоидаҳои одоби касбӣ, меъёрҳои ахлоқию маънавӣ зимни амалӣ намудани адолати судӣ, софдилона ва бовиҷдонона фаъолият намудан, баланд бардоштани масъулияти шахсии судя ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои инсонӣ Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фаъолияташон зери роҳбарӣ мегиранд.

Кодекси одоби судя чунин тавсиф дода шудааст: «Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекс) санади ҷомеаи судяҳо буда, ҳуқуқҳои судя ва қоидаҳои рафтори ӯро ҳангоми баамалбарории адолати судӣ ва фаъолияти ғайрисудӣ муқаррар намуда, ба талаботи баланди ахлоқию маънавӣ, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, асос меёбад»[236].

Дар Кодекс қоидаҳои рафтори судя ҳангоми фаъолияти судӣ ва ғайрисудӣ, доираи амали он, талаботи ахлоқӣ нисбат ба судя, принсипҳои рафтори касбии ӯ, қоидаҳои рафтор ҳангоми иҷрои ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ, ҳамкорӣ бо васоити ахбори омма, бо

[236] Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2018. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.sud.tj/ (санаи муроҷиат: 22.01.2020).

мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, иштирок дар фаъолияти ҷамъиятӣ, маҳдудиятҳо вобаста ба фаъолияти мушаххас, иштирок дар ташкилотҳои ҷомеаи судяҳо ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи кодекс дарҷ гардидаанд.

Мо бо мақсади возеҳ ва равшантар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ кодексҳои этикии судяи кишварҳои зерини аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)-ро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳем:

- Кодекси этикаи судяи Федератсияи Россия;
- Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Қазоқистон;
- Кодекси шарафи судяи Ҷумҳурии Қирғизистон;
- Кодекси рафтори этикии судяи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Ниг.Замимаи 2 );

Тавре шоҳид гардидем, ҳар яке аз ин кодексҳо бо шаклҳои ҳархела ифода ёфтанд, гарчанде ки маром ва мазмуни онҳо як мебошанд. Аз ин рӯ, аснои таҳқиқ ба мазмуну моҳияти онҳо ошно мешавем. Аввалан ба чашм номҳои мухталифи кодексҳо дар шакли Кодекси этикӣ, шараф, рафтори этикӣ ва одоб бармехӯрад. Тавре олимони соҳа қайд намуданд, этика ва ахлоқ бо вуҷуди фарқияти миёни онҳо ҳамчун мафҳум метавонанд, якхела истифода шаванд ва якдигарро иваз намоянд[237]. Бинобар ин, бо истифодаи таъбири умумии Кодекси ахлоқии судя мазмун ва маънӣ тағйир намеёбад.

Яке аз умумиятҳои Кодексҳои этикаи судяи Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҳамаи онҳо аз дебочаҳо иборат буда, дар онҳо мақсади қабули Кодекс нишон дода шудааст. Умумияти дигари дебочаҳо дар он аст, ки тавассути қонунҳои милливу байналмилалӣ ва ба воситаи

[237] Ниг.: Шеретов С.Г. Профессиональная этика юриста: учеб. пособие. – 2-е изд., доп. – Алматы: АФ НОУ ВПО «СПбГУП», 2016. – С. 6.

ҳокимияти судӣ ҳифз гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар онҳо эътироф мегардад.

Мисол дар дебочаи Кодекси этикаи судяи Федератсияи Россия омадааст, ки ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон танҳо аз ҷониби суди босалоҳият ва мустақил дар асоси адолатнокӣ ва холисӣ метавонад таъмин гардад.

Дар Кодекси шарафи судяи Қирғизистон ишора ба он мегардад, ки ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби суди босалоҳият ва мустақил ба тариқи дахлдор амалӣ намудани адолати судӣ ва тақвият бахшидани боварии ҷомеа ба суд аз ҷониби судяҳо риояи бечунучарои меъёрҳои этикаи судяро тақозо менамояд. Инчунин дар дебочаи ҳамин кодекс омадааст, ки бо мақсади таъмини мустақилияти воқеии ҳокимияти судӣ аз судяҳо талаб карда мешавад, ки шаъну шарафи шахсии худро ҳифз намоянд, эътибори худро қадр кунанд, аз ҳама амалҳое, ки обрӯйи мақомоти судиро паст мезананд ва адолатнокӣ, бовиҷдонӣ, холисӣ ва босалоҳиятии судро дар амалӣ намудани адолати судӣ зери шубҳа мегузоранд, дурӣ ҷӯянд[238]. Моҳияти ин гуфтаҳо дар ҳамаи кодексҳои давлатҳои таҳқиқшаванда мавҷуд мебошад. Фарқият дар он аст, ки баъзеи ин мазмунҳо дар дебоча ва ё дар моддаҳои дигари кодексҳо омадаанд.

Дар Кодекси этикаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар баробари қонунгузории миллӣ, инчунин аҳамияти муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ, инчунин принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо дарҷ гардидааст.

Дар Кодекси шарафи судяи Ҷумҳурии Қирғизистон майлони ба принсипҳои умумипазируфташуда ва стандартҳои этикаи байналмилалӣ,

---

[238] Ниг.: Кодекс чести судей Кыргызской Республики. Принят на X Съезде судей Кыргызской Республики 19 февраля 2016 года. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://online.zakon.kz (санаи муроҷиат: 20.04.2020).

аз он ҷумла Принсипҳои Бангалории рафтори судя такя намудан мушоҳида мешавад.

Кодекси этикаи Федератсияи Россия ва Кодекси рафтори этикии судяи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шакли умумӣ ба принсипҳои умумипазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки рафтори этикии судяҳоро ба танзим медароранд, такя менамоянд.

Дар Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудан ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд ва тавассути ҳокимияти судӣ ҳифз мегарданд, зикр гардидааст.

Тавре маълум мегардад, кодексҳои этикии давлатҳои таҳқиқшаванда дар баробари қонунгузории миллӣ, инчунин ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти этикаи судӣ такя намуда, онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд.

Амали кодексҳои давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон танҳо нисбати судяҳои амалкунанда ва дар истеъфобуда паҳн мегардад.

Дар Кодекси этикаи судяи Федератсияи Россия амали кодекс нисбати судяҳои амалкунанда ва дар истеъфобуда, инчунин нисбати шахсоне, ки тибқи қонунҳои федералӣ барои иҷрои вазифаҳояшон дар амалӣ намудани адолати судӣ иштирок менамоянд, паҳн мегардад.

Дар ин замина хусусияти Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки доираи амали он дар баробари судяҳо ва судяҳои дар истеъфобуда, нисбати машваратчиёни халқӣ низ паҳн мегардад, чунки онҳо тибқи қонунгузорӣ дар амалӣ гардонидани адолати судӣ иштирок менамоянд. Аммо кодексҳои этикаи судяҳои ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия нисбати машваратчиёни халқӣ паҳн гардидани амали кодексро дар бар нагирифтаанд.

Машваратчии халқӣ шахсест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дар баррасии дастаҷамъонаи парвандаи ҷиноятӣ иштирок намуда, ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ мавқеи худро баён месозад.

Иштироки машваратчии халқӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ намунаи муҳими иштироки намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар барқарор намудани адолати судӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нақши машваратчии халқӣ ва талаботи ахлоқӣ маҳз мушаххас бо ишора ба номи ӯ дар канор мондааст, гарчанде ба тариқи умумӣ паҳн гардидани талаботи кодексҳои этикӣ номбар шудааст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо машваратчии халқӣ ҳамчун шахсият бояд дорои хислати баланди ахлоқӣ, эътибори шахсӣ, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи бойи ҳаётӣ ва дар рафтору гуфтор хушмуомила ва мулоҳизакор бошад. Маҳз ҳамин сифатҳо ба он мусоидат менамоянд, ки тафтишоти судӣ ҳаматарафа, воқеӣ ва пурра гузаронида шуда, ба адолати судӣ сифату самара бахшада шавад.

Умумияти дигари талаботи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кодексҳои этикии судяи Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон аз он иборат аст, ки дар ҳамаи онҳо принсипҳои этикаи судя муқаррар гардидааст ва тафовут дар он аст, ки дар яке ин принсипҳо камтар ва дар дигаре бештар мебошанд. Таҳқиқ нишон дод, ки дар кодексҳои давлатҳои таҳқиқшаванда принсипҳои мустақилият, холисӣ ва беғаразӣ, таъмини баробарӣ, салоҳиятнокӣ ва бовиҷдонӣ умумият доранд ва якхела номбар карда шудаанд. Дар тамоми раванди таҳқиқи моҳияти кодексҳо мушоҳида мешавад, ки масъулияти дарк намудан ва дар фаъолияти касбӣ ва ғайрихизматӣ амалӣ намудани принсипҳои умумипазируфташудаи этикӣ ба уҳдаи судя ҳамчун шахси масъули мурофиаи судӣ вогузор карда шудааст. Судя моҳияти ин принсипҳоро бо дарки баланди қарзи касбӣ ва уҳдадорие, ки қонунгузорӣ ба ӯ вогузор намудааст, амалӣ менамояд.

Дар Кодекси шарафи судяи Ҷумҳурии Қирғизистон принсипҳои кӯшишу ғайратнокӣ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва дар Кодекси рафтори этикии судяи Ҷумҳурии Ӯзбекистон принсипҳои адолатнокӣ ва муносибати байниҳамдигарӣ бо ҳамкасбон ва зертобеон омадааст, ки ин ҳолат хоси кодексҳои дигар давлатҳо нест. Аз ҷониби дигар оё «риояи

меъёрҳои ахлоқӣ» ва «муносибати байниҳамдигарӣ бо ҳамкасбон ва зертобеон» принсип шуда метавонанд ё не ин масъалаи дигар аст.

Дар Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Қазоқистон принсипҳо бевосита дар шакли алоҳида номбар нашуда бошанд ҳам, вале дар муҳтавои моддаҳои он принсипҳо номбар гардидаанд. Чунончи, дар дебочаи Кодекс аҳмият ва риояи муқаррароти принсипҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ, Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо ва қоидаҳои рафтори судяҳо дар бораи мустақилият, воқеият, бовиҷдонӣ, холисӣ, баробарӣ, риояи меъёрҳои этикӣ, босалоҳиятӣ ва ғайратнокӣ қайд гардидаанд.

Ҳамин тариқ, кодексҳои этикии судяҳои давлатҳои таҳқиқшаванда нисбати судяҳо ва дигар шахсоне, ки талаботи кодексҳо ба онҳо паҳн мегарданд, талаботи этикии махсус мегузоранд, ки ин талабот низ аксар вақт умумият дошта, дар баъзе ҳолатҳо танҳо хусусияти кодекси этикаи судяи давлати алоҳидаро касб мекунанд.

Риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти касбӣ ва берун аз касбии судя бояд ба яке аз унсурҳои муҳим ва таркибии ҳаёти судя табдил ёбад. Таваҷҷуҳи ҷомеаи муосир ва шаҳрвандӣ нисбат ба судя баланд буда, он ба рафтори ӯ чӣ ҳангоми фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбӣ равона гардида, дар натиҷа зери афкори умум мавриди баҳогузорӣ қарор мегирад. Бинобар ин, судяро лозим меояд, ки дар баъзе ҷабҳаҳои ҳаёти шахсиаш нисбати худ маҳдудиятҳо гузорад ва ҳамеша ба худ чунин суол диҳад: «Ин гуфтор ва ё рафтор дар чашми ҷомеа чӣ гуна менамояд?»

Омӯзиши таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар баробари Кодекси одоби судя, Кодекси одоби хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ки он нисбат ба кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ паҳн мегардад. Кодекси мазкур бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.12.2015, №591 тасдиқ гардидааст. Дар баробари ин дар дигар вазорату идораҳо низ кодекси одоби касбии

кормандони мақомоти дахлдор амал мекунад. Масалан, Кодекси одоби касбии кормандон ва хизматчиёни ҳарбии мақомоти корҳои дохилӣ, ки бо Фармоиши Вазири корҳои дохилӣ аз 19.06.2011, №11б/з тасдиқ гардидааст. Мувофиқи мақсад мебуд, агар нисбат ба кормандони мақомоти судӣ кодекси алоҳидаи этикаи кормандони мақомоти судӣ қабул мегардид, зеро вазифа ва хусусиятҳои фаъолияти кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ аз дигар хизматчиёни давлатӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Яке аз умумиятҳои Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кодексҳои давлатҳои таҳқиқшаванда аз он иборат аст, ки судя ҳангоми вазъияти мураккаб ва мушкилӣ кашидан бо мақсади муайян намудани мувофиқати рафтораш ба қоидаҳои этикаи судя вобаста ба парвандаҳои мушаххас ва ё дигар масъалаҳои ғайрикасбӣ метавонад, ба мақоми дахлдори ҷомеаи судяҳо муроҷиат намояд. Ин мақом дар Тоҷикистон Комиссияи Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одоб буда, он метавонад, ба судя оид ба муроҷиати мушаххас хулосаи худро пешниҳод намояд. Дар кодекси миллӣ барои судя чӣ аҳамият доштани хулосаи Комиссияи мазкур дарҷ нагардидааст, вале дар Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Қазоқистон аҳамияти тавсиявӣ доштани чунин хулоса қайд шудааст.

Дар Кодекси рафтори этикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба як масъалаи хеле муҳим намуди зоҳирӣ ва эстетикии судя диққат дода шудааст, ки ин меъёр танҳо хоси ҳамин кодекс аст. «... судя бо намуди зоҳирӣ, хоксорӣ ва одигии худ бояд барои дигарон намуна бошад. Судя набояд либоси аз ҳад зиёд диққатҷалбкунанда, ҷавоҳирот ва лавозимотро ба бар кунад»[239].

Ба андешаи мо, судяҳо дар баробари он ки ҳуқуқи дигаронро ҳифз мекунанд, бояд дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои хеш низ ғамхорӣ намоянд. Гарчанде қонунгузор ҳуқуқҳои онҳоро ҳамаҷониба ҳифз

---

[239] Ниг.: Кодекс этического поведения судей. Утвержден постановлением Высшего судейского совета Республики Узбекистан от 29 января 2018 года, № СОКҚ–490-III. ст. 17. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.uz/ru, (санаи муроҷиат: 20.04.2020).

менамояд, вале онҳо низ баъзан ба маслиҳати ҳуқуқию ахлоқӣ ва дастгирии маънавӣ эҳтиёҷ доранд. Аз ин рӯ, ҳангоми баамалбарории адолати иҷтимоӣ зери таъсиррасонӣ ва фишори намояндагони дигар шохаҳои ҳокимият, шахсони мансабдор ва дигар шахсиятҳои манфиатдор қарор гирифтани судя танҳо иттиҳодияҳо ва ё созмонҳои судяҳо метавонад ин вазифаро иҷро намояд. Ба ҳамин монанд дар меъёрҳои байналмилалӣ низ қайд гардидааст.

Иттиҳодияҳои тахассусии аз ҷониби судяҳо таъсисдодашудае, ки онҳо метавонанд, озодона ҳамроҳ шаванд, ба он мусоидат менамоянд, ки қисман ҳуқуқ ва мақоми онҳоро дар назди ҳокимияти иҷроия ва дигар зинаҳое, ки дар қабул намудани қарорҳои ба онҳо дахлдошта иштирок менамоянд, ҳифз карда шавад (банди 1.7)[240]. Воқеан, ин банди Хартия ба таъмини ҳуқуқу озодиҳо, мустақилият, холисӣ ва беғаразии судяҳо нигаронида шудааст. Ҳангоми қабули қарори боадолатона, холисона ва беғаразона, ки судя тибқи талаботи қонунгузорӣ онро қабул намудааст ва эҳтимоли мавҷуд будани таъсиррасонӣ аз ҷониби зинаҳои (мақомҳои) дар мурофиа иштироккунанда бошад, пас судя метавонад аз дастгириҳои рӯҳӣ ва маънавии иттиҳодияҳои ҷомеаи судяҳо, ки аз ҷониби худи онҳо таъсис дода шудааст, бархӯрдор гардад.

Баъзан дар моддаҳои алоҳидаи кодексҳои давлатҳо маҳдудиятҳо вобаста ба фаъолияти судя тамоми самти фаъолияти ӯро дар бар нагирифта бошад ҳам, вале онҳо ё дар дебоча ва ё дар моддаҳои алоҳидаи кодексҳо дарҷ гардидаанд, ки мо таҳлили ҳуқуқии онҳоро мувофиқи мақсад шуморидем. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар кодексҳои давлатҳои таҳқиқшаванда маҳдудиятҳо нисбати судя ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) маҳдудиятҳои ба фаъолияти касбӣ алоқамандбуда;

б) маҳдудиятҳои ба фаъолияти ғайрихизматӣ алоқамандбуда.

---

[240] Ниг.:Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

Дар Кодекси этикаи судяи Федератсияи Россия[241] ва Кодекси рафтори этикии судяи Ӯзбекистон[242] қайд мегардад, ки судя метавонад ба фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ, эҷодӣ ва ҷамъиятӣ машғул шавад, агар ин ба қонунгузории ин давлатҳо мухолиф набошад ва ба татбиқи адолати судӣ халал нарасонад. Ин талабот дар ҳамаи кодексҳои таҳқиқшаванда омадааст, вале таъбири «ба татбиқи адолати судӣ халал нарасонад» ба он ҳусни маҳдудияти хос бахшидааст. Ин нуқта дар аввал назарногир намояд ҳам, вале хеле муҳим аст, зеро агар судя ба фаъолияти мазкур пайваста машғул шавад, пас фаъолияти хеле масъулиятноки ӯ, яъне баамалбарории адолати судӣ метавонад, камсамар гардад.

Кодекси рафтори этикии судяи Ӯзбекистон ҳангоми вайрон гардидани талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби кормандони дастгоҳи судҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судӣ андешидани чораҳои дахлдорро ба судя вогузор менамояд (м. 4), ки чунин меъёр дар кодексҳои дигар давлатҳои таҳқиқшаванда ба назар намерасад ва шояд аз он нуқтаи назар бошад, ки ин муқарраротро меъёрҳои мурофиавӣ ба танзим даровардаанд.

Дар қонунгузории Тоҷикистон талаботи меъёрҳои мушаххаси ахлоқӣ (этикӣ) нисбати судя танҳо дар қонунгузории соҳавӣ дарҷ гардидааст.

Дар асоси таҷрибаи давлатҳои мазкур мо бо олими тоҷик Х.М. Мирзамонзода ҳамфикрем, ки дар сатҳи конститутсионӣ нисбати номзад ба вазифаи судя муқаррар намудани талабот дар бораи доштани сифатҳои баланди этикӣ-ахлоқӣ мувофиқи мақсад мебошад[243].

---

[241] Ниг.: Кодекс судейской этики, утвержден VIII Всероссийским съездом судей от 19 декабря 2012 года (с изменениями на 8 декабря 2016 года), ст. 5 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ksrf.ru/ (санаи мурочиат: 21.04.2020).

[242] Ниг.: Кодекс этического поведения судей. Утвержден постановлением Высшего судейского совета Республики Узбекистан от 29 января 2018 года, № СОКҚ–490-III, ст. 18. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.uz/ru (санаи мурочиат: 20.04.2020).

[243] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан / под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – С. 113.

Аз ҷониби судя риоя нагардидани талаботи меъёрҳои Кодекси одоби судя метавонад тибқи қонунгузорӣ боиси ҷавобгарӣ гардад.

Тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани судяро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон» дар баробари дигар ҳолатҳо барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ менамояд:

- барои дағалона вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дархосту пешниҳодҳо;

- барои риоя накардани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ;

- барои кирдоре, ки обрӯйи ҳокимияти судӣ ва шаъну эътибори судяро паст мезанад;

- барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон[244].

Оғози парвандани интизомӣ ба салоҳияти Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нисбати ҳамаи судяҳо ба истиснои судяҳои судҳои иқтисодӣ), Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нисбати ҳамаи судяҳои судҳои иқтисодӣ) ва дигар раисони суди ВМКБ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе нисбати раисон, муовинони онҳо, судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия мутаносибан бо ҳудуди ҷойгиршавии онҳо мансуб аст. Раисони судҳо дар ин бора қарор қабул намуда, онро бо маводи таҳияшуда ба Коллегияи тахассусии судяҳо барои баррасӣ ирсол менамоянд. Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёри байналмилалӣ аҳён-аҳён мушоҳида мешавад ва ба судяҳое, ки нисбаташон муҷозоти интизомӣ татбиқ мегардад, пешниҳод мегардад, ки барои интихоб гардидан ба судҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, ки

---

[244] Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон” аз 26 июли соли 2014, № 1084, м. 123-127. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.01.2020).

нисбатан минтақаи дуртар аз маркази ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, ризоияти хешро диҳанд. Чунин таҷрибаи Тоҷикистон вобаста ба ҷобаҷогузории судя бо сабабҳои чораи қонунии интизомӣ андешидан ба талаботи Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо мувофиқат менамояд (банди 3.4).

Коллегияи тахассусии судяҳо дар доираи салоҳияти хеш нисбати судя қарорҳои зерин қабул менамояд:

- татбиқи ҷазои интизомӣ;
- қатъ намудани парвандаи интизомӣ;
- фиристодани мавод ба мақомот ё шахсони мансабдор, ки ҳуқуқи овардани пешниҳод дар бораи озод ё бозхонд намудани судяро доранд.

Вобаста ба ҳолати кор Коллегияи тахассусии судяҳо ҷазоҳо ба монанди огоҳӣ ва сарзанишро метавонад татбиқ намояд (м. 127).

Аъзои Коллегияи тахассусии судяҳо аз 11 нафар иборат буда, бо тартиби муқаррапгардида аз ҳисоби ҷомеаи судҳои ҷумҳурӣ дар Конфронси иттиҳодияи ҷамъиятии Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи ошкоро ва ё пинҳонӣ интихоб карда мешаванд (м. 111, 112 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон»).

Ақидаҳое низ мавҷуданд, ки нисбати судя ҷорӣ намудани ҷавобгарии интизомӣ зидди талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мебошад ва чунин муносибат бинобар мақоми махсуси ҳуқуқии судя – кафолати мустақилият ва дахлнопазирӣ доштани ӯ мумкин нест. Чунин далелҳо беасос мебошанд, зеро меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо ва дигар санадҳои байналмилалии соҳа татбиқи ҷавобгарии интизомиро нисбати судя пешбинӣ намудаанд.

Ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани судя бояд бо ризоияти зинаи судӣ ва ё дигар зинае, ки на камтар аз нисфи аъзои онро судяҳои

интихобшуда ташкил менамоянд, дар доираи принсипи ошкоро сурат гирад[245].

Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ муқаррар менамояд, ки айб эълон кардан ва шикоят овардан аз болои судя ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ бояд бе таъхир ва холисона бо тартиби бо қонун муқарраргардида баррасӣ карда шавад. Дар чунин ҳолат бошад, судя ба таҳқиқ ва мурофиаи одилона ҳуқуқ дорад. Баррасӣ ва муҳокимаи шикоят дар марҳилаи аввал бояд, ки пӯшида ё махфӣ гузаронида шавад, агар худи судя тартиби дигари пешбурди мурофиаро хоҳиш накунад. Тамоми тартиби муҷозот ва бартарафсозӣ бояд, ки дар асоси қоидаҳои муқарраргардидаи судӣ сурат гирад. Қарор дар бораи муҷозоти маъмурии судя, аз мансаби ишғолнамуда озод намудан бояд предмети санҷиши мустақил қарор дода шавад. Ин тавсияҳо муваққатан ё ба тариқи доимӣ аз мансаб дур кардани судяро бо сабаби бесалоҳиятнокӣ, қобилияти аз иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ набаромадан ё рафторе, ки ба мансаби ишғолнамуда мувофиқат намекунад, пешбинӣ менамояд.

Дар Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ муҷозот дар шакли муваққатан аз иҷрои вазифа дур намудан ва аз вазифа сабукдӯш намуданро пешбинӣ намудааст. Чунин муҷозот бо сабабҳои айбдоркунӣ, ворид шудани шикоят аз болои судя, аз иҷрои вазифаҳои мансабӣ набаромадан, номувофиқатии ишғоли вазифа бинобар рафтори ғайриахлоқӣ татбиқ карда мешаванд. Баррасии шикоятҳо аз болои судя дар марҳилаи аввал бояд махфӣ гузаронида шуда, қарор дар бораи муҷозот бояд, ки предмети санҷиши мустақил бошад (банди 17, 18, 19, 20)[246].

[245] Ниг.: Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо:http://www.coe.int. (санаи муроҷиат 28.02.2021).
[246] Ниг.: Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:https://www.un.org/ (санаи муроҷиат 26.02.2021), бандҳои 17,18,19,20.

Таҷрибаи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани судя дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Хартияи Аврупоӣ дар бораи мақоми судя мувофиқат менамояд. Бешак чунин муқаррароти қонунгузории миллӣ бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти судя дар иҷрои вазифаи пурмасъул баҳри амалӣ намудани адолати иҷтимоӣ ва ҳамзамон нигоҳ доштани мақом, нуфӯз, мустақилият ва таъмини дахлнопазирии ӯ роҳандозӣ карда шудааст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд нисбати шахсе, ки нисбати ҳуқуқҳои дигарон бетараф набуд, бетарафӣ зоҳир нанамояд. Бинобар ин, ба судя бояд барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳояш имкониятҳои бо қонун кафолатдодашуда дода шавад.

Зимни омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявӣ ва заминаҳои ҳуқуқии этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ, судя ва санадҳои байналмилалии этикии судя вобаста ба ҷабҳаҳои афзалиятноки интихоб, таъин намудан, ҷобаҷогузорӣ, рафтор, одоб, пешбурди мурофиаи судӣ, таълим ва такмили ихтисос як қатор пешниҳодҳо манзур мегардад:

1) Яке аз тафовутҳои асосӣ дар ифодаи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, зеро одоб дар забони русӣ маънои «воспитание»-ро дода, дар адабиёти ҳуқуқӣ он маънои этика ва ахлокро намедиҳад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки калимаҳои «Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад, зеро дар ин ҳолат он ба мантиқ, таъбири адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшаванда бештар мувофиқат хоҳад намуд;

2) Бинобар вазифа ва хусусияти фарққунанда доштани фаъолияти кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад, ки нисбат ба кормандони мақомоти судӣ Кодекси этикаи кормандони мақомоти судӣ таҳия ва қабул карда шавад;

3) Бо назардошти нақши муҳим доштани этика дар пешбурди мурофиаҳои судӣ, ҳалли одилона ва холисонаи масъалаҳои судӣ

пешниҳод мегардад, ки дар давраҳои такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо давраҳои омӯзиши меъёрҳои этикаи миллӣ ва байналмилалӣ бо давомнокии на камтар аз 20 соат амалӣ карда шавад;

4) Бинобар аҳамияти муҳим доштани этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ барои фаъолияти ҳуқуқуқшиносони касбӣ, ки масъули таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, пешниҳод мегардад, ки омӯзиши этикаи ҳуқуқшиносӣ (этикаи муфаттишӣ, прокурорӣ, адвокатӣ ва судя) ҳамчун предмети алоҳидаи таълимӣ дар барномаҳои факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳ ва донишкадаҳои ҷумҳурӣ гузошта шавад;

5) Бо назардошти эътимоди баланд ва интизориҳои ҷомеа ба ҳокимияти судӣ ва судя пешниҳод мегардад, ки талабот нисбати номзад ба вазифаи судя ва судяҳо дар сатҳи қонунгузорӣ пурзур карда шуда, низоми ягонаи талабот нисбати ин касби пурмасъулу пуршараф, ки мазмуну моҳияти умумӣ ва ягона дорад, коркард карда шавад;

6) Бинобар аҳамияти муҳим доштани ахлоқу одоби судя дар баамалбарории адолати судӣ пешниҳод мегардад, ки дар талаботи номзад ба вазифаи судя дар сатҳи қонунгузорӣ пешниҳод намудани на камтар аз се тавсиянома оид ба мутобиқ будани ахлоқу одоб ва маданияти муоширати ӯ барои ишғоли мансаби судя гузошта шавад;

7) Масъалаҳои шаффофият, масъулият, эътибори шахсӣ, кӯшишу ғайратнокӣ ҳамчун вазифа ва принсипи этикаи судя ва дигар касбиятҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ эътироф карда шаванд, зеро онҳо дар муҳтавои талаботи баъзе давлатҳо номбар гардида, инчунин барои фаъолияти судя аҳамияти калони ҳуқуқию ахлоқӣ доранд;

8) Бинобар аҳамияти ҷиддӣ доштани вазъи молиявӣ дар фаъолияти судя мувофиқи мақсад мебуд, агар бо беҳтар гаштани вазъи молиявии ҷумҳурӣ ва буҳрони молиявии ҷаҳонӣ маоши судяҳо таҷдиди назари мутахассисони соҳа қарор дода мешуд, зеро вазъи моддии судя

дар меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба фаъолияти судя ҳамчун яке аз унсурҳои мустақилияти ӯ қайд гардидааст.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо ва меъёрҳои этикии судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалию давлатҳои хориҷӣ, мо ба хулосаи зерин омадем:

1. Омӯзиши асосҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои танзимкунандаи интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз судяҳо ва меъёрҳои этикии судяҳо аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX то солҳои 20-уми асри XXI дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки асосҳои ҳуқуқии мазкур вобаста ба талаботи замон, такмили сохтори судӣ ва тобеияти идоравии он пайваста ташаккул ёфта, аз рӯйи моҳият ва мазмуни худ ба принсипҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои байналмилалии фаъолияти судҳо ҳамоҳанг гардида, дар раванди интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо накши муассири хешро гузоштанд. Ҳамин тариқ, ин меъёрҳо ба ҳайси унсурҳои асосии фаъолияти босамари ҳокимияти судӣ баромад намуданд, аз ҷумла инихоби сифатии судяҳо яке аз омилҳои асосии мустаҳкам гаштани мақом ва нуфузи ҳокимияти судӣ дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳисоб рафта, мустақилият, беғаразӣ ва холисии онро таҳким бахшидааст **[1-М].**

2. Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои интихоб, таъин, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо дар як давраи на чандон тӯлонии таърихии баъди истиқлолияти давлатӣ ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ мутобиқ гардонида шуда, бо назардошти ташаккули фаъолияти судҳо, такмили сохтори судӣ ва тобеияти идоравӣ аз ҷониби мо ба 3 давра гурӯҳбандӣ карда шудааст:

- Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Вазорати адлия;

- Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Шурои адлия;

- Низоми интихоб ва тайёр намудани судяҳо дар давраи фаъолияти Суди Олӣ **[1-М].**

3. Қиёси ҳуқуқӣ ва дигар усулҳои таҳқиқ аз ҷумла, масъалаҳои назариявӣ ва амалии интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо, номзад ба вазифаи судя ва меъёрҳои этикаи касбии судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ ба мавзуи аз ҷониби муаллиф таҳқиқшаванда равшанӣ андохта, ҷанбаҳои мусбат ва афзалиятноки соҳаро рӯйи кор овард. Усулҳои таҳқиқи мазкур асос барои пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати такмил додани қонунгузории миллӣ гардиданд. Таҳқиқи санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Хартияи аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо, Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо, Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ, Стандартҳои минималии мустақилияти судяҳо, Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо ва таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ ба он мусоидат намуд, ки дар асоси ҷабҳаҳои афзалиятноки талабот нисбат ба судя, номзад ба вазифаи судя ва талаботи меъёрҳои этикаи касбӣ пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузории миллӣ ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти соҳа манзур карда шавад. Истифодаи усулҳои мазкур имконият фароҳам овард, ки вазифаҳои гузошташудаи илмӣ ва амалӣ ҳамаҷониба ва воқеӣ ҳалли худро пайдо намоян **[7-М].**

4. Доштани таълими умумии ҳуқуқшиносӣ барои онҳое, ки бе гузаштан аз мактаби коромӯз-судя ба мансаби судя таъин гардидаанд, барои пешбурди дахлдори фаъолияти судягӣ кофӣ нест. Зеро дар таҷриба судяҳое, ки бе гузаштани давраи тайёрии касбӣ мустақиман ба вазифаи судя таъин гардидаанд, дар фаъолияти касбиашон ҳолатҳои зиёди тағйирёбӣ ва бекоршавии санадҳои судии қабулнамудаи онҳо мушоҳида мегардад. Бинобар ин солҳои охир мактаби коромӯз-судя таҷрибаи бе

таълими касбии махсус интихоб ва таъин гардидани номзад ба вазифаи судяи бори аввал таъиншавандаро қариб аз байн бурд. Дар чаҳор барнома ба раванди таълими ҳуқуқҳои моддию мурофиавӣ фаро гирифта шудани коромӯз-судя ва гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар судҳо, иштироки бевосита дар мурофиаҳои судӣ ва таҳияи лоиҳаҳои санадҳои судӣ ба он мусоидат менамояд, ки коромӯз-судя ба фаъолияти минбаъдаи судягӣ ба хубӣ омода гардад. Аз ин лиҳоз, мактаби коромӯз-судяро ҳамчун ниҳоди муваффақи омодагӣ ба фаъолияти судягӣ метавон арзёбӣ намуд **[5-М].**

5. Зимни таҳқиқот мо раванди таълими тайёрии кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва таълими касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраҳои зерин ҷудо намуда, мафҳумҳои онҳоро пешниҳод менамоем:

- **таълими ибтидоии касбӣ** – таълимест, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба танзим дароварда, он ба таълим фаро гирифтани тамоми мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносиро дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад;
- **таълими касбии то судягӣ (коромӯз-судя)** – таълимест, ки ба он довталаб баъди комёб гаштан дар имтиҳони тахассусӣ, ҳамчун коромӯз-судя муддати як сол дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии назариявӣ, амалӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар судҳо фаро гирифта мешавад ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мешавад;
- **таълим дар ҷойи кор** – таълимест, ки судяҳои судҳои ҷумҳурӣ (ба истиснои судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ) дар ҷойи кор ба омӯзиши таҷрибаи судии амалкунанда фаро гирифта мешаванд. Таълим дар ҷойи корро ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст: а) омӯзиши мавзуҳои муайяни душворфаҳм ва мубрами судӣ дар як моҳ як маротиба бо давомнокии як рӯз; б) омӯзиши таҷрибаи фаъолияти коллегияҳои судии Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар 2 сол як маротиба ба муҳлати то даҳ рӯз;

- **такмили ихтисос** – таълимест, ки он бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии судя амалӣ карда мешавад;
- **таълими иловагӣ** – таълимест, ки судя бо қонунҳои нав ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки аз уҳдадориҳои Тоҷикистон бармеоянд ва тавсияҳои Кумитаҳои дахлдори СММ оид ба масъалаҳои ба фаъолияти судҳо ва ҳуқуқи инсон вобастабуда, ба омӯзиш фаро гирифта мешавад.

Дар баробари ин дигар мафҳумҳои ба масъалаҳои таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо алоқамандро чунин баён намудем:

- **тайёрии касбӣ** ин раванди таълимии мақсаднокест, ки дар рафти он қонунгузории моддию мурофиавӣ ва таҷрибаи судӣ бо мақсади татбиқи минбаъдаи он дар фаъолияти касбӣ аз бар карда мешавад;
- **бозомӯзӣ** ин раванди таълимии кутоҳмуддат ва ё дарозмуддатест, ки бо мақсади омӯзиши меъёрҳои навқабулшуда ва такмили дониши касбии судя, коромӯз-судя ва кормандони дастгоҳи судҳо гузаронида мешавад;
- **такмили ихтисоси судяҳо** ин раванди таълимии бо қонун муқарраршудаест, ки ба мукаммал гардонидани донишҳои касбии назариявӣ ва амалӣ асос ёфта, он ба омӯзиши таҷрибаи ягона ва босифат амалӣ гаштани адолати судӣ равона карда шудааст **[2-М]; [5-М].**

6. Мо номзадҳо ба вазифаи судяро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, онҳоро ба се гуруҳ ҷудо менамоем:

- номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшавандае, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд;
- номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя;
- номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда **[5-М].**

7. Омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон дод, ки муассисаҳои таълимие, ки ба омӯзиш ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо

машғул мебошанд, зери сохторҳои мухталиф фаъолият намуданд, вале баъди як давраи муайян бинобар хусусияти махсус ва муайяни худро доштан, зарурат ва талаботи меъёрҳои байналмилалӣ онҳо ҳамчун ниҳоди мустақил боз ба назди мақоми олии судӣ ва Шурои Олии Судӣ бозгашт намуданд. Ба монанди Академияи давлатии судии Ҷумҳурии Халқии Хитой, Донишгоҳи давлатии адолати судии Россия, Академияи адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қазоқистон, Мактаби Олии адолати судии назди Суди Олии Ҷумҳурии Қирғизистон, Мактаби Олии судии назди Шурои Олии судяҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Шурои Олии магистратураи Фаронса ва ғайра.

Таҳлил ва омӯзиш нишон дод, ки баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳо тақозои замони муосир буда, он барои дар сатҳи зарурӣ тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо, пурра ва ҳаматарафа омӯхтани нозукиҳои вазифаи судягӣ, бо шакли дуруст ва дар сатҳи зарурӣ тартиб додани санадҳои судӣ, инчунин фаъолона истифода бурдани тарзу усулҳои интерактивӣ ва муосири таълим ва талаботи этикаи касбии ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, мақоми он бояд чун сатҳи муассисаҳои таълимии судяҳои давлатҳои хориҷӣ баланд бардошта шавад. Зиёда аз ин масъалаи баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳо аз талаботи банди 8 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бармеояд.

Таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷии низоми ҳуқуқиашон монанд, аз ҷумла Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон нишон дод, ки ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои мақомоти судӣ, такмили донишу малакаи касбии судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо ва меъёрҳои касбии этикӣ диққати махсус дода мешавад ва дар ин замина муассисаҳои таълимии судяҳои ин

кишварҳо зина ба зина то ба ниҳоди мустақил ва соҳибихтиёр инкишоф ёфтаанд.

Дар ин замина бо назардошти асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Маркази таълимии судяҳо (боби 10 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои ҶТ»), тавсияҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва бо мақсади мукаммал гардонидани низоми таёйрии номзад ба вазифаи судя ва ниҳоди коромӯз-судя, инчунин такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо мувофиқи мақсад аст, ки Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Сохтори Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз 31 мансаби хизмати давлатӣ, 10 нафар кормандони техникӣ, Шурои ҳамоҳангсоз, шуъбаҳои такмили ихтисоси судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо ва коромӯз-судяҳо, илмӣ-тадқиқотии таҷрибаи судӣ, робитаҳои байналмилалӣ, умумӣ, муҳосибот ва хоҷагидорӣ, ҳуҷраи омӯзгорон ва кафедраҳои ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мурофиавии онҳо иборат бошанд **[3-М]**.

8. Таълим ва такмили ихтисос, ки ба баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ, савияи дониши касбӣ ва қабули санадҳои судии асоснок ва қонунӣ нигаронида шудааст ба ҳайси яке аз унсурҳои мустақилияти судяҳо метавонад хизмат намояд. Вобаста ба ин дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда бо мақсади дар касбияти баланд гузаронидани таълим ва такмили ихтисос пешниҳод менамоем, ки меъёрҳои зерин дар раванди таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо истифода шаванд:

- дар раванди таълим истифода бурдани технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар самти судӣ-ҳуқуқӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади тадқиқоти муттасили илмӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба раванди таълим, ташкил намудани таҷрибаомӯзии омӯзгорон ва шунавандагон дар муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ;

- таҳия намудани лоиҳаи стратегияҳои кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат оид ба таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ;

- аз рӯи собиқаи корӣ ба роҳ мондани такмили ихтисос ва муҳлати давомнокии он, барномаҳои таълимӣ барои давраи омӯзишии судяҳо, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо. Аз ҷумла, барои судяҳои навтаъин ва судяҳое, ки то 5 сол собиқаи корӣ доранд, судяҳое, ки зиёда аз 10 сол собиқаи корӣ доранд ва судяҳои Суди Олӣ;

- тартиб додани барномаҳои такмили ихтисос аз руи мавзуъ: 80% мавзуъҳои касбӣ (доираи масъалаҳое, ки дар фаъолияти ҳаррузаи судӣ мушоҳида мешаванд, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ ва мурофиавии гражданӣ ва ғ.) ва 20% мавзуъҳои умумикасбӣ (забони давлатӣ, русӣ ва англисӣ, сиёсат, психологияи шахсият, санъати муошират ва ғ.);

- дар раванди омӯзиш ва такмили ихтисос як давраи кутоҳмуддат ба ҳайси омузгор ва тренер ҷалб намудани коромӯз-судяҳо, судяҳои навтаъин ва судяҳое, ки камтар аз 5 сол собиқаи корӣ доранд (ин ба он мусоидат менамояд, ки санъати суханварӣ ва малакаи устодӣ тақвият дода шуда, эҳсосоти фаҳмонида додани фикр ва мустақилона қабул намудани қарор ташаккул дода шавад);

- дар барномаҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос ворид кардани дарсҳои психологияи шахсият ва ҳамзамон тибқи имконият ҳар як шунаванда бо психолог тибқи тартиби муайян ва дар вақти муайян суҳбат намудан бо мақсади кор карда тавонистани судя бо омма, дар ҳолатҳои душвор худро ба даст гирифтан, чӣ гуна аз ҳолатҳои душвори равонӣ баромадан, ба тарафҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ва душвор нозукона

фаҳмонида тавонистани мақсади қонун ва дигар ҳолатҳо. Ин таҷриба бештар ба коромӯз-судяҳо, судяҳои навтаъин ва судяҳое, ки камтар аз 10 сол собиқаи касбӣ доранд татбиқ карда шавад;

- бо назардошти рушди ҷомеа, пайдо шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва вобаста ба парвандаҳои судӣ ворид шудани масъалаҳои ҷуброни зарари маънавӣ, муносибатҳои андозӣ, молулмулкӣ, фаъолияти зеҳнӣ, ҷиноятҳои кибернетикӣ ба роҳ мондани таълими ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва рақамӣ **[2-М]; [5-М]**.

9. Нақши этикаи судя дар фаъолияти касбии ӯ, ки ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст, хеле бузург ва муассир аст. Таҳқиқи фикру ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ вобаста ба этикаи судя, ахлоқ, принсипҳои этикаи судӣ ва нақши онҳо ҳангоми амалӣ гардонидани адолати иҷтимоӣ аз ҷониби судя моро ба хулосае овард, ки принсип ва меъёрҳои этикаи касбӣ дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти судя нақши баробар доранд, чунки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ба монанди принсипҳои мустақилият, холисӣ ва беғаразӣ, босалоҳиятӣ ва бовиҷдонӣ ва таъмини баробарии тарафҳо омезиш ёфта, бо ҳам бармехуранд ва дар аксар ҳолатҳо сифати адолати судиро боло мебардоранд. Ба ҳамин асос онҳо дар қонунгузорӣ ҳамчун меъёр ворид карда шудаанд. Дигар ин ки меъёрҳои ахлоқӣ дар ташаккули шахсияти судя, масъулияти касбӣ, таҳкими виҷдон ва босалоҳиятӣ, васеъ гардидани ҷаҳонбинии ӯ, дарки аҳамият ва муҳиммии фаъолияти судягӣ, эҳтироми қонун ва ҷомеа мавқеи хосаро ишғол намуда, дар таъмини босифати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун нозир бaромад мекунад **[7-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодашуда тавсияҳои зерини илмиро бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ пешниҳод менамоем:

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, давлатҳои Аврупо ба монанди Фаронса, Олмон ва ИМА ба мо имконият медиҳад, ки меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории онҳо барои истифода ва такмил додани қонунгузории миллӣ дар самти низоми интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва талаботи меъёрҳои этикаи касбии судя бо назардошти хусусият ва асосҳои ҳуқуқии миллӣ пешниҳод карда шавад.

1. Азбаски мафҳуми коромӯз-судя дар қонунгузорӣ дода нашудааст, бинобар ин, он дар моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири зайл илова карда шавад:

- «Коромӯз-судя шахсе мебошад, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ баъди гузаштан аз озмуни ишғоли мансаби коромӯз-судя хулосаи мусбати Комиссияи имтиҳонотиро ноил гардида, дар муассисаи таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии касбии яксола фаро гирифта мешавад ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мегардад» **[5-М]**.

2. Пешниҳод мегардад, ки дар таҷрибаи интихоб ва таъини судяҳо, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун таҷрибаи Федератсияи Россия ва Қазоқистон доштани маълумоти ҳуқуқшиносии зинаи «Магистратура» аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ҳамчун талаботи ҳатмӣ ҷорӣ карда шавад. Дар таҷриба баъзан ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя тахассуси дараҷаи бакалавриат аз рӯйи ихтисоси таърих, сиёсатшиносӣ ва ё

педагогӣ дошта, тахассуси дараҷаи магистрро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ пешниҳод менамояд ва ба ҷомеаи судяҳо роҳ меёбад. Бинобар ин ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳои номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя ва аз ҷониби номзад пешниҳод намудани дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ба масъалаи доштани ихтисоси ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи тахассуси дараҷаи бакалавриат ҳамчун талабот диққати асосӣ дода шавад, зеро ҳангоми надоштани маълумоти аввалаи ҳуқуқшиносӣ дар зарфи ду соли магистратура аз худ намудани заминаҳои бунёдии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, дар қисми 2 моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъди калимаҳои «хизмати ҳарбии мӯҳлатнокро адо карда бошад» калимаҳои «ҳангоми пешниҳоди маълумоти тахассусии зинаи магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, маълумоти зинаи бакалаврро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дошта бошад» илова карда шавад **[5-М]**

3. Бо назардошти он ки коромӯз-судя ҳамроҳи судяе, ки ба ӯ вобаста карда шудааст, дар мурофиаҳои судӣ иштирок мекунад ва зимни иштирок бо ҳолатҳое, ки хусусияти сирри давлатӣ ва оилавӣ доранд, шинос мешавад, бинобар ин дар қонун лоиҳаи матни савганди ӯ бо мазмуни зерин ҷой дода шавад: «Ман ҳамчун коромӯз-судя савганд ёд мекунам, ки сирри хидматӣ ва моҳияти парвандаҳои судиро нигоҳ медорам, муносибат ва ахлоқи ман холис ва беғараз хоҳад буд» **[5-М].**

4. Бо мақсади ба ҷомеаи судяҳо ҳамроҳ намудани шахсиятҳои мукаммал, дорои таҷрибаи зиёди корӣ, дониши баланд, таҷрибаи бойи ҳаётӣ, тамкин, сабр, таҳаммулпазирӣ, ахлоқ, одоби муоширaт ва бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ баланд бардоштани синну соли судя ва собиқаи кории касбии ӯ зарур мебошад.

Бинобар ин, дар қисми 2 моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи

кории касбӣ дошта бошад» ба калимаҳои «синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад» иваз карда шавад **[1-М].**

5. Дар амалия ҷомеаи судяҳо ва коромӯз-судяҳо аксаран аз ҳисоби кормандони суд, аз ҷумла кормандони судҳои иқтисодӣ ва дастгоҳи Суди конститутсионӣ пурра мешавад. Дар ин замина баъзан талаботи моддаи 109 дар бораи ба такмили ихтисос фаро гирифтани кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби намояндагони баъзе судҳои салоҳияташон махсус мавриди баҳс қарор дода мешавад, ки номи суди онҳо мушаххас дар қонунгузории соҳавӣ нишон дода нашудааст. Дар асоси гуфтаҳои боло дар қисми 2 моддаи 109 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «кормандони дастгоҳи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе дар се сол як маротиба дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба онҳо сертификати шакли муқарраргардида дода мешавад» илова карда шавад **[2-М].**

6. Бо назардошти он ки дар амалия мунтазам судяҳои судҳои салоҳияташон умумӣ ба мансаби судяи судҳои салоҳияташон махсус ва ё баръакс интихоб ва таъин мегарданд, бинобар ин пешниҳод мешавад, ки судяҳои судҳои иқтисодӣ низ ба такмили ихтисос фаро гирифта шаванд, зеро дар қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифтани судя ва дар қисми 2 моддаи 109 бошад ба такмили ихтисос фаро гирифтани судяҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст. Бо мақсади аз байн бурдани духурагӣ дар қонунгузорӣ пешниҳод мегардад, ки қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо калимаҳои зерин иваз карда шавад: «судяҳои Суди Олӣ,

Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе дар ду сол як маротиба дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба онҳо сертификати шакли муқарраргардида дода мешавад» илова карда шавад **[2-М].**

7. Бо назардошти таҷрибаи интихоби номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Фаронса, ба банди 15 Низомномаи «Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо» барои довталабони ишғоли мансаби номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо талаботи «доир намудани суҳбати психологӣ» бо мақсади муайян намудани салоҳиятнокӣ ва ҳолати руҳии онҳо илова карда шавад **[5-М].**

8. Барои номзадҳое, ки ба вазифаи роҳбарикунандаи мақомоти судӣ пешниҳод мегарданд, бо мақсади аз худ намудани таҷрибаи пешбурди фаъолияти маъмурии судӣ, ташкили идоракунии кор, муносибат бо коллектив, одоби муошират ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолият дар Маркази таълимии судяҳо бозомӯзии на камтар аз 14 рӯз муқаррар карда шавад **[3-М]; [7-М].**

9. Дар асоси таҳлили меъёрҳои этикаи касбии миллӣ, байналмилалӣ, давлатҳои таҳқиқшаванда ва интизориҳои ҷомеа, ки ба зарурати фаъолияти судяҳои дорои донишҳои васеи ҳуқуқию ҷамъиятӣ ва стандартҳои баланди этикидошта равона гардидаанд ва дар ин асос шахсони ба вазифаи судя интихобшаванда ва адолати судиро амаликунанда бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, қобилият ва тайёрии касбӣ дошта бошанд, пешниҳод мегардад.

Нисбати судя, номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя ташхиси руҳӣ-психологӣ, муайян намудани маҳорату қобилият ва дигар ҳолатҳои руҳию равонии ӯ ҳангоми фаъолият дар авзои ташаннуҷ ва ноормӣ пеш

аз таъин, интихоб ва ҷобаҷогузорӣ ба зинаи баланди судӣ гузаронида шавад. Чунки аз ҳолати солимии руҳии судя на танҳо самаранокии фаъолияти ӯ, инчунин риоя гардидани этика ва ахлоқи касбии судя, ки пайваста дар муошират бо шаҳрвандон қарор дорад, вобастагӣ дорад **[7-М].**

10. Ба моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» банди 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

- «Номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя бояд дониши мукаммали касбӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, эътибори кории бенуқсон дошта бошад ва дар ин бора на камтар аз се тавсияи мусбат аз ҷониби роҳбарият ва ҳамкасбонаш пешниҳод намояд».

- «Номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя аз ташхиси тиббӣ гузашта, дар бораи надоштани бемориҳое, ки ба иҷрои уҳдадориҳои касбии судя монеъ мешаванд, аз ҷумла дар қайди диспансерҳои наркологӣ ва психоневрологӣ набудан ва ташхиси ҳолати руҳӣ-психологӣ маълумотномаи ҳайати табибонро пешниҳод намояд» **[5-М].**

11. Дар ифодаи мафҳуми «одоб»-и Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андешаи мо тафовуте ҷой дорад, зеро одоб дар забони русӣ маънои «воспитание»-ро дода, дар адабиёти ҳуқуқӣ он маънои этика ва ахлоқро намедиҳад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки калимаҳои «Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад, зеро дар ин ҳолат он ба мантиқ, таъбири адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшаванда бештар мувофиқат хоҳад намуд **[7-М].**

12. Бинобар хусусияти хос ва фарқкунанда доштани фаъолияти кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ ва дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ пешниҳод мегардад, ки нисбат ба кормандони мақомоти судӣ «Кодекси этикаи кормандони мақомоти судӣ» таҳия ва қабул карда шавад **[7-М].**

# ЗАМИМАҲО

**Замимаи 1**



**Замимаи 2**

## Ҷадвали муқоисавии Кодексҳои этикӣ

| | Тоҷикистон | Ӯзбекистон | Қазоқистон | Қирғизистон | Россия |
|---|---|---|---|---|---|
| Номи санад | Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кодекси рафтори этикии судяи Ҷумҳурии Ӯзбекистон | Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Қазоқистон | Кодекси шарафи судяи Ҷумҳурии Қирғизистон | Кодекси этикаи судяи Федератсияи Россия |
| Санаи қабул | 30. 03. 2018 | 29. 01. 2018 | 21. 11. 2016 | 19. 02. 2016 | 8. 12. 2016 |
| Доираи амали кодекс | Нисбати судяҳои амалкунанда, судяҳои дар истеъфобуда ва машваратчиёни халқӣ (м. 2) | Нисбати судяҳои амалкунанда ва дар истеъфобуда (м. 1) | Нисбати судяҳои амалкунанда ва дар истеъфобуда (м. 13) | Нисбати судяҳои амалкунанда ва дар истеъфобуда (м. 1) | Нисбати судяҳои амалкунанда ва дар истеъфобуда, инчунин нисбати шахсоне, ки тибқи қонунҳои федералӣ барои иҷрои функсияҳояшон дар амалӣ намудани адолати судӣ иштирок менамоянд (м. 2) |
| Мақоми дахлдори ҷомеаи судяҳо | Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Шурои Олии Судии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Бозрасии судӣ) | Шурои Олии Судии Ҷумҳурии Қазоқистон | Шурои судяҳои Ҷумҳурии Қирғизистон | Шурои судяҳои Федератсияи Россия |
| Мафҳуми этика | маҷмӯи қоидаҳои рафтори судяҳо буда, талаботи баланди ахлоқию маънавии онҳоро ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ ва фаъолияти ғайрисудӣ таъмин менамояд. | дода нашудааст | дода нашудааст | дода нашудааст | дода нашудааст |
| Принсипҳо | - мустақилият;<br>- холисӣ ва беғаразӣ;<br>- таъмини баробарии тарафҳо;<br>- босалоҳиятӣ ва бовиҷдонӣ. | -мустақилият;<br>- воқеият ва беғаразӣ;<br>- баробарӣ;<br>- адолатнокӣ;<br>- ростқавлӣ;<br>- салоҳиятнокӣ;<br>- муносибати байниҳамдигарӣ бо ҳамкасбон ва зертобеон. | принсипҳо бевосита дар шакли алоҳида номбар нашуда бошанд ҳам, вале дар умум тамоми принсипҳои байналмилалии этикаи судяҳоро дар бар гирифтаанд. | -мустақилият;<br>- беғаразӣ ва воқеият;<br>- бовиҷдонӣ ва холисӣ;<br>- риояи меъёрҳои ахлоқӣ;<br>- баробарӣ;<br>- салоҳиятнокӣ ва кӯшишу ғайратнокӣ; | - мустақилият;<br>- воқеият ва холисӣ;<br>- баробарӣ;<br>- салоҳиятнокӣ ва бовиҷдонӣ; |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳдудиятҳо | - судя ҳуқуқ надорад ба фаъолияти адвокатӣ ва ё дигар таҷрибаи ҳуқуқӣ машғул шавад, инчунин ёрии ҳуқуқӣ расонад (м. 15);<br>- судя ҳуқуқ надорад аз баррасии парванда, ариза, дархост ва шикоятҳои ба пешбурди ӯ воридшуда саркашӣ намояд ё ба тариқи дигар аз иҷрои ухдадориҳои касбии худ даст кашад, ба истисной ҳолатҳое, ки худрадкуниро қонунгузории дахлдори мурофиавӣ талаб мекунад;<br>- зимни адои вазифа судя набояд дигар фаъолиятеро, ки метавонад мустақилӣ ва беғаразии ӯро зери шубҳа гузорад ва ба ихтилофи манфиатҳо оварда расонад, амалӣ намояд;<br>- судя ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ, набояд вазифаи | - судя бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки ҳангоми сифатҳои баланди ахлоқӣ-этикӣ ва тахассусӣ надоштан ҳуқуқ надорад ваколатҳои хешро татбиқ намояд(м. 2)<br>- судя набояд мақоми худро бо мақсади ба даст овардани ягон имтиёзҳо, хидматҳо, манфиатҳои тиҷоратӣ ё дигар манфиатҳо барои худ, хешовандон ва дигар ашхос истифода барад, ҳангоми истифодаи масъалаҳои шахсӣ ба мақомоти гуногуни давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, шахсони мансабдор, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ва дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз вазифаи мансабии худ истифода барад;<br>- судя набояд амалеро анҷом диҳад ё ба | - судя бояд аз баромад ва тавзеҳоти оммавӣ, ки ба баҳодиҳии қарорҳои судии ба қувваи қонунӣ надаромада, ки метавонад эътибори низоми судиро вайрон ва ба адолати судӣ зарар орад, худдорӣ намояд (м. 3);<br>- судя бояд аз танқиди абстрактӣ ва беасоси қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ худдорӣ кунад (м.5).<br>- судя набояд, ки аъзои ҳизб ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ҳадафҳои сиёсӣ доранд, бошад (м.6);<br>- судя набояд аъзои оила, инчунин шахсонеро, ки зери вобастагии молиявии ӯ қарор доранд, иҷозат диҳад, ки тухфаҳо, имтиёзҳо, хидматҳои беподош ё дигар имтиёзҳоро дар робита бо фаъолияти аз ҷониби ӯ дар амалисозии адолат | - судя ҳуқуқ надорад, ки вазифаи худро бо кори дигари музднок, ба истисноп фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва дигар корҳои эҷодӣ ҳамроҳ кунад;<br>- судя ҳуқуқ надорад фаъолият ва амалҳое, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи мақоми судяҳои Ҷумҳурии Қирғизистон» манъ кардааст, амалӣ намояд;<br>- судя ҳуқуқи иштирок дар фаъолияти сиёсӣ, пешбурди ҳама гуна фаъолияти сиёсӣ ба тарафдорӣ ё зидди ҳизбро надорад;<br>- судя бояд аз шарҳҳои оммавӣ ё дигар тавзеҳот оид | - судя ҳуқуқ надорад аз баррасии аризаҳо, дархостҳо ва шикоятҳои ба ӯ воридшуда саркашӣ кунад ва ё ба тариқи дигар аз иҷрои вазифаҳои касбии худ даст кашад, ба истисной ҳолатҳое, ки раддияро талаб мекунад;<br>- судя дар тӯли тамоми муҳлати ваколати худ набояд ягон фаъолиятеро анҷом диҳад, ки мустақилият ва беғаразии ӯро зери шубҳа гузошта, боиси ихтилофу нофаҳмиҳо гардад (м.5);<br>- судя набояд мақоми худро бо мақсади ба даст овардани ягон неъмат, имтиёз, хидматрасонӣ, тиҷоратӣ ё дигар манфиатҳои худ, | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | дигарро иҷро кунад. (м. 5) ва ғайра | шахсони дигар барои иҷрои чунин амалҳо имконият диҳад, ки боиси пайдо гаштани шубҳа дар бораи таъсиррасонӣ ба фаъолият ва салоҳиятҳои ӯ, инчунин мустақилият ва беғаразии судя гардад (м. 4).<br>- судя ҳуқуқ надорад, ки шахсан ё тавассути шахсони боэътимод, аз ҷумла иштирок дар идоракунии ташкилоти тиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад (м. 13) ва ғайра | қабулшуда, қабул кунад (м. 10);<br>- маълумоти махфӣ, ки ба судя бо сабаби мавқеи хизматӣ маълум шудааст, наметавонад аз ҷониби ӯ истифода шавад ё ба касе бо ягон мақсадҳои дигаре, ки бо татбиқи адолат вобаста нестанд, фош карда шавад (м.11) ва ғайра | ба моҳияти парвандаҳое, ки то эътибор пайдо кардани санадҳои судии дар онҳо қабулшуда мебошанд, худдорӣ кунад;<br>- судя ҳуқуқ надорад, ки қарорҳои судии эътибори қонунӣ пайдо карда ва амалҳои касбии ҳамкасбони худро танқид кунад (м.13) ва ғайра | хешовандон, дӯстон, шиносҳояш (масалан, гирифтани қарз, бастани шартномаҳо бо шартҳои дигар, ба истиснои шахсони дигар пешбинӣ кунад) истифода барад...;<br>-судя набояд амалеро анҷом диҳад ё ба шахсони дигар барои иҷрои чунин амалҳое, ки боиси хулоса дар бораи таъсиррасонии судя аз ваколатҳои ӯ ва шубҳа кардани мустақилият ва беғаразии судя мегарданд, асос диҳад (м. 6);<br>- судя ҳуқуқ надорад маълумотеро, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳояш гирифтааст, фош кунад (м.11) ва ғайра | |

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 18.02.2020).

2. Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 18.02.2020).

3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995, № 90 «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – № 9. – Моддаи 110.

4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995, «Дар бораи сохтори судӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – № 21. – Моддаи 225.1.

5. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995, «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – № 21. – Моддаи 231.

6. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, «Дар бораи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – № 7. –Моддаи 490.

7. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1084 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 5.02.2020).

8. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

9. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2002, №685 «Дар бораи тасдиқи Низомнома «Дар бораи машваратчиёни халқӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 21.01.2020).

10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 1997. – № 3–4.

11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999, №48 «Дар бораи таъсиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

12. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2016, № 698 «Дар бораи барҳам додани Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 27.06.2021).

14. Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, №271 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

15. Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011, № 976 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

16. Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015, №327 тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

17. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 аз 19 апрели соли 2019, № 1242, ш. Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.01.2020).

18. Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 январи соли 2017, № 28 қабул гардидааст, бандҳои 3, 13 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 13.06.2021).

19. Низомномаи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзад ба вазифаи судя ва коромӯз - судяҳо. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2017, № 866 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.04.2020).

20. Низомномаи Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.02.2018, № 5 тасдиқ шудааст. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj (санаи муроҷиат: 1.01.2020).

21. Низомнома дар бораи коромӯз-судяҳо ки бо Фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2017, № 44 тасдиқ шудааст. –

[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mts.sud.tj (санаи муроҷиат: 1.01.2020).

22. Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.sud.tj/ (санаи муроҷиат: 22.01.2020).

23. Конституция Кыргызской Республики (введена в действие Законом КР от 27 июня 2010 года), (редакции Закона КР от 28 декабря 2016 года №218) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg (санаи муроҷиат:15.03.2020).

24. Конституция Российской Федерации [Текст] // Собрание законодательства Российской Федерации. – 04.08.2014. – № 31. – Ст. 119.

25. Конституция Французской Республики от 04.10.1958 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.conseilconstitutionnel.fr (санаи муроҷиат: 20.05.2020).

26. Федеральный конституционный закон от 21.07.1994 № 1-ФКЗ «О Конституционном Суде Российской Федерации» [Текст] // Российская газета. – 1994. – 23 июля. – № 138-139.

27. Федеральный конституционный закон от 05.02.2014 № 3-ФКЗ «О Верховном Суде Российской Федерации» [Текст] // «Российская газета. – 2014. – 7 февраля. – № 27.

28. Федеральный конституционный закон от 23.06.1999 № 1-ФКЗ «О военных судах Российской Федерации» [Текст] // Российская газета. – 1999. – 29 июня. – № 120.

29. Федеральный конституционный закон «О судебной системе Российской Федерации» от 31 декабря 1996 г. № 1-ФКЗ [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 06.01.1997. – № 1. – Ст. 1, 11.

30. Конституционный Закон Республики Казахстан «О судебной системе и статусе судей Республики Казахстан» от 25 декабря 2000 года, № 132-II [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://sud.gov.kz. (санаи муроҷиат: 12.05.2020).

31. Федеральный закон от 17.12.1998 № 188-ФЗ «О мировых судьях в Российской Федерации» [Текст] // Российская газета. – 1998. – 22 декабря. – № 242.

32. Закон Кыргызской Республики «О Совете по отбору судей Кыргызской Республики» г. Бишкек, от 13 июня 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg (санаи муроҷиат: 13.05.2020).

33. Закон Республики Узбекистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Узбекистан «О судах» Национальная база данных законодательства 11.09.2019 г. № 03/19/566/3734).

34. Закон РФ «О статусе судей в Российской Федерации» от 26 июня 1992 г. № 3132-1 [Текст] // Российская газета. –1992. – 29 июля. – № 170. – Ст. 4.

35. Органический закон № 94-100 от 05.02.1994 «О Высшем совете магистратуры» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://worldconstitutions.ru (санаи муроҷиат: 18.05.2020).

36. Постановление Президента Республики Казахстан от 12 февраля 1994 года «О государственной программе правовой реформы в Республики Казахстан» // Информационно-правовая система нормативных актов в Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adilet.zan.kz. (санаи муроҷиат: 28.05.2020).

37. Кодекс чести судьи Кыргызской Республики. Принят на X Съезде судей Кыргызской Республики 19 февраля 2016 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:///online.zakon.kz. (санаи муроҷиат: 21.04.2020).

38. Кодекс этического поведения судей. Утверждено постановлением Высшего судейского совета Республики Узбекистан от 29 января 2018 года, № СОКҚ–490-III [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.uz/ru (санаи муроҷиат: 20.04.2020).

39. Кодекс судейской этики утвержден VIII Всероссийским съездом судей от 19 декабря 2012 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ksrf.ru (санаи муроҷиат: 21.04.2020).

40. Хартияи Аврупоӣ оид ба мақоми судяҳо. 8-10 июли соли 1998 дар ҷаласаи Страсбург аз ҷониби иштирокчиёни кишварҳои Аврупо ва ду ассотсиатсияи байналмилалии судяҳо қабул шудааст ва дар ҷаласаи раисони Судҳои Олии кишварҳои Аврупои Марказӣ Шарқӣ 8-10 апрели соли 1999 дар Лиссабон дастгирӣ ёфтааст // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Сомонаи расмии Шурои Аврупо: http://www.coe.int. (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

41. Хартияи умумиҷаҳонии судяҳо. 17 ноябри соли 1999 дар Шурои Марказии байналмилалии ассотсиатсияи судяҳо дар Тайван қабул гардидааст. (Бо тағйиру иловаҳо аз 14 ноябри соли 2017 дар Чили) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

42. Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо аз 26 ноябри соли 2002, ш. Гаага [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

43. Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945, ш. Сан-Франсиско, сомонаи расмии СММ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

44. Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (аз ҷониби Конгресси ҳафтуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар Милан аз 09/06/85 қабул шудааст ва бо қарорҳои Ассамблеяи Генералии СММ 40/32, 40/146 13.12.1985 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

45. Тадбирҳои самараноки амалисозии Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ аз 24 майи соли 1989. Ҳуқуқи инсон ва

адолати судӣ. Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ. – Вена, 1996. – С. 148-151.

46. Принсипҳои роҳбарикунанда марбут ба нақши шахсоне, ки таъқиботи судиро амалӣ менамоянд (аз ҷониби Конгресси ҳаштуми Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон дар шаҳри Гавана, Куба, 7 сентябри соли 1990 қабул карда шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.coe.int (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

47. Стандартҳои минималии мустақилияти судҳо. Аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии адвокатҳо соли 1982 қабул шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:https://www.ibanet.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

48. CCJE (2001) OP N°1. Страсбург, 23 ноября 2001 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://euromed-justiceii.eu (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

49. Принсипҳои Бангалории рафтори судяҳо аз 26 ноябри соли 2002, ш. Гаага [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/ (санаи муроҷиат: 26.02.2021).

50. Комментарий к Бангалорским принципам поведения судей, UNODC. – С. 33 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 27.02.2021).

51. Кодекси байналмилалии этика. Нашриёт аз 1988 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ibanet.org (санаи муроҷиат: 27.02.2021).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

52. Абдуллаев, Н.А. Национальный язык судопроизводства по уголовным делам [Текст] / Н.А. Абдуллаев. – Душанбе, 1971. – 198 с.

53. Абдуллоев, Н., Саъдиев, М.Х. Мақомоти судии Тоҷикистон дар масири такомул ва ислоҳот [Матн]: ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / Н. Абдуллоев, М.Х. Саъдиев. – Душанбе: ЭР-граф, 2004. – 265 с.

54. Абдуллозода, Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ [Матн] / Нусратулло Абдуллозода. – Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – 412 с.

55. Абросимова, Е.Б. Конституционные основы судебной власти в зарубежных странах [Текст]: конспект лекций / Е.Б. Абросимова. – Тверь: Твер. гос. ун-т, 2000. – 60 с.

56. Абросимова, Е.Б. Судебная власть в Российской Федерации: система и принципы [Текст] / Е.Б. Абросимова. – М.: Ин-т права и публичной политики, 2002. – 160 с.

57. Аминов, И.И. Профессиональная этика и служебный этикет [Текст]: учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» и «Правоохранительная деятельность» / И.И. Аминов, В.Я. Кикоть, А.А. Гришин. – М.: ЮНИТИ - ДАНА, 2013. – 559 с.

58. Ансель, М. Новая социальная защита [Текст] / М. Ансель. – М., 1970. – 312 с.

59. Апарова, Т.В. Суды и судебный процесс Великобритании. Англия, Уэльс, Шотландия [Текст] / Т.В. Апарова. – М., 1996. – 120 с.

60. Бахриддинов, С.Э., Диноршоев, А.М., Сафаров, А.И. Восприятие судебной системы населением Республики Таджикистан [Текст] / С.Э. Бахриддинов, А.М. Диноршоев, А.И. Сафаров. – Душанбе, 2013. – 61 с.

61. Бернам, У. Правовая система Соединенных Штатов Америки [Текст] / У. Бернам. – М.: Новая юстиция, 2006. – 1210 с.

62. Боботов, С.В. Правосудие во Франции [Текст] / С.В. Боботов. – М.: Ин-т государства и права РАН, 1994. – 84 с.

63. Бойков, А.Д. Третья власть в России. Очерки о правосудии, законности и судебной реформе 1990-1996 гг. [Текст] / А.Д. Бойков. – М., 1997. – 202 с.

64. Буриев, Э.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика [Текст] / Э.Б. Буриев; отв. ред.: академик Тахиров Ф.Т. и проф. Чиркин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.

65. Васильев, В.Л. Юридическая психология [Текст] / В.Л. Васильев. – СПб., 2000. – 358 с.

66. Власов, В.И. История судебной власти в России [Текст]: Книга первая (1019-1917) / В.И. Власов. – М.: Спутник, 2003. – 623 с.

67. Гафуров, Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития [Текст] / Х.М. Гафуров. – Душанбе, 2007. – 186 с.

68. Герасимович, А. А. Юридическая этика: курс лекций [Текст] / А.А. Герасимович, О.С. Чернова. – Горки: БГСХА, 2018. – 138 с.

69. Гольцов, А.Т., Осипов, А.Л., Сушина, Т.Е. и др. Судебные системы зарубежных стран [Текст]: учебное пособие / А.Т. Гольцов, А.Л. Осипов, Т.Е. Сушина и др. – М.: Норма, 2018. – 160 с.

70. Давид, Р., Жоффре-Спинози, К. Основные правовые системы современности [Текст] / Р. Давид, К. Жоффре-Спинози; пер. с фр. В.А. Туманова. – М.: Международ. отношения, 2003. – 400 с.

71. Дастур барои машваратчиёни халқӣ (нашри дуюм) / ҳайати муаллифон: Ватанов М., Азизов З., Муродов Б. ва дигарон. – Душанбе, 2017.

72. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2007. – 200 с.

73. Диноршоев, А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2015. – 225 с.

74. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С., Хамдамова Ш.М. Процессуальные институты конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, Д.С. Сафаров, Ш.М. Хамдамова; под общ. ред. А.М. Диноршоева. – Душанбе. 2015. – 133 с.

75. Ермошин, Г.Т. Правовой статус судьи Российской Федерации [Текст]: учебное пособие / Г.Т. Ермошин. – М.: РАП, 2004. – 524 с.

76. Есикова, М.М. Профессиональная этика юриста [Электронный ресурс]: учебное пособие для студентов / М.М. Есикова, О.А. Бурахина, В.А. Скребнев, Г.Л. Терехова. – Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВПО «ТГТУ» – 2015. – 82 с. – 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

77. Ершов, В.В. Статус суда в правовом государстве [Текст] / В.В. Ершов. – М.: РПА. 1992. – 130 с.

78. Зайцев, Е.А., Киселев, Я.С., Кореневский, Ю.В., Строгович, М.С. Проблемы судебной этики [Текст] / Е.А. Зайцев, Я.С. Киселев, Ю.В. Кореневский, М.С. Строгович; под ред. М.С. Строговича. – М., 1974. – 272 с.

79. Закомлистов, А.Ф. Судебная этика [Текст] / А.Ф. Закомлистов. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 258 с.

80. Искандаров, З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он [Матн] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 136 с.

81. Искандаров, З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 184 с.

82. Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери назари н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – 292 с.

83. Клеандров, М.И. Правовые основы статуса судьи [Текст]: курс лекций / М.И. Клеандров. – М.: Российская академия правосудия, 2010. – 256 с.

84. Клеандров, М.И. Судебные системы государств-участников СНГ. Законодательное обеспечение [Текст] / М.И. Клеандров. – М.: Юристъ, 2002. – 623 с.

85. Кобликов, А.С. Юридическая этика [Текст]: учебник для вузов / А.С. Кобликов. – 3-е изд. – М.: Норма; ИНФАРА-М, 2014. – 176 с.

86. Кокорев, Л.Д., Котов, Д.П. Судебная этика [Текст] / Л.Д. Кокорев, Д.П. Котов. – Воронеж, 1973. – 134 с.

87. Кокорев, Л.Д., Котов, Д.П. Этика уголовного процесса [Текст] / Л.Д. Кокорев, Д.П. Котов. – Воронеж: ВГУ, 1993. – 224 с.

88. Комментарий к Конституции РФ [Текст] / под ред. Б.Н. Топорнина. – М.: Юрид. лит., 1994. – 624 с.

89. Конституционное право зарубежных стран [Текст]: учебник для вузов / под общ. ред. М.В. Баглая. – М.: НОРМА, 1999. – 343 с.

90. Конституционное (государственное) право зарубежных стран [Текст]: Тома 1-2. Общая часть / отв. ред. Б.А. Страшун. – М.: Изд-во «БЕК», 2000. – 784 с.

91. Лебедев, В.М. Становление и развитие судебной власти в Российской Федерации [Текст] / В.М. Лебедев. – М.: РАП, 2000. – 370 с.

92. Маҳмудов М.А. Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 176 с.

93. Маҳмудзода, М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ [Матн] / М.А. Маҳмудзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 с.

94. Материалы конференции «Опыт в области подготовки судей: практика и перспективы». Москва, 6-7 июня 2001 г. [Текст] / ред., авт. предисл. и послесл. Пейсиков В.В. – М.: РАП, 2003. – 121 с.

95. Международные акты о правах человека [Текст]: сборник документов. – М.: Изд-во НОРМА (Издательская группа НОРМА - ИНФРА-М), 2000. – 120 с.

96. Мирзамонзода, Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности экономических судов Республики

Таджикистан [Текст]: монография / Х.М. Мирамонзода. – Душанбе, 2018. – 144 с.

97. Мирзамонзода, Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судов общей юрисдикции Республики Таджикистан [Текст]: монография / Х.М. Мирамонзода. – Душанбе, 2020 – 160 с.

98. Мирзамонзода, Х.М. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан [Текст] / Х.М. Мирзоамонзода; под общ. ред. д.ю.н. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2021. – 168 с.

99. Мирзоев, С.Б., Диноршоев, А.М. Мурофиаи судии конститутсионӣ [Матн]: васоити таълимӣ / С.Б. Мирзоев, А.М. Диноршоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 212 с.

100. Мирзоев, С.Б. Конституционое правосудие в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики [Текст] / С.Б. Мирзоев. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 464 с.

101. Нарциссова, С.Ю. Профессиональная этика юриста [Текст]: учебное пособие / С.Ю. Нарциссова. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Изд-во «Академия МНЭПУ», 2017. – 120 с.

102. Насриддинзода, Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 316 с.

103. Насурдинов, Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане [Текст] / Э.С. Насурдинов. – Душанбе, 2008. – 196 с.

104. Носков Ю.Г., Носков, И.Ю. Основы судебной этики [Текст]: учебное пособие / Ю.Г. Носков, И.Ю. Носков. – М.: РГУП, 2017. – 144 с.

105. Обзор судебных систем стран Центральной Азии [Текст] / авт. кол.: Г. Диков, Э. Талапина, Л. Юрсена, С. Кальченко, К. Баглай. – М.: ИД «Юриспруденция», 2015. – 328 с.

106. Организация и деятельность судов [Текст]: курс лекций для вузов / под ред. Н.А. Петухова. – М.: Норма, 2005. – 108 с.

107. Организация судебной деятельности: учебник / под ред. В.В. Ершова; «Российский государственный университет правосудия» Документ предоставлен Консультант Плюс. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.consultant.ru (санаи муроҷиат: 9.10.2021) – 2016. – 272 с.

108. Пашин, С.А. Судейская этика [Текст] / С.А. Пашин. – М.: Комплекс – Прогресс, 2001. – 56 с.

109. Поздняков, М.Л. Критерии оценки качества работы судей и дисциплинарная ответственность [Текст] / М.Л. Поздняков. –СПб.: ИППЕУСПб, 2014. – 70 с.

110. Поляшук, Н.А. Юридическая этика: курс лекций (электронный вариант). Рекомендован к использованию в образовательном процессе решением кафедры (протокол № 2 от 15.09.2011). – Москва, 2011. – 94 с. – 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

111. Правовые системы стран мира [Текст]: энциклопедический справочник / под ред. А.Я. Сухарёва. – М., 2009. – 840 с.

112. Проблемы судейской этики [Текст] / под ред. М.С. Строговича. – М.: Наука, 1974. – 272 с.

113. Профессиональная этика юриста [Текст]: сборник документов / сост. С.Г. Шеретов. – 2-е изд., доп. – Алматы: АФ НОУ ВПО «СПбГУП», 2018. – 204 с.

114. Профессиональное образование судей: Сравнительный анализ центров подготовки судей в Европе (Франция, Португалия, Польша) [Текст] / авт.: Тимур Бочаров, Арина Дмитриева, Дмитрий Скугаревский. – СПб.: ИППЕУСПб, 2018. – 24 с. – (Серия: «Аналитические обзоры по проблемам правоприменения»).

115. Радутная, Н.В. Народный судья: профессиональное мастерство и подготовка [Текст] / Н.В. Радутная. – М.: Юрид. лит., 1977. – 144 с.

116. Рахмон, Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы [Текст] / Д.С. Рахмон. – Душанбе, 2019. – 376 с.

117. Самостоятельность и независимость судебной власти Российской Федерации [Текст] / под ред. В.В. Ершова. – М.: Юристъ, 2006. – С. 285-493.

118. Сафаров, Б.А., Ойев, Х.О. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / БА. Сафаров, Х.О. Ойев. – Душанбе, 2013. – 256 с.

119. Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и современность / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2016. – 375 с

120. Соловьев, А.А. Высший совет магистратуры как орган судейского сообщества Французской Республики [Текст]: монография / А.А. Соловьев; предисл. д.ю.н. А.А. Евстифеева; Кафедра гражданского и административного судопроизводства Московского гос. юрид. ун-та им. О.Е. Кутафина (МГЮА). – М., 2014. – 170 с.

121. Стрежнева, Т.В. Судебная этика [Текст]: учебно-методическое пособие /Т.В. Стержнева. – Минск: МИТСО, 2003. – 64 с.

122. Судебная власть [Текст] / под ред. И.Л. Петрухина. – М.: 000 «ТК Велби», 2003. – 720 с.

123. Судебная система России [Текст]: учеб. пособие. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: Дело, 2001. – 336 с.

124. Судебные системы европейских стран [Текст]: справочник / пер. с фр. Д.И. Васильева и с англ. О.Ю. Кобякова. – М.: Международные отношения, 2002. – 336 с.

125. Судебные системы западных государств [Текст]. – М.: Наука, 1991. – 240 с.

126. Судейская этика [Текст]: учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / отв. ред. Ю.Ф. Беспалов, О.А. Егорова. – М.: ЮНИТИ-ДАНА; Закон и право, 2010. – 103 с.

127. Судейская этика [Текст]: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальностям «Юриспруденция»,

«Правоохранительная деятельность» / (И.И. Аминов и др.); под. ред. Н.Д. Эриашвили. – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2015. – 247 с.

128. Суди Олӣ дар масири бист соли соҳибистиқлолӣ [Матн] / зери таҳрири Н.А. Абдуллоев. – Душанбе: ООО «T-print», 2011. – 140 с.

129. Титова, Е.В. Профессиональная этика юриста [Текст]: учеб. пособие / Е.В. Титова. – Орел: ОФ РАНХ и ГС, 2014. – 280 с.

130. Холиков, К.Н. Становление и развитие института конституционного надзора в Таджикистане [Текст] / К.Н. Холиков. – Душанбе, 1998. – 200 с.

131. Холиков, К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан: статус, организация и деятельность [Текст] / К.Н. Холиков. – М.: Изд-во Московского ун-та, 2009. – 272 с.

132. Холиков, К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан [Текст] / К.Н. Холиков; отв. ред. С.А. Авакьян. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 420 с.

133. Шеретов, С.Г. Профессиональная этика юриста [Текст]: учеб. пособие / С.Г. Шеретов. – 2-е изд., доп. - Алматы: АФ НОУ ВПО «СПбГУП», 2016. – 128 с.

134. Шодиён, И.Р. Развитие судебной власти в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.) [Текст] / И.Р. Шодиён. – Душанбе, 2021. – 160 с.

135. Шоназаров, С.А. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон [Текст] / С.А. Шоназаров. – Нашри дуюм. – Душанбе: ЭР-граф, 2015.– 252 с.

136. Этика судьи [Текст]: пособие для судей / под ред. П.В. Радутной. – М.: РАП, 2002. – 212 с.

137. Ярашев, З.М. История формирования новой судебной системы Республики Таджикистан (1991-2011) [Текст] / З.М. Ярашев. –Душанбе: РТСУ, 2011. – 34 с.

**Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:**

138. Абдрасулов Е.Б. Некоторые аспекты подготовки кандидатов и отбора на судейские должности во Франции и Испании // Юридические науки. Инновационная наука. –2018. – № 5-2. – С. 46-51.

139. Абдуллоев, Ф.А. Судебная власть и конституционное правосудие в Таджикистане [Текст] / Ф.А. Абдуллоев // Конституционное правосудие. Вопросы теории и практики / Центр Конституционного права Республики Армения. – Ереван, 1999. – 40 с.

140. Аблаева Э.Б. Порядок отбора и условия вступления в должность судей в Республике Казахстан // Пробелы в российском законодательстве. – 2017. – № 2. – С. 201-209.

141. Аблаева Э.Б. Профессиональное обучение судей как одно из приоритетных направлений совершенствования судебной системы Республики Казахстан. // Русский закон. – 2018; – № (3). – С. 153-166.

142. Авзалов, А.Х. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба барномаи islоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 [Матн] / А.Х. Авзалов // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири Маҳмудов И.Т., Сафаров А.И. – Душанбе: Империал - Групп, 2015. – С. 264-274.

143. Азизов, У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан [Текст] / У.А. Азизов // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / под ред. А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – С. 435-439.

144. Ализода, З.М. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тавассути мақомоти ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон [Матн] / З.М. Ализода // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент

Маҳмудов И.Т., ном. илм. ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 22-30.

145. Ализода, Ш.Ш. Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Ш. Ализода // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т., ном. илм. ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 41-46.

146. Аното, К. Проблемы профессиональной подготовки судей и прокуроров во Франции [Текст] / К. Аното // Материалы международной конференции 6-7 июня 2001 г. «Опыт в области подготовки судей: практика и перспективы». – М.: РАП, 2003. – С. 21.

147. Банников, Г.Н. Психодиагностика кандидатов и психологическое обеспечение деятельности судей [Текст] / Г.Н. Банников // Вестник ВККС РФ. – 2005. – Вып. № 6. – С. 75.

148. Барак, А. Роль Верховного суда в демократии [Текст] / А. Барак // Российский судья. – 2002. – № 9. – С. 44-48.

149. Блажеев В.В. Актуальные вопросы преподавания конституционного права // Сборник материалов Всероссийской конференции преподавателей конституционного права, посвященной 20-летию Конституции РФ (27 июня 2013 г.). – М.: Ун-т им. О.Е. Кутафина (МГЮА), 2013. – С. 14-16.

150. Вицин, С.Е. От формирования судебной системы к ее реформированию [Текст] / С.Е. Вицин // Российская юстиция. – 2001. – № 4. – С. 3-5.

151. Власов, И.С. Назначение на судейскую должность [Текст] / И.С. Власов // Судьи в зарубежных странах. Законодательство зарубежных стран. Вып. 2. – М., 1991. – 50 с.

152. Высоцкая, В. Особенности диагностики ценностных ориентации кандидатов на должность судьи [Текст] / В. Высоцкая // Российская юстиция. – 2005. – № 1-2. – С. 44-45.

153. Гафуров, Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане [Текст] / Х.М. Гафуров // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери таҳрири ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 121-138.

154. Грессман, М. Обучение судей в Германии: современное состояние и перспективы [Текст] / М. Грессман // Материалы международной конференции «Опыт в области подготовки судей: практика и перспективы» 6-7 июня 2001. – М.: Российская академия правосудия, 2003. – С. 24-29.

155. Диноршоев, А.М. Судебная власть в системе разделения властей в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / под ред. А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – С. 439-450.

156. Диноршоев А.М., Мирзамонзода, Х.М. Конституционный суд в системе разделения властей [Текст] / А.М. Диноршоев, Х.М. Мирамонзода // Правовая жизнь. – Душанбе, 2020. – № 2 (30). – С. 115-124.

157. Дугенец, А.С. Статус судей в Республике Казахстан [Текст] / А.С. Дугенец // Российский судья. – 2001. – № 12. – С. 43-46.

158. Ермошин, Г.Т. Организация судебной власти в Эстонской Республике [Текст] / Г.Т. Ермошин // Рос. юстиция. – 2014. – № 9. – С. 9–12.

159. Ермошин, Г.Т. Организация судебной власти в Литовской Республике [Текст] / Г.Т. Ермошин // Рос. юстиция. – 2014. – № 11. – С. 24–28.

160. Ермошин, Г.Т. О некоторых аспектах самостоятельности органов судебной власти в России [Текст] / Г.Т. Ермошин // Актуальные проблемы российского права. – 2014. – № 8. – С. 1590–1595.

161. Ермошин, Г.Т. О некоторых аспектах самостоятельности органов судебной власти в России [Текст] / Г.Т. Ермошин // Рос. правосудие. – 2014. – № 10. – С. 15–23.

162. Ермошин, Г.Т. Полномочия органов судейского сообщества в обеспечении конституционных принципов самостоятельности органов судебной власти и независимости судей [Текст] / Г.Т. Ермошин // Рос. судья. – 2014. – № 5. – С. 12–17.

163. Ершов, В.В. Профессиональное образование судей: проблемы и перспективы [Текст] / В.В. Ершов // Опыт в области подготовки судей: практика и перспективы: материалы Международной конференции. 6-7 июня 2001 г. – М.: РАП, 2003. – С. 90-98.

164. Ершов, В.В. На судью можно выучиться [Текст] / В.В. Ершов // Парламентская газета. – 2005. – 19 мая. – № 87(1704).

165. Ершов, В.В. Хочешь стать судьей? Учись! [Текст] / В.В. Ершов // Вестник ВККС РФ. – 2005. – Вып. № 6. – С. 78.

166. Ершов, В.В. Экзаменационные комиссии: большой потенциал и серьезные проблемы [Текст] / В.В. Ершов // Вестник ВККС РФ. –2005. – Вып. № 6. – С. 13-15.

167. Ершов, В.В. Специализированная подготовка юристов для работы в судебной системе [Текст] / В.В. Ершов // Российское правосудие. –2006. – № 3. – С. 48.

168. Ершов, В.В. Суд в системе органов государственной власти [Текст] / В.В. Ершов // Российское правосудие. – 2006. – № 1. – С. 43-44.

169. Ершов, В.В. Прием квалификационного экзамена на должность судьи: теоретические и практические проблемы // Российское правосудие. 2012. № 6. (74). – С. 84-95.

170. Ермошин, Г.Т. Ответственность судьи [Текст] / Г.Т. Ермошин // Рос. судья. – 2013. – № 8. – С. 32-35.

171. Ершов, В.В. О работе Высшей экзаменационной комиссии по приему квалификационного экзамена на должность судьи и повышении эффективности ее деятельности [Текст] / Ершов Валентин Валентинович // Российское правосудие. – 2017. - № 2 (130). – С. 31-35.

172. Жукова Н.К. Сравнительно-правовая характеристика отбора судей в Российской Федерации и в Республике Казахстан // Юридическая наука и правоохранительная практика. – М., 2014. – С. 156-161.

173. Исоев, М.Ш. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи низоми судӣ ва назорати прокурорӣ [Матн] / М.Ш. Исоев // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд в амушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / зери таҳрири доктори илмҳои ҳукуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 2014. – С. 75-83.

174. Клеандров, М.И. О совершенствовании механизма отбора кандидатов в судьи и наделении их судейскими полномочиями [Текст] / М.И. Клеандров // Государство и право. – 2005. – № 5. – С. 86-92.

175. Клеандров, М.И. Что такое модель идеального судьи и зачем она? [Текст] М.И. Клеандров // Российский судья. 2005. № 11. – С. 4-9.

176. Клеандров М.И. О спецпроверке кандидатов в судьи // Российское законодательство: состояние и проблемы. – 2015. – № 2. – С. 66-74.

177. Козак, Д.Н. Суд в современном мире: проблемы и перспективы [Текст] / Д.Н. Козак // Российский судья. – 2001. – № 10. – С. 5-14.

178. Леонтьева Т. Университетский комплекс непрерывного профессионального образования // Высшее образование в России. – 2005. – № 4. – С. 68-72.

179. Маҳмудов, И.Т.Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон [Матн] / И.Т. Маҳмудов // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули

Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А. ва н.и.ҳ. Диноршоев А.М. – Душанбе, 2015. – С. 10-16.

180. Маҳмудов, И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. – Душанбе, 2016. – 7 сентябр. – № 13-14 (46-47). – С. 4-5.

181. Маҳмудов, И.Т., Абдуллоев, Н.А. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов, Н.А. Абдуллоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 57-68.

182. Мартынов, Е.А. Кандидат в судьи: проблемы отбора [Текст] / Е.А. Мартынов // Вестник Высшей квалификационной коллегии судей Российской Федерации. – 2005. – Вып. 6. – С. 10.

183. Мирзамонзода, Х.М. Анализ реализации судебно-правовой реформы в Таджикистане и необходимость разработки концепции судебно-правой политики [Текст] / Х.М. Мирамонзода // Правовая жизнь. – Душанбе, 2020. – № 2 (30). – С. 133-146.

184. Мирзамонзода, Х.М. Системно-структурные начала совершенствования органов судебной власти Республики Таджикистан: современное состояние и анализ перспектив развития [Текст] / Х.М. Мирамонзода // Правовая жизнь. – Душанбе, 2020. – № 3 (31). – С. 92-97.

185. Мусоев, О. Аҳамият ва зарурати ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О. Мусоев // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 88-110.

186. Пейсиков, В.В. Обучение судей: международный опыт и российские перспективы [Текст] / В.В. Пейсиков // Российская юстиция. – 2001. –№ 5. – С. 60-62.

187. Пейсиков, В.В. Обучение судей: международный опыт и российские перспективы [Текст] / В.В. Пейсиков // Российская юстиция. – 2001. –№ 6. – С. 59-61.

188. Пейсиков, В.В. Методологические аспекты дополнительного профессионального образования работников судебной системы [Текст] / В.В. Пейсиков // Сборник трудов по проблемам дополнительного профессионального образования. – М., 2003. –Вып. 4. – С. 136-150.

189. Пейсиков, В.В. Сравнительно-правовой анализ международного и зарубежного законодательства в области статуса судей [Текст] / В.В. Пейсиков // Российский судья. – 2004. – № 12. – С. 4-8.

190. Пейсиков, В.В. Отбор и подготовка судей: международное и зарубежное законодательство [Текст] / В.В. Пейсиков // Мировой судья. – 2005. – № 1. – С. 9-13.

191. Петрухин, И.Л. Народный судья [Текст] / И.Л. Петрухин // Советская юстиция. – 1969. – № 1. – С. 10-12.

192. Пулодӣ, М.К. Ташакули ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.К. Пулодӣ // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқук, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 55-64.

193. Радутная, Н.В. Проблемы подбора и становления судей России [Текст] / Н.В. Радутная // Материалы Международной конференции «Опыт в области подготовки судей: практика и перспективы» 6-7 июня 2001 г. – М.: РАП, 2003. – С. 65.

194. Фатҳуддинов, В. Ташкилёбии судҳои иқтисодӣ ва зарурати омузиши фанни ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ [Матн] / В. Фатҳуддинов //

Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери назари н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. -Душанбе: Сино, 2014. – С. 22-35.

195. Хоҷаева, Н.Б. Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ташакулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Б. Хоҷаева // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери назари н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 145-162.

196. Хоҷаева, Н.Б. Ислоҳоти судӣ-ҳуқукӣ дар Тоҷикистон: мақсад ва вазифаҳои он [Матн] / Н.Б. Хоҷаева // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / зери таҳрири доктори илмҳои ҳукуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 2014. – С. 227-243.

197. Шаҳидуллозода М. Пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ [Матн] / Муҳаммадвалӣ Шаҳидуллозода // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / зери назари н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 50-60.

198. Шаруева, Н.В. Судейская этика как элемент профессиональной правовой культуры [Текст] / Н.В. Шаруева // Теория современного права. Мониторинг правоприменения № 2 (31) – 2019. – С. 16-19.

199. Шоҳиён Ш. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. [Матн] / Шоҳиён Шермуҳаммад // Қонуният. – 2017. – № 1. – С. 14-17.

200. Шоҳиён Ш. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ [Матн] / Шоҳиён Шермуҳаммад // Мизони қонун

(маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 12-14.

201. Юдин, В.Г. Проблемы отбора кандидатов на должности судей и помощников судей [Текст] / В.Г. Юдин // Российский судья. – 2005. –№ 11. – С. 9-11.

202. Юлдошев, Р.Р. Судебно-правовые реформы как отражение правовой политики Республики Таджикистан [Матн] / Р.Р. Юлдошев // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / зери таҳрири доктори илмҳои ҳукуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 2014. – С. 252-260.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

203. Абдуллозода, Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи Шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ) [Матн]: дис. … ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.11 / Абдуллозода Фарҳод Нусратулло. – Душанбе, 2019. – 223 с.

204. Абдулхонов, Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана (историко-правовое исследование) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Абдулхонов Файзали Маҳмудович. – Душанбе, 2011. – 190 с.

205. Ализода, З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно- правовое исследование [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Ализода Зариф. – Москва, 2013. – 334 с.

206. Мамина, О.И. Правосудие в механизме правового государства: концепции и реальность [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мамина Оксана Ивановна. – Тамбов, 2007. – 208 с.

207. Мирзоев, С.Б. Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджикистане: историко-правовое и

общетеоретическое исследование [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мирзоев Саломатшо Бозорович. – Душанбе, 2011 – 205 с.

208. Мурадов, А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Мурадов Ардашер Алишерович. – М., 2014. – 190 с.

209. Обидова, М.Н. Право граждан на участие в отправлении правосудия: теоретико-правовое и конституционно-правовое исследование /М.Н. Обидова // Автореферат диссертации … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 64 с.

210. Одинаев, Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досоветском Таджикистане [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Одинаев Рамазон Сафарович. – Душанбе, 2012. – 174 с.

211. Пейсиков, В.В. Правовые и организационные аснекты отбора, подготовки и повышения квалификации судей [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Пейсиков Владимир Валентинович. – Москва, 2006. – 327 с.

212. Рахматова, З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Рахматова Заррина Мирзобековна – М., 2017. – 200 с.

213. Рахмон, Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Рахмон Далер Сафарбек. – Душанбе, 2019. – 177 с.

214. Табаров, Н.Д. Институт военного судьи в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Табаров Навруз Довудходжаевич. – Душанбе, 2018. – 193 с.

215. Шодиев, И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шодиев Исматулло Рахматуллоевич. – Душанбе, 2009. – 176 с.

**Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]:**

216. Высший Судебный Совет Республики Казахстан. Национальный доклад о состоянии судейских кадров в Республике Казахстан. Нур-Султан – 2019, глава 2 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.zakon.kz (санаи мурочиат: 12.05.2020).

217. Высший Судебный Совет Республики Казахстан. Национальный доклад о состоянии судейских кадров в Республике Казахстан № 2. – Нур-Султан – 2020 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //www.zakon.kz (санаи мурочиат: 12.05.2020).

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Завқизода, С.А. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Завқизода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (30). – С. 65-71.

**[2-М].** Завқизода, С.А. Масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Завқизода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – № 2 (34). – С. 69-73.

**[3-М].** Завқизода, С.А. Маркази таълимии судяҳо – мақоми тақвиятдиҳандаи мустақилияти судяҳо [Матн] / С.А. Завқизода // Қонунгузорӣ (ба истиқболи 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон). – 2021. – № 2 (42). – С. 138-143.

**[4-М].** Завқизода, С.А., Маҳмудов И.Т. Амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ [Матн] / С.А. Завқизода, И.Т. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2022. – № 3. – С. 215-228.

**[5-М].** Завқизода, С.А. Падидаи коромӯз-судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Завқизода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2022. – № 5. – С. 199-205.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[6-М].** Завқизода, С.А. Принсипҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон [Матн] / С.А. Завқизода // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 64-69.

**[7-М].** Завқизода, С.А. Этикаи касбии судя ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.А. Завқизода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 83-91.

**[8-М].** Завқизода, С.А. Судебная власть – гарантия защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / С.А. Завкизода // Государствоведение и права человека. – Душанбе, 2020. – № 3 (19). – С. 29-36.